Дара□аи олии сифат □адди охирини аломати предметро нишон меди□ад.

She is the tallest of the three sisters.
Her box is the smallest of all our boxes.

Сифат дара□а□ои му□оисавиашро бо ро□□ои зерин месозад:

a) бо ёрии суффикс□ои -er, -est.(синтетик□).
b) бо □амро□ кардани more ва most пеш аз сифат (аналитик□).

Сифат□ои як□и□ог□ одатан шакли □иёс□ ва олиашонро бо ро□и якум ва сифат□ои бисёр□и□ог□ бо ро□и дуюм месозанд. [1:60].

Сифат□ои бисёр□и□огии зерин дара□а□ои □иёс□ ва олиашонро бо ёрии инфлексия месозанд:

1. Сифат□ои ду □и□огие, ки бо –y,-ow,-er,-le ба итмом мерасанд:

happy	happier	(the) happiest
narrow	narrower	(the) narrowest
clever	cleverer	(the) cleverest
simple	simpler	(the) simplest

2. Сифат□ои ду□и□огие, ки задда дар □и□ои охирашон меафтад:

complete	completer	(the) completest
concise	conciser	(the) concisest

Баъзе сифат□ое мав□уданд,ки дара□абандиашон бо та□йироти решаанд:

good	better	(the)best
bad	worse	(the) worst
many,much	more	(the) most
little	less	(the) least
far	farther	(the) farthest
	further	(the) furthest
old	older	(the) oldest
	elder	(the) eldest

3. □оида□ои хониш.

1. Агар сифате, ки бо □амсадо ба охир расида, садоноки пеш аз он омада, заддаи к□то□ □абул кунад, он □амсодо пеш аз –er ва –est □уфт мешавад.

sad	sadder	(the) saddest
big	bigger	(the) biggest

2. Агар сифате, ки бо –y ба охир мерасад-y ба -i табдил меёбад, пеш аз –er ва –est.

busy	busier	(the) busiest
happy	happier	(the) happiest

3. Агар сифате ки бо –e ба охир мерасад e пеш аз –er,-est меафтад.

brave	braver	(the) bravest
tine	tiner	(the) tinest[1:61]

Дараҷаҳои сифат. Дара□аи аломат дар сифат□ои асл□ ми□доран каму зиёд шуда метавонад. Вобаста ба ин дара□а□ои сифатро аз руи ифодаи му□оиса ба ду гур□□ □удо намудан аст:а)дара□а□ои □иёс□, б) дара□а□ои □айри□иёс□.

Дара□а□ои □иёсии сифат кам ё зиёд аломати предметро дар асоси му□оисаи предмет□ои □ам□инс ифода менамоянд. Дара□а□ои □иёси ба му□оисав□ (бузургтар, латифтар) ва ол□ (калонтарин, хушбахтарин □удо мешаванд.

Дараҷаи муқоисавӣ. Дара□аи му□осавии сифати асл□ бартарии аломати як предметро нисбат ба предмети дигар нишон меди□ад: Агар ба □ои озодатар хобиданро хо□ед, □омаи худро дар зери худатон па□н мекунед (С.Айн□).

Го□о □ангоми му□оиса аломати ду предмет му□оиса нашуда, та□йири аломати як предмет дар мар□ила□ои гуногун тара□□иёташ бо □ам му□оиса када мешавад: Дар р□и карнайча□о гулпарто□ кард, ки баъд аз он бозораш часпонтар шуд (Р.□алил).

Тарзи му□оисаро дар ифодаи бартар□ ба се гур□□ та□сим намудан мумкин аст. Ба гур□□и якум □умла□ое дохил мешаванд, ки дар он□о □ам му□оисакунанда ва □ам му□оисашаванда мав□уданд: Аспони □амро□они ман назар ба аспи ман ло□артар буданд, аммо он□о бар р□и ях паси ман хубтар ва чолоктар мегаштан (С.Айн□).

Гур□□и дуюм □умла□оеро фаро мегирад, ки дар он□о унсури му□оисашаванда мав□уд нест. Вай ё дар □умла□ои пеш зикр ёфтааст ва ё аз мазмуни матн ба осон□ фа□мида мешавад: Колхозчиёни боинсофтар □осили баланд р□ёндани □ро аз □айратманд□ ва ме□натд□стии Зубайда (С.Улу□зода).

Дар □умла□ои гур□□и сеюм аломати □амон як предмет дар вахт□ои гуногун му□оиса карда мешавад. Ин хусусият ба он сифат□ои дара□аи му□оисав□, ки □иссаи номии фели таркиб□ шуда омадаанд, хос мебошад: □амчунон ки умеди арбоб бо □усули муддаои худ □авитар гардид, □амчунон тарсу бими Бибиоиша □ам зиёдтар шуд (С.Айн□) [2:134].

Дар забон □ангоми му□оисаи аломати предмете, ки бо □ам му□оисашаванда чунин □олат□о дида мешаванд:

1. аломати як предмет бо аломати предмети дигар му□оиса мешавад: Шумо аз ман □авонтар будаед?-пурсид оймулло (Ҷ.Икром□).
2. аломати як предмет бо аломати предмет□ои □ам□инс му□оиса карда мешавад: Дуруст аст, шиками ин одам аз шикам□ои одамони дигар хеле калон буд(Айн□).
3. аломати якчанд предмет бо як предмет му□оиса карда мешавад: Сафар □улом ва Эргаш дар коммунист□ аз ту к□□таранд (С.Айн□).
4. аломати якчанд предмет бо аломати якчанд предмет му□оиса карда мешавад: Хамин □адараш □аст, мо калонтар, ин□о донотар, яъне мо соддатар, ин□о фиребгартаранд. Эшон аз мурдаш□ён боиззаттар ва хуштолеъъаранд (С.Айн□).
5. дар мавриди му□оиса баъзан аломат□ои гуногуни як предмет бо □ам му□оиса карда мешаванд: Нон бошад-ч□?- гуфт гадозан,- барои мо барин кампир□ои бедандонтар кардагиаш аз хушкаш бе□тар аст (С.Айн□).
6. дара□аи □иёсии сифат дар ва□ти □узъи номии феъл шуда омадан вобаста ба хусусияти феъл□ои ёриди□анда чунин маъно□оро ифода мекунад:

а) му□оиса бо аломати пештараи предмет (манти□ан) амал□ мегардад: Ва□те ки □ калонтар ва серпултар шуд, майдафоидах□рии сарик□чагиро, ки

баъзан пулаш мес□хт, ба як тараф гузошта ба д□кондорони калон ва савдогарон муомила сар кард (С.Айн□).

б) му□оисаи аломати предмет бо аломати баъдинаи он: Ва□те □ишло□ бойтар мешавад, хо□агии коллектив□ имконият меди□ад, ки дар па□луи он шумо як беморхона □ам бино кунед (Р.□алил).

Дара□аи бартарии сифат бо ду ро□ ифода меёбад: а) синтетик□, б) аналитик□(таркиб□).

Ро□и синтетик□: Ро□и синтетики ро□ест, ки дар он дара□аи бартар□ ба воситаи афзудани суффикси –тар дар охири сифати асл□ ба амал меояд: бузург – бузургтар, му□им –му□имтар. Дар усули □иёси синтетики му□оисашаванда дар □умла зикр намеёбад, вале вай аз мазмуни матн ба осони фа□мида мешавад. Бо ин ро□ аломати як предмет ба аломати худи он ва дар маврид□ои гуногун му□оиса карда мешавад[2:135].

Суффикси –тар ба сифат□ои асл□ □амро□ шуда, як□оя бо он тобиш□ои гуногуни маъноиро мефа□монад:

а) нисбатан зиёд, пур□уввату бар□арор шудани аломати предмети му□оисакунандаро: Не, сад бор не! □амаи гап дар □амин,ки ме□нат бекор наравад, кор осон шавад,зиндаг□ бе□тар шавад (Ҷ.Икром□).

б) кам□ ва норасои аломати предметро: Бемор бошад р□з то р□з сустар ва бемадортар мушуд (С.Айн□). Дар лабони хубр□ён ханда □усни дигар аст.

Дар сифат□ои чида □ои суффикси –тар гуногун аст:

а) бо □ар аъзо□ои чида омада, маънои □узъи чидаро ало□ида таъкид мекунад: Бой шиками танобчиро сер карда буд,ки з□р шуда □адами худро калонтар ва кушодтар монда… (С.Айн□).

б) бо яке аз сифат□ои чида меояд ва ба □амаи аъзо□ои он баробар таалу□ дорад: Менамояд ба дида ба□отат-Пурсафо,дилнишину хуррамтар (М.Турсунзода).

Сифат бо дара□аи му□оисав□ дар □умла пас мавсуф меояд: Агар ба □ои озодатар хобиданро хо□ед, □омаи худро дар зери худатон па□н мекунед, х□р□инатонро болин мекунед ва хобидан мегиред (С.Айн□).

Сифат□ои дара□аи му□оисав□ барои таъкиди аломат го□о пеш аз мавсуф оварда мешаванд: □озир шумоя дидаму ба дилам гуфтам, ки аз эшон□они хурд□ боэътимодтар, донотар ва бохабартар касе нест, биё аз □амин кас пурсида гирам (Ҷ.Икром□).

Хусусияти дигари дара□аи му□оисавии сифат дар забони адабии □о-зираи точик он аст, ки шакли синтетикии вай дар □умла баъзе калимаю таркиб□ои таъкид□ □абул мекунад. Дар ин хол аломати предмет пур□увваттар ифода мегардад.

1. Зарфи «боз», ки ба таври иловагй зиёд ё кам шудани аломати предметро мефахмонад: □амон □удрати самоворчии худамон, — Пулод ба оянда боз хубтар ди□□ат карда... (С.Айн□).

Калимаи «боз» бо сифат□ои мукоисавии чида низ омада метавонад. Дар ин маврид «боз» го□о пеш аз аъзом чидаи аввал ё ки пеш аз □ар як аъзои чида вокеъ мешавад: Шаб□о боз фо□еътар ва боз □онко□тар мегашт (С.Айнӣ).

2. Зарфи «боз» ва □иссачаи «□ам». Агар «боз» бо дара□аи мукоиса вии сифат омада, афзудани ми□дори аломати предметро фа□монад, бо

илова гаштани «□ам» маънои вай таъкид меёбад ва пуркувваттар ме гардад: Бинобар ин ба шумо узр гуфтан□ ва аз дилатон баровардан шуда ба пеши шумо нишастам, гуфт бо о□анги боз □ам мулоимтар, лекин чидд□ (С.Айнӣ).

Ин калима□о бо сифат□ои чида го□о пеш аз аъзои чидаи аввал, го□о бо □ар як аъзои он меоянд: Ра□си □ дар зери усули устодонаи Мулло□омид боз □ам мо□иронатар, боз □ам нодиронатар баромад (С.Айнӣ).

3. Зарфи «торафт», ки ба дара□аи мукоисавии сифат хамро□ шуда, афзоиш ё камшавии пайдар□амии аломати предметро мефахмонад: Чашмони каме аз ин пеш ни□оят □иддии Ашрафпартизан торафт шод-монтар мегардиданд (Р.□алил).

4. Зарфхои «андак», «кадре». Ин калима□о ба сифат тобиши зиёд ё кам шудани микдори аломати предметро илова менамоянд: Ана дар ин гуна тазъики об, ки баъзан труба□ои □□ян□ ва цементии андак тунуктар тоб наоварда кафида мераванд, трубахои сафолнни шумо мумкин нест, ки тоб ованд (С.Айнӣ). Дар р□з□ои охир □адре бе□тар шуда, сар аз болишт бардошта буд ... (С.Айнӣ).

5. Калима□ои «дучандон», «□азор бор», «чанд дара□а», «чандин маротиба» ва □айра□о, ки дар худуди муайян зиёд шудани аломати предметро аз □и□ати ми□дор ва дара□а таъкид мекунанд:

Дуюм ин, ки шароити зиндагониаш бо Одина чанд дара□а душвор-тар буд, зеро Одина уро чунон ки ма□буби аз □он ширинтар буд, инчунин ягона иарастораш хам у буд... (С.Айнӣ). ...аз ин гуна беаеое аз тарсида гурехтап, ки р□зе чанд бор во□еъ мешавад, бо шам[щери аскарони сурх кушта шудан □азор **бор** бе□тар аст (С.Айнӣ). Шабхо дар чога□и танхои фикру хаёл карда, он хикояро худаш боз □ам **чандин мароти-ба афзунтар** карда медид (Ҷ.Икромӣ) [2:136].

Суффикси дарачаи му□оиеавии **-тар** дар забони адабии □озираи то□ик серистеъмол мебошад. Ин суффикс на тан□о бо сифат□ои гуногун-маънои асл□ дарачаи мукоисав□ месозад, балки бо сифатхоп нисбии ба сифати асл□ гузашта, сифати феъл□ ва исм□ои ба зарф табдильёфта ва ё сифатхои иктибос□ низ меояд: **равғанинтар, ҷақондидатар, олудатар, арзандатар, абстракттар, конкреттар.**

Рохи аналитики. Б.о рохи аналитики (ё таркиби) ифода гаштани му□оиса он аст, ки прсдмст□ои киёсшавапда дар □умла хузур дошта, сифати аслй бо ёрии пешоянд□о дарачаи му□оиса месозад: Ин хона аз он хона калон аст.

Дар ташкили мукоиса пенюяндхо а□амияти махсус дошта, ма□з бо ёрии онхо ва сифати асл□ му□оиса сурат мегирад. Дар му□оисаи аломати предмст□о пешоянд□ои зерин иштирок мекунанд:

1. **Пешоянди аз.** Яке аз роххои асосни бо ро□и аналитики ифода намудани дара□аи бартарии сифат як□оя омадани пешоянди аз ва си фати асл□ бо □узъ□ои му□оиса мебошад. Дар ин вакт предмети му□оисашаванда дар шакли дара□аи одди ва ё бартар□ меояд:

На□з, — гуфт Шодй, — аммо тарбуз□ои полези колхози мо **аз** ин **ҳам калонтар** ва хеле ширин мешавад (Ҷ.Икром□).

Дар як ва□т истифода шудани усули му□оиса а□амияти услуб□ дорад, бо ин восита маън□ таъкид меёбад.

2. **Пешоянди «аз» ва пасоянди «дида».** Дар чумла мукоиса метавонад дар як ва□т бо ду воситаи грамматики — бо пешоянди «аз» ва калимаи «дида» ояд. «Дида» нисбат ба пешоянди «аз» вазифаи ёридихандаи иловагиро и□ро мекунад. Пасоянди «дида» доимо пас аз пешоянди «аз» ва предмети му□оисакунанда (агар му□оисакунанда бо худ калимахои тобеъ дошта бошад, пас аз онхо) во□еъ мешавад. Дар ин маврид сифат метавонад дар шакли дара□аи му□оисав□ ва ё дара□аи одд□ истифода гардад:

3. Аз хонаи оймулло **дида** ба вай ин □о **нағз** нест магар? (Ҷ.Икромӣ). Аз ман **дида** ту худат маро **хуб** медон□ (Ниёзй). Аммо шумо, дугона□о, аз **ман дида озодтаред** (Ҷ.Икромӣ).

Дар таркиби мукоиса омадани пасоянди **дида** асосан хоси забони гуфтут□й буда, бештар дар нут□и персонажхои асари баде□ вомех□рад.

Пешояндхои нисбат ба, назар ба. Дар забони адабии □озираи то□ик му□онса иичунин ба воситаи пешояндхои таркибии **нисбат ба** ва **назар ба** ифода мешавад. Дар ин маврид сифати асл□ дар шакли дарачаи одд□ ё дарачаи му□оисавй омада метавоиад: Духтур бо пан□ахои **нисбат ба дасти кӯтоҳаш дароз...** набзи Пулодро гирифт... (Р.Ҷалил). Вай... ба аскарбачаи **нисбат ба дигарон сертараддуди камкор...** муро□иат кард (Ф.Ниёзй). Аспони □амро□они ман **назар ба** аспи ман **лоғартар** буданд (С.Айнӣ).

Шакли му□оиса бо псшоянд□ои таркиб□ дар □умла бо сифат□ое омада метавонад, ки калима□ои □увватди□анда доранд. Он□о бо маф□уми му□оиса тобиши боз □ам зиёдтар шудани аломати предметро илова менамоянд: Дар дари яке аз ин ху□ра□о, ки нисбат ба дигар□ояш **кадре калонтар** аст, «золи заседани», «нишеманго□и амир» гуфта навиштаанд (С.Айнӣ).

□ангоми бо пешоянд□ои мазкур ифода ёфтани мукоиса дар □умла мав□уд будани □узъ□ои мукоисакунандаю му□оисашаванда □атмист, чунки он□о аломати предмет, □одиса ё во□еаро бо аломати ба он монанди предмет, □одиса ва во□еаи дигар ё ки бо аломати худи он (фа-кат дар мавридхои гуногун) мукоиса мекунанд: Дар он сарой Боярчй ном як □инду буд, ки **нисбат ба дигарон** як дара□а **камбӯйтар** ва **озодтар** буд (С.Айнӣ). Хо□араш нисбат ба □ баланд□оматтар ва сафедр□йтар буд («Садои Шарк»).

Дар ин мисол□о аломати предмет□ои гуногун мантикан бо □ам му□оиса шудаанд. Дар мисол□ои зерин аломати □озираи предмет бо аломати пешина ё баъдинааш мукоиса карда мешавад: **Ҳавлии Қарокӯли-бои машқур,** ки дар гузари Чордараи Бухоро буд, он р□з нисбат ба дигар р□з□о **серрафтуойтар** шуда буд (Ҷ.Икромӣ).

4. **Ифодаи муқоиса бо зарфи нисбатан.** Мукоиса **ба** воситаи зарфи **нисбатан** низ ба ву□уд меояд. Бо зарфи **нисбатан** сифат метавонад дар шакли дара□аи одди ё ки дара□аи му□оисав□ ояд: Дигар то ба худи гузари К□калтош мо аз ро□и калон рафтем, ки ба □ар □ол **нисбатан сер-рафтуой** буд (Ҷ.Икромӣ). □ама мехостанд, ки то тахт шудани □у□□ат□о ва и□озатномаи сафари Мадинаи мунаввара ду-се р□зи интизориро дар ин ша□рчаи обу □авош **нисбатан** сабук гузаронанд (Ф.Му□аммадиев). Одатан шамъ ва□те ки с□хта ба поён расид, як ш□лаи **нисбатан**

боқувваттар мебарорад ва дар паи он тамоман хом□ш мешавад (С.Айнӣ). Занаш, ки **нисбатан** ба **назар ҷавонтар** менамуд, дар сари оташдон х□рок мепӯхт (Р.□алил).

Дар □олати муқоиса бо калимаи **нисбатан** предмети муқоисашаванда дар □умла намеояд, аммо он аз мазмуни матн ба осон□ фа□ми-да мешавад[2:137].

Дараҷаи олӣ. Дара□аи олии сифат □адди охирини аломат ва ё ба дара□аи олии аломат со□иб будани яке аз предмет□ои □ам□инсро дар мукоиса бо предмети ало□ида ё гур□□и предмет□о мефа□монад: **аз ҳама калонтар, аз хама хубтар, бехтарини роҳхо, зеботарини иморатхо, машҳурта-рин олим, зеботарин шаҳр, наздиктарин дуст.**

Дара□аи олии сифат бо ду ро□ ифода мешавад: а) бо ро□и синтетики, б) бо ро□и аналитики.

1) Роҳи синтетикӣ. Ин шакли дара□аи ол□дар нати□аи ба сифати асл□ □амро□ шудани суффикси мураккаби **-тарин** ба вучуд меояд: Хосият хурсанд буд, ки шав□араш имр□з бо дугонаи **наздиктарини** вай д□стона муомила мекунад (Улу□зода). Артисткаи **пешкадамтарин,** зан озод, намунаи духтари мадании совет□ буд (Икромӣ).

2) Роҳи аналитикӣ. Шакли мазкур бо ро□и ба хам омадани таркиб□ои **аз ҳама,** аз **тамоми** ва сифати асл□ сурат меёбад: **аз ҳама доно, аз хама пешқадам, аз тамоми** касбу хуна□о авлотар.

Дар ин маврид□о сифати асл□ дар шакл□ои зерин меояд:

а) дар шакли дара□аи одд□: — Рост, оймуллои ту **аз ҳама** як сару гардан **баланд** буд (Икромӣ);

б) дар шакли дара□аи му□оисавй: Дар болои буз факат як нафар саворони **аз ҳама ғаюртар** монданд (Улу□зода).

Таркиб□ «аз □ама» бо сифат□ои аслии одд□, му□оисав□ ва ол□ шакли дара□аи олии сифатро ташкил дода, хусусияти махсуси услуб□ зо□ир мекунад. Масалан, дар ибора□ои «кори аз хама душвор» ва «кори аз хама душвортар» сифати дуюм назар ба якум бештар таъкид меёбад[2:138].

Дараҷаҳои ғаириқиёсии сифат. Дара□а□ои □айри□иёс□, чунон ки дар боло □ам ишора шуд, аломатро бе му□оисаи предмет□ои хам□инс ифода менамоянд. Агар дар дара□ахои □иёс□ ма□сади асос□ дар му□оиса муайян намудани бартарии аломати предмет□ои □амчинс бошад, дар категорияи дара□ахои □айри□иёс□ чизи асос□ нишон додани кам ё зиёдии аломат аз меъёри м□ътадил мебошад: барги заб-зард, ранги за□ирча.

Дара□а□ои □айри□иёс□ ду хел мешаванд: дара□аи зиёд□ ва дара□аи камии аломат.

Дара□аи зиёд□ маънои зиёд будани аломати предмет, □одиса ва во□еаро мефа□монад, маъноеро мефа□монад, ки аломат дар предмете аз меъёри м□ътадил беш аст. Дара□аи зиёдии аломат бо чунин ро□□о ифода меёбад:

1) бо ро□и бевосита такрор шудани сифати асл□: либосхои лах-лах, олу□ои калон-калон, мижгон□ои дароз-дароз;

2) бо ро□и бо сифатхои асл□ омадани зарф□ои ми□дору андоза: хеле озода, басо хуб, бисёр зебо, нихоят хатарнок, ба□оят реза, бехад борик, беандоза ширин, бенихоят шод, аз хад зиёд: То як поси шаб бо тамошои ин манзараи табиат хобаш

набурд. Оянда ба назараш бисёр дурахшон метофт (Айнӣ). Аз май хавотир нашавед, ?аноб, а?волам басо хуб аст (Му?аммадиев).

3) бо ро?и такрори нопурраи сифат?ои таъкид?, ки мазмунан дара?аи олии аломати предметро бе му?оиса ифода менамоянд. Дар ин шакл чунин конуниятро мебинем: ?и?ои аввали калима такрор шуда, овози охирини он мувофи?и ?онуни фонетик? вобаста ба мав?еаш пеш аз бе?аранг ояд, ба «б», ?арангдор ояд, ба «б» ё «д» бадал мешавад: каб-кабуд, буд-бутун, заб-зард: Бо шунидани ин сухан рангу р?и Гул-нор аз хи?олат суп-сурх шуд (Айнӣ**).**

Дар калима?ои каппа-калон, топпа-тоза, дуппа-дуруст ва мисли ин?о баробари ниго? доштани хи?ои аввал овози охирини ?и?о ба «п» табдил гашта, барои ?ифзи бутуни калима ва ё ташкили ?амвазн? бо он ?и?ои дигар дар шакли «па» хамрох мешавад: Муким, ба ?авли Ака-Истад дуппа-дуруст, бо падараш чой х?рда менишаст (Икромӣ). Шакли мазкури дара?аи гайрикиёс? асосан хоси услуб? гуфтуг?ист.

Дара?аи камии сифат аз меъёри м?ътадил паст будани аломати предметро мефахмонад. Вай бештар аломат?ои ифодакунандаи рангро дар бар мегирад ва ба дара?аи одд? нарасидани ягон хели онро нишон меди?ад.

Дара?аи камии аломат бо чунин восита?о ифода меёбад: а) ба воситаи ?амрох шудани суффикси -ча ба сифати асл?, ки тан?о бо сифатхои маънои ранг омада аз ранги м?ътаднл кам, яъне ба он нарасидани аломатро мефа?монад: Ранги **захирчаи** р?и **вай (Ра-**?аб) холо аз таъсири май андак сурх шуда буд ва беором меваю нон мехоид (Р.Ҷалил). Дар ин ва?т дарро нопурсиш кушода як ода ми ?оматбаланд, ки ба сараш саллаи хокистарранг, дар танаш чакма-ни нимдошти зардча ва дар пояш м?заи пошнаборик дошт, даромада омад (Р.?алил).

б) ба воситаи суффикси -тоб, ки бо сифат?ои ифодакунандаи ранг ё хусусият?ои гуногуни одамон меояд: ?ариб дар миён?ои хона, дар болои ?олини калони абрешим? наздик ба тиреза столи бузурги **сиёҳ-тобе** гузошта шудааст (?.Карим).

в) якбора бо ду суффикс ифода шудани маънии ба ранги м?ъта-дил нарасидани аломати предмет мумкин аст: П?сташ монанди ишкам-баи кадре холишуда ?рт-?рт хеста меистод, рангаш хам монанди ран ги ишкамба **сафедчатоби** моил ба хокистар? менамуд (С.Айнӣ) [2:138].

Дар хулоса бояд зикр кард, ки дар ?ар ду забон сифат ?иссаи муста?илмаънои нут? буда, категорияи дара?абанд? дорад. ?ар як ?иссаи номии нут? ашёро аз ягон ?и?ат шар?у эзо? ди?ад, сифат аломат ва хусусияти ашёро ифода мекунад. Аммо дар ?ар ду забон?о дара?абандии сифат гуногун мебошад: дар забони англис? сифат?ои биёр?и?ог? бо ёрии калима?ои- more - most сохта мешаванд: more beautiful, the most beautiful, дар забони то?ик? бо ёрии суффикси-тар ва-тарин сохта мешаванд: калонтар, калонтарин.

Дар ма?олаи мазкур ро??ои дара?абандии сифат дар забони англис? ва тоҷикӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, роҷеъ ба паҳлӯҳои гуногуни он, бо истифода аз маводҳои илмӣ, ки метавонад ҳамчун

ташвиқу тарғиб ба рушди илми ҷомеаи имрӯза хидмат расонад, оварда шудааст.

Адабиёт:

1. Каушанская В.Л. Грамматика английского языка. Пособие для студентов педагогических институтов/В.Л. Каушанская, Р.Л. Ковнер, О.Н. Кожевникова, Е.В. Прокфьева и др. – 5 – е изд. испр. и доп. – М.: Айрис – пресс, 2008. – 384с.: ил. – (Высшие образование).

2. Грамматикаи забони адабии ?озираи то?ик. Ш. Рустамов, Р. ?аффоров. «Дониш», Душанбе. – 1985. –349 с.

ПОСЛОВИЦЫ И ПОГОВОРКИ СО СЛОВОМ «ЯЗЫК» В АНГЛИЙСКОМ, РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Ризоева Гулнора Икромовна *- ассистент кафедры романо-германских языков Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, 734019, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17\6, тел.: (+992) 918786455.*

Пулатова Мунирахон Шарофхоновна *- ассистент кафедры романо-германских языков Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, 734019, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17\6, тел.: (+992)985808989.*

В данной статье рассматривается сопоставительный анализ фразеологизмов, пословиц и поговорок в таджикском, русском и английском языках, а также возможные пути сохранения смысловых оттенков в процессе их перевода. Авторы после изучения соответствующей литературы пришли к выводу, что употребление примеров сопоставительного характера, свидетельствующие о родственных связях в таджикском, английском, русском языках о смысловых совпадениях и воспитательной значимости фразеологических единиц, способствует лучшему усвоению язык.

Ключевые слова: *язык, мудрость, фразеологизм, пословица, поговорка, перевод, традиция*

ИСТИФОДАИ ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛ□О ДАР ЗАБОН□ОИ АНГЛИС□, РУС□ ВА ТОҶИК□

Ризоева Гулнора Икромовна *– ассистенти кафедраи забонҳои романӣ-германии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17\6, тел.: (+992) 918786455.*

Пулатова Мунирахон Шарофхоновна *- ассистенти кафедраи забонҳои романӣ-германии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17\6, тел.: (+992)985808989.*

Дар мақолаи мазкур масъалаи истифода ва ифодаи зарбулмасал ва мақол□о дар забон□ои англис□, рус□ ва тоҷик□ мавриди баррас□ қарор дода шудааст.

Ба ақидаи муаллифон зарбулмасал ва мақол□о дар забон□ои зикргардида хусусияти тарбияв□ дошта, инчунин ба □амдигар алоқамандии зич доранд.

Калидвожаҳо: *калом, хирадмандӣ, фразеология, зарбулмасал, мақол, тарчума, анъана.*

PROVERBS AND SAYINGS WITH THE LEXEM “LANGUAGE” IN ENGLISH, RUSSIAN AND TAJIK

Rizoeva Gulnora Ikromovna **-** *assistant of department roman-german languages Tajik state Institute of languages named after Sotim Ulughzoda, 734019, Dushanbe city, 17/6, Muhammadiev street, tel.: (+992)918786455*

Pulatova Munirakhon Sharofkhonovna - *assistant of department roman-german languages Tajik state Institute of languages named after Sotim Ulughzoda, 734019, Dushanbe city, 17/6, Muhammadiev street, tel.: (+992)985808989*

The article focuses on phraseological units, the similarities and differences between English, Russian and Tajik proverbs and sayings.
There are a lot of examples in the article to illustrate that the three languages have much in common. They also illustrate semantic coincidence of English, Russian and Tajik phraseological units, their educational use.

Key words: *language; vise; phraseological units; proverb; saying; translation; tradition*

Мудрость и дух народа проявляется в пословицах и поговорках, а знание пословиц и поговорок того или иного народа, способствует не только лучшему знанию языка, но и лучшему пониманию образа мыслей и мировоззрения народа.

Словарный состав таджикского языка богат и красочен, в нем широко употребляются различные фразеологические единицы, способные придать любому тексту нужную экспрессивность, эмоциональность и своеобразие. Фразеологические единицы (ФЕ), как известно, делятся по значению и характеру на разные типы, однако в формировании тональности общения главную роль играет слова, основная лексема.

Одним из главных средств хранения и передачи этнокультурной информации являются пословицы и поговорки.

Пословицы и поговорки наиболее многогранно и полно раскрывают национальный характер, менталитет, совокупность наиболее значимых черт этноса и нации.

М.Н. Дубровин подчеркивает, что «мудрость» и дух народа ярко проявляется в его пословицах и поговорках, а знание пословиц и поговорок того иного народа способствует не только лучшему знанию языка, но и лучшему пониманию образа мыслей и характера народа» [1, с. 678].

Пословицы и поговорки являются связующим звеном между языком, культурой и менталитетом.

Пословицы и поговорки являются отражением языковой картины мира того народа, который их создавал и передавал через многие поколения. Известно, что каждая мысль, заключенная в пословице и поговорке, закрепилась в сознании носителей языка не только потому, что она глубока и мудра, но и языковое оформление этих мудрых изречений делают их запоминающимися и воспроизводимыми.

В составе пословиц и поговорок, ключевые слова, которые обозначают профессии, предметы быта, животных, растения т.д. наблюдаются определенные лексические расхождения. Это связано с особенностями образа жизни людей данных стран, традиций, спецификой быта, географическими условиями.

Исследователи считают, что в основе целостного смыслового содержания пословицы – не понятие, а суждение. Пословица в обобщенном *виде* показывает свойства людей или явлений (как бывает), дается оценка (то хорошо, а это плохо) или предписывает образ действий (следует или не следует поступать). В поговорке мысль и цель излагаются совершенно открыто, вывод содержится в самой форме поговорки в виде назидания.

Прежде чем исследовать пословицы и поговорки в нашей работе, мы рассмотрели значение этих понятий.

В словаре русского языка С. И. Ожегова под пословицей понимается «краткое народное изречение с назидательным смыслом», а под поговоркой-образное выражение, «не составляющее, в отличие от пословицы, законченного высказывания и не являющееся афоризмом» (4, с 457). В знаменитом словаре русских пословиц В. И. Даль даёт следующее определение «пословица-коротенькая притча [6] Это- суждение, приговор, поучение, высказанное обиняком и пущенное в оборот, под чеканом народности. Пословица- обиняк, с приложением к делу, понятный и принятый всеми. Поговорка- окольное выражение, но без причин, без суждения, заключения, применения; это первая половина пословицы» (С) Исходя из этих определений, можно сделать следующий вывод, что пословица- это законченное высказывание, которое учит чему- то, а поговорка- это незавершенное высказывание, которое не имеет поучительного характера,

Пословица и поговорка- продукты народной речи.

Поговорка сходна с пословицей, но в отличие от пословицы, не является полным суждением, а лишь его частью. Сам народ вот как цитируют такое различие пословицы и поговорки: «Пословица- ягодка. Поговорка- цветочек» Отсюда вывод, что в пословицах заключена народная мудрость, законченное суждение.

Некоторые таджикские исследователи отмечают, что пословица «зарбурмасал»-это иносказание. Поговорка «масал»-это прямое выражение мысли, обычно без иносказания [8]. Народ говорит, «Зарбурмасал дар гап-асал» - «Пословица в речи- мёд», «Ҳикоят аз масал бе мисл шавад» - От пословицы речь становится бесподобной, «Дар масал муноқиша нест» - «О (сказанной) пословице не спорят»

Пословицы и поговорки на английском языке.

Proverb – short sentence, etc., usually known by many people, stating something commonly experienced or giving advice. Saying – a well-known and wise statement which often has a meaning that is different from the simple meanings of the words it contains.

В словаре Macmillan Dictionary “Proverb – a short well known statement about life. Saying – a well-known statement about what often happens in life”[7].

Из определений видно, что в английском языке нет четкого определения разделения между пословицей и поговоркой, но ключевые слова те же, что и в русском, short statement, advise, experience. Таким образом, и в русских, и в английских, и в таджикских пословицах и поговорках заключен многовековой опыт народа.

Язык – одно из слов, часто встречающихся во фразеологизмах. Это обусловлено тем, что феномен языка чрезвычайно важен для человека, именно с ним часто связано представление о способности говорить и общаться. В

таджикском языке идея говорения (или, наоборот, молчания) прослеживается во многих фразеологизмах, включающих в своей состав компонент языка.

Русским словам язык, слово, речь в таджикском языке соответствует такие лексемы, как забон, сухан, калом, гап, а в английском соответствует такие лексемы, как language, word, speech и другие.

Такие понимание значимости слова послужило основой для возникновения многочисленных пословиц, поговорок и фразеологических единств, имеющих в своем составе лексему язык, например:

Таблица № 1.

Таджикские ФЕ и метафры	Перевод, на язык английский	Перевод, на русский язык
Забон дон□ – ча□он дон□	*To know the languages to know the world*	Знание языка – это знание мира
Забони мурғонро мурғон медонанд	Blood is thinker than water	Птицы понимают птиц
Забони хуш морро аз хонааш берун оварад	All doors open to courtesy	Ласковое слово не трудно, а споро
Безабони бе□ аз дур□□г□□	A lie begets a lie	Ложь порождает ложь
Дар р□и забон асалу дар зер ях	A honey tongue, a heart of gall	На языке мёд, а под языком лёд
Ошно донад забони ошно	*Birds of a feather flock together*	Рыбак рыбака видит из далека
□ар сухан ҷоеву □ар нукта мақоме дорад	*Everything is good in its season*	Всему своё время
Аз захми сухан захми табар бе□	*Hard words break no bones.*	Бритва скребет, а слово режет
Забони сурх сари сабзро ба бод меди□ад. Да□они баста □азор тилло	*Speech is silver but silence is gold*	Слово - серебро, молчание – золото

Источники: [6; 9]

В разговорном таджикском языке часто употребляется слово *гап,* которое является абсолютным синонимом лексемы *сухан*. В речи нередко встречаются фразеологизмы, словосочетания, фразеологические единства и др. содержащие лексическую единицу *гап,* например:

Таблица № 2

Таджикские ФЕ	Перевод, на английский язык	Перевод, на русский язык

гап - гап кардан	Chat, gap	беседовать, говорить
гап бар замин намондан	I don't care if I do, don't mind if I do	не отказать
гапи бофта	tall never loses in the telling	выдумка
гапи хушк (гапи бисёр як хара бор)	Leaves without figs	пустые слова
гапи ширин	Sweet lines,	Приятные слова
Мор бо гапи ширин аз хонааш баромадааст (мақол)	A soft answer turns away wrath (proverb)	на сладкие речи змея выползает из норы (погов.)
гапро ба як сӯ мондан	Dry up, break off the conversation	прекратить разговор
гапро дароз (кашол) кардан	talk profusely [-s-] (about), hold forth (on), expand (on), talk on and on	Разглагольствовать, тянуть разговор
гапро дигар кардан	skipping from one topic to another	менять тему
гапи касеро гардондан	Contradict, argue	возражать, перечить кому-л.
гапи касеро буридан	Chop off	Прерывать кого-л.
аз гап (қавл)-и худ гаштан	Eat one's words; take back words	не сдержать своего слова, брать назад слова
дар байни гап даромадан	Barge in, barge into, horn in,	встревать в разговор
гап ҳамин	Thus; so; well; in a word	Итак
гапашон напухт	An old cat, in an ill hour	не поладить, не договориться
аз гап гаштан	Take back ones word	Брать свои слова назад

Источники: [6;11;12]

Перевести на английский, русский язык таджикские фразеологические обороты с сохранением присущего им культурного компонента невероятно сложно, но подобрать соответствующий эквивалент можно, ср.: Бе меҳнат роҳат муяссар намешавад – he knows best what good is that has endured evil – без труда не вынешь и рыбку из пруда; Ҳар сухан чоеву ҳар нукта мақоме дорад –

everything is good in its season – всему свое время; Бузак - бузак намур, ки ба□ор меояд – every dog has its day – будет и на нашей улице праздник; Гурги борондида – тертый калач или стрелянный воробей – experience in the mother of wisdom; Гули сари сабад – душа общества – a respected person. [6]

Пословицы и поговорки многообразны. Пословицы и поговорки всегда останутся актуальными. Уместное и правильное использование пословиц, и поговорок придаёт речи неповторимое своеобразие и особую выразительность. Цель исследования заключается в том, что в работе предпринята попытка анализа пословиц и поговорок на основе сравнения трех языков (английского, русского и таджикского), в ходе чего выявляется ряд сходств и различий, что и было целью нашей работе.

Все пословицы и поговорки мы разделили на IV группы:

Первая группа: перевод пословиц и поговорок с английского языка полностью совпадают: What's done cannot be redone - чизи ба анчом расидаг□ аз нав намешавад – что сделано то сделано.

Вторая группа: перевод с английского на русский и таджикский не совпадают. Для того, чтобы донести смысл необходимы русские эквиваленты: No man is an island – аз як даст садо намебарояд – один в поле не воин.

Третья группа: перевод пословиц и поговорок с английского языка на русский и (или) таджикский не совпадает: Haste makes waste – кори шаб хандаи руз – постешишь людей насмешишь.

Четвертая группа: английские пословицы и поговорки, похожие на русские и таджикские по лексическому составу, но противоположные по смыслу: Knowledge is power – знание – дороже богатства – дониш қимматтар аз сарват.

При сравнении пословиц и поговорок английского, русского, таджикского языков, мы пришли к выводу, что эти народы имеют много общего в понимании мира, что в свою очередь, способствует их сближению. Подбирая аналог английской пословице в русском языке необходимо опираться на совпадение их главных значений, но иногда из-за специфических особенностей они могут и быть эквивалентными.

Практическая значимость в том, что результаты могут быт применены на практических занятиях по английскому языку.

Литература:

1. Дубровин М. Н. Сборник пословиц и поговорок на пяти языках: русский, английский, французский, испанский и немецкий. - М: РОСМЭН,1998.-221с.

2. Ересько П.В., Ересько Д. А. Использование информационных технологий для обработки данных гуманитарного исследования (на материла русского и немецкого языков). Приоритетные научные направления: от теории к практике. 2016 С.143-149

3. Кузьмин С.С., Шадрин Н.Л. Русско – английский словарь пословиц и поговорок.- Москва: Русский язык, 2008. – 300 с.

4. Калонтаров Я. И. Мудрость трех народов. – Душанбе: Адиб,1989 – 430 с.

5. Луғати мухтасари точик□ – рус□ (Краткий таджикско – русский словарь). - Душанбе: Маориф, 1988. – 494 с.

6. Иқболов О. Зарбулмасал мақол□о афоризм□о. – Душанбе 2008 – 190 с.

7. Хушенова С.В. Библиографический указатель литературы по таджикской фразеологии. – Душанбе: Дониш, 1977. – 65 с.

8. Пословицы и поговорки. – М: Харвест, 2007. – 320 с. – (Золотая коллекция) Интернет – ресурсы:

9. Турсунов. Ф. Лексико – семантический анализ и асобенности пепевода пословиц и поговорок произведений Ф. Мухаммадиева. – Душанбе, 2006. – 136 с.

10. hptt:// www. helpforenglish.cz/files/med.pdf

11. hptt:// www.wisdoms.ru / poslovizi_pogovorki/1_1html.ru

12.hptt:// www.multitran.ru / poslovizi_pogovorki

РАВИШҲОИ ОШНОИЗУДОӢ[1] ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ЗУҲУРИИ ТУРШЕЗӢ

Шарипов Шариф Раҳмонович *- н.и.ф., дотсенти кафедраи забонҳои Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тел.: +992(92) 757 32 28; E-mail:ssssharif@mail.ru*

Дар мақола шигарди ҳунарии «ошноизудоӣ» дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, паҳлуҳои мухталифи дастёбии шоир ба забони хосаи шеър ва маънии тоза бозгӯ шудаанд. Ҳамчунин, вижагиҳои ҳунарии шоир дар ифодаи маъно ва роҳҳои таъбирсозию таркибофаринии он мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Калидвожаҳо*: ошноизудоӣ, шигард, сабки ҳиндӣ, Зуҳурӣ, ороёҳои адабӣ, сухан, ташбеҳ, маҷоз, истиора, талмеҳ, киноя, адабиёт, ҳунар, борикандешӣ, хаёлбандӣ, нозукбинӣ, мазмунофаринӣ, таркиб, нақди адабӣ, сохтор, шакл, ё истиораи табъия, вобастаҳои ададӣ ва воҳидҳои ибтикорӣ, равиш.*

ПОЭТИЧЕСКЫЙ ПРИЁМ “ОТСТРАНЕНИЕ” В ПОЭЗИИ ЗУХУРИ ТУРШЕЗИ

Шарипов Шариф Рахмонович *- кандидат филологических наук, доцент кафедры языков Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, телефон +992(92) 757 32 28; E-mail:ssssharif@mail.ru*

В данной статье делается попытка рассмотреть поэтический приём “отстранение” в поэзии Зухури Туршези, и его особенный подход к словами для выражение новый и особенный смысл в новом литературном языке. Зухури в этом направлением много использиваеть интерпретация и формирование слова, что бы его творчества были неповторимом. Иногда, сломает структру словы, что бы выразит своего нового мысла.

Ключевые слова: *жанр, приём, “отстранение” газел, поэзию, художественние образи, парадокс, Зухури, стил, форма, формальная школа, литературоведение, норма, слова, поэтические ритми, метафора, аллегория, смысл, индийскый стил.*

POETHIC RECEPTION "SUSPENSION" IN THE POETRY OF ZUHURI TURSHEZI

Sharipov Sharif Rahmonovich *– candidate of philology, associate professor of chair of Langueges of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, phone:+992(92) 757 32 28; E-mail:ssssharif@mail.ru*

[1]Истилоҳи «Остранения»-(Defamiliarization. Ostrannenja)-«Ошноизудоӣ» маҳсули зеҳни (назарияи) Виктор Борисович Шкловский буда, истилоҳи «Бегонасозӣ» маҳсули тафаккури (назарияи) Юрий Николаевич Тынянов аст.

In this article, an attempt is made to consider the poetic reception of "removal" and the resurrection of the word in the poetry of Zuhuri Turshezi, and his special approach to words for the expression of a new and special meaning in the new literary language. Zuhuri in this direction uses the interpretation and formation of the word, that would be his creativity was unique. Sometimes, he breaks down the words that express his new thoughts.

Keywords: *genre, reception, "removal" gazel, poetry, artistic images, paradox, Zuhuri, style, form, formal school, literary criticism, norm, words, poetic rhythm, metaphor, allegory, meaning, Indian style.*

Дар назарияи нақди ҳунарӣ ва адабӣ мафҳуми ошноизудоӣ, ки бунёдгузори он мунаққид, адиб ва формалисти бузурги рус Виктор Шкловский[2] аст, на донистани шакли чизҳо, балки интиқоли ҳисси ашёст, бад-он гуна, ки дар идрок маърифат меёбанд ва ҳунар бо афзудани печидагию душворӣ ва замони фароянди идрок аз онҳо ошноӣ мезудояд.

Гиря хуш рангинбисоте чида дар бозори шавқ,
Мечакад ёқути тар аз панҷаи мижгони мо[9,23].
Ё:
Гашт он рӯз, ки тобанда таноби рагу пай,
Хайма зад доғи таманнои ту дар синаи мо[9,24].

Ба пиндори бархе ошноизудоӣ эҷоди нукоти ихтилофӣ-баёни ҳарфе бар хилофи ҳарфҳоест, ки то кунун гуфта шуда ва баръакси қавли соири шуаро ин ё он ҳаракот ва хусусиёти ашёро инкор мекунад ва ё ба сифот ва феъли он тағйир мебахшад. Чунончи, маъмулан сифати «боди сабо» муждарасонист, ки Ҳофиз гуфта:

Сабо ба луфт бигӯ он ғизоли раъноро,
Ки сар ба кӯҳу биёбон ту додаӣ моро[13,34].
Ё:
Эй сабо, гар ба ҷавонони чаман боз расӣ,
Хидмати мо бирасон сарву гулу райҳонро[13,40].

Аммо бар хилофи сифати мазкур Хоқонӣ дар байти зер «боди сабо»-ро муждарасон намедонад ва ба қавли бархе «бегонасозӣ» маҳз ҳамин «хилофгароӣ» аст:

Боди сабо дурӯғзан асту ту ростгӯ,
Он ҷо ба рағми боди сабо мефиристамат[1,72].

Ба пиндори ин ҷониб, бо назардошти мақулаҳои маърифати офаридаҳои адабӣ, ки аз ҷониби мактаби формалистони рус эҷод шудаанд, ҷанбаҳои ҳунарӣ-забони равон, тавсифи содиқонаи дунёи отифии шоир, тасвирҳои бадеъ ва тоза, ғофилгириҳои шоирона, таркиб ва мусиқии шеър дар ҳамбастагӣ бидуни корбасти «ошноизудоӣ»(бегонасозӣ) наметавонанд, ки шохиси ҳунар (шеър) ва ҳувияти ҳунарманд(шоир)-адибро ба пуррагӣ таҷассум намояд.

[2]Шкловский, Виктор Борисович (1893-1975), муаллифи мақолаҳои «Растахези калима (калимот)» (“Воскрешение слова”) ва «Ҳунар ҳамчун шигард» («Искусство как приём»)

Бидуни тардид метавон иддао намуд, ки ин навъи ҳунари адабӣ-ошноизудоӣ дар адабиёти классики мо бесобиқа нест ва дар ҳавзаи ҳунарии сабки ҳиндӣ адибони мо дар сурудаҳои худ ба ашё, ҳаводис ва падидаҳо бо диди ҳунарӣ ва мармуз, бо назари нав – ошноизудоии истибдолӣ ва ё ҷойгузинӣ ва бегонасозии таркибӣ ва ё сохторӣ нигариста, тозагие дар шинохти асолати ҳамон ашё ва ё ҳодиса андохтаанд. Чунончи, Зуҳурии Туршезӣ гуфтааст:

Рандаи нолатароше ба каф оварда нафас,
Дард дар даст марезод дами тешаи мо[9,34].
Ё:
Ҷигари ишқ даромад, ҷигари ақл гурехт,
Фахри шерони ҳавас рӯбаҳии бешаи мо[9,34].

Ҳамин минвол, ҳавзаи маърифати мафҳуми «ошноизудоӣ» васеъ буда, на ихтилофсароӣ, балки «ноошно», «бегона» намудани ашё ва ё ҳаводис аз ҳавзаи одат ва ошноии онҳо ва ё бо ибораи дигар, печида кардани чизҳо ва дур намудани ашё аз сифоту хусусиёти аслӣ ва бад-ин васила намоиш додани вижагиҳои маъноии вожаю ибораҳо, ҳувият бахшидан ба тобишҳои гуногуни дарки мафҳум (ашё, ҳодиса, падида) ва муайян намудани шохиси сухан(шеър) аст.

Шудаст киштии сабру шикеб дарёӣ,
Виқори кӯҳи сабук, пои мост лангари мо[9,45].

Ё:

То ҳавас ҳар сӯ наяндозад **<u>бисоти хирагӣ</u>**,
Ишқ дукондори **<u>бозори ҳаё</u>**ро гарм кард[9,122].

Вазифаи ҳунари адабӣ ба андешаи Виктор Шкловский ноошно ва дур намудани чизҳо аз сифоту хусусиёти аслии онҳо ва дар ин замина шинохти тоза ва маърифати ҷанбаҳои дигари айни ҳамон ашёст[1,69-88].

Ба пиндори формалистони рус ҳунар (идрок) одатҳоямонро тағйир мебахшад, ҳар чизи «ошно»-ро ба назарамон «бегона» месозад, дар миёни мо ва тамоми ашёи маърифатшуда дар зеҳни мо фосила бунёд мекунад, ашёро ба масобаи он ки «барои худ вуҷуд дорад» ба чашми мо таҷалло мебахшад, ҳама чизро аз ситраи одат, ки ношӣ аз идроки ҳиссии мост, мераҳонад ва ҳисси моро дубора сомон медиҳад ва дар ин масир қоидаҳои ошно ва сохтори ба зоҳир мондагори воқеиятро дигаргун мекунад ва дар ниҳоят мавҷудияти аҷсом, ашё ва падидаҳоро дар намуди дигар бароямон дубора «кашф» менамояд.

Ҳамчунин, формалистони рус «коркарди адабиёт»-ро ошноизудоӣ гуфта, ҳақиқат ва вазифаи ҳунар ва адабиётро дар эҳдои тобиши тоза ба ашё, маърифати комилтари аҷсом ва шинохти вежагии зуҳури падидаҳо донистаанд.

Дарвоқеъ, яке аз вазоифи боризи адабиёт дар он зуҳур карда, ки бо кумаки аносири адабӣ битавонад, то афкори моро дар маърифати ашё ва ҳаводис дарёфти мутавофит бахшад ва бад-ин васила бо таҷаллии хасисаи тозаи ашё-ғарибнамоии он огоҳиамонро нисбат ба муҳити атроф, ки дар такрор ва одатзадагии шинохт «мурда» менамояд, ҷони тоза афзояд.

Ошноизудоӣ (бегонасозӣ, одатзудоӣ) ян навъ техникаи ҳунарӣ буда, маъноро дар хизмати забон қарор медиҳад ва ҷиҳати дарёфти наздиктари ҳақиқат маъноро тавассути забон ва аносири забонӣ дар шеър тобиш ва ранги тоза мебахшад.

Роҷар Форл мегӯяд, ки: «Ҳар чизи куҳна ва одиро бояд ончунон ба забон овард, ки гӯё тоза ва нав аст. Инсон бояд дар масоили маъмул ва мутадовил чунон сухан гӯяд, ки дар пиндори хонанда ё шунаванда тоза ва ғариб намояд».

Аз оғози офариниш то ба имрӯз маонӣ ҳамрадифи инсон буда, дар назар бо такрори инсонҳо он низ такрор ёфта, дар ҳар ҳавзаи адабӣ сухан ҳамчун «моддаи шеър» авотифу афкор, ҳаяҷону эҳсосот ва дар маҷмӯъ, фалсафаи зиндагии башариятро бо тобишҳои мухталиф инъикос намудааст.

Ҳофизи Шерозӣ гуфтааст:

Як қисса беш нест ғами ишқу ин аҷаб,
К-аз ҳар забон, ки мешунавам, номукаррар аст[13,75].

Агар аз рӯзи хилқати башар то ба имрӯз ба филми рӯзгори инсоният дида андӯзем, бисёре аз қисматҳои он: ошиқӣ(ба масобаи Лайлию Маҷнун), таҳамтанӣ (мисли Рустам), интихоби куфр ё имон, зулм ё адолат, вафо ё ҷафо, иқболу саодат ва ё бадбахтӣ, умеду орзу ва ё яъс, хайр ё шар, ҳавову ҳавас ва ё иктифо дар заминаи ақл, зебоипарастӣ, худшиносӣ, ҳувият ва амсоли онҳо ба назар такрор менамояд, ҳамчунон ки Ҷалолиддини Балхӣ гуфтааст:

Ҳаст тӯмори дили ман ба дарози абад,
Барнавишта зи сараш то хати поён: туву ман[2].

Дар ин замина, ба қавли Фирдавсии бузург «дар боғи маънӣ» «гули ночида ва набӯида» намондааст:

Сухан ҳарчи бояд ҳама, гуфтаанд,
Дари боғи маънӣ ҳама руфтаанд[10,6].

Пас, ҷавҳари адабиёти «ошноизудоӣ» ва «мултазам» (бегонасозӣ, дурсозӣ) ҳунари адабиест, ки бо ишқ омезиш ёфта, бо шарбати «забони номукаррар» гарди такрор аз рӯи гули маънӣ мешӯяд ва ба он ҷони тоза бахшида, хонандаро ба сӯи дарёфти наздиктар ва нобтар аз «таҷриба» (асл) ҳидоят менамояд. Бад-ин минвол ҳунар дар водии адабиёт дар қолаби забон «ҷилва» мекунад ва «аз ҳадди ҷаҳон раста, беҳаду андоза» мешавад, ки Ҷалолиддини Балхӣ гуфтааст:

Ҳин, сухани тоза бигӯ, то ду ҷаҳон тоза шавад,
Вораҳад аз ҳадди ҷаҳон, беҳаду андоза шавад[2].

Зуҳурии Туршезӣ гуфтааст:

Тафи сухан шуда табхолаи лаби қосид,
Чӣ хуб кард, ки ин гармӣ аз паём кашид[9,144].

Ё:

Бурун фишонд Зуҳурӣ зи мағз атри сухан,
Шамомҳо зи шамими ту дар машом кашид[9,144].

Ё ки:

Шабнаме дар рӯзи кас нашнид гул,
Булбулони тозаилҳонем мо[9,28].

Яке аз мушаххасоти шеъри Зуҳурӣ дар он аст, ки дар сухан растахези калимот: зиндасозии мазомин ва маонӣ баъд аз марг[3] (забонзадашавӣ, куҳнагӣ, обшусташавӣ, такрорёбӣ ва ё маъмулгардӣ), тақвиятбахшии идроки ҳисси хонанда ва ё шунаванда, зудудани гарди такрор аз рухи сухан ва ғубори одатро аз чашму гӯши мухотаб бо «шаҳди ноб» ноил гардида, «пояи вазъи худ»(шеъри

[3]Маҳмуди Котиб, Ҳасан-шоири аввалҳои асри 13, ки роҷеъ ба «марги калимот» бар асари такрору куҳнагии онҳо дар қасидае сухан гуфтааст.

хешро)-ро «дигар» гуфтааст, ки дарвоқеъ дуруст буда, рисолати ҳунарии худро комилан сомон бахшидааст:

Ба хай аз рух гулоб мерезад,
В-аз сухан шаҳди ноб мерезад[9,212].

Ё:

Пояи дигар аст вазъи маро,
Минбар аз чӯби дори Мансур аст[9,98].

Агар Фирдавсӣ дар асри X аз рангрезии таровати гулҳои «боғи маънӣ» ва намондани «маънои тоза» сухан гуфтааст, пас, барои шоири асри XVI ниҳоят кори сангин аст, ки аз дарёфти маънии «номукаррар» ҳарф занад. Аз ин ҷо, Зуҳурӣ ҷиҳати тозагии маъно ва тобишҳои нави забони ҳунарӣ, эҷози сухан, дурии парвози мурғи хаёл ва бад-ин васила маърифати ҷаҳони комилан тозаи адабӣ зеҳни худро дар кураи оташи ҷустуҷӯ пӯхтааст ва ба василаи борикандешӣ, хаёлбандӣ, нозукбинӣ, мазмунофаринӣ бардошти ҷадид аз сухан кардааст.

Зуҳурӣ дар иртиботи ҳамешагӣ бо шеъри худ қарор дошта, сари интихоби ҳар як вожаю иборот мунтазам талош ва ҷаҳд варзида, дар тарошидани пайкараи шеър бо дасти тешаи хаёл ҷон кандааст, чунончи Нодири Нодирпур гуфта:

Пайкартароши пираму бо тешаи хаёл
Як шаб туро зи мармари шеър офаридаам.
То дар нигини чашми ту нақши ҳавас ниҳам,
Нози ҳазор чашми сияҳро харидаам[7,196].

Мафҳуми «ошноизудоӣ»-ро метавон бо ибороти «тарзи тоза», «шеваи тоза» ва «шеваи нав» дар эҷоди шоирони сабки ҳиндӣ ҳамрадиф донист.

Соиби Табрезӣ фармудааст:

Ҳар кӣ чун Соиб ба **<u>тарзи тоза</u>** дерин ошност,
Дам ба завқи андалеби боғи Омул мезанад[1,74].

Ё:

Миёни аҳли сухан имтиёзи ман Соиб
Ҳамин бас аст, ки бо **<u>тарз</u>** ошно шудаам[1,75].

Ё ки:

Мунсифон устод донандам, ки аз маъниву лафз,
<u>Шеваи тоза</u>, на расми бостон овардаам[1,76].

Зуҳурии Туршезӣ дар баробари «тарзи нав» «тарзабонӣ»-ро муодили (ҳамрадифи) «одатзудоӣ» дониста, фармудааст:

Зи юмни мадҳи шаҳаншоҳи Наврас аст ин файз,
Ки **<u>тарзи нав</u>** шуда табъи сухантирози маро[9,32].

Ва:

Ба шукри дидаи тар **<u>тарзабони</u>**е дорам,
Ки заҳри гиря тароватдеҳи шакарханд аст[9,102].

Ва ё:

Тарзабон гардида Хизр аз алаташгӯёни туст,
Зоди роҳи тафтаҷонӣ оби ҳайвон баргирифт[9,209].

Ва ба пиндори Зуҳурӣ на ҳама кас ба «тарзабонӣ» -шеваи ноби сухан ноил гашта, «зулоли висол»-ро тавассути «хабар»-лафз ва маънии тоза ифода менамояд:

Бигӯ, қосид, ар донӣ ин **<u>тарзабонӣ</u>**,

Зулоли висол аз хабар метаровад[9,402].

Зуҳурии Туршезӣ сароҳатан иброз медорад, ки бо завқи худододаи худ лафзу маънии мукарраргашта дар тарзи дигарон (стили соири шуаро)-ро «ошнозудоӣ» (бегона месозад) мекунад ва тавассути пироҳани тозаи лафз, ки аз хасисаи ашё дур аст, маънии бикр ва наздиктар ба воқеият («таҷриба») меофарад:

Мукаррар гашта **тарзи дигарон** дар ишқбозиҳо,
Зуҳурӣ **завқ** дорад, **ошно бегона** месозад[9,410].

Чӣ тавре ки ишора рафт, ҳувияти вижаи Зуҳурии Туршезӣ дар забони хоси шеъри ӯ зуҳур карда, шеърашро хос ва худи ӯро соҳиби сабки хос (соҳибтарз) намудааст, ки сароҳатан худ ин маъниро иброз дошта, “ғазалтирозӣ” (суханороӣ, суханпардозӣ, шоирӣ)-ашро аз ғизолон (маҷозан “маъшуқа”) гуфтааст:

Чун Зуҳурӣ шуд, он ки **<u>соҳибтарз</u>**,
Аз ғизолон ғазалтирозӣ кард[9,418].

Тамҳидоти Зуҳурӣ ҷиҳати «ошноизудоӣ», «сохторшиканӣ» ва ороӣи тарзҳои нав барои баёни тозатари мафоҳим дар бакоргирии истилоҳоту таркиботи маҷозӣ ва киноёт дар маонии зоҳири шеър, ки аз маъруфтарин хусусияти сабки ӯст, равшан таҷассум ёфтааст. Манзур аз «гармии мазмун» низ дарёфти маонии ногуфта аст, ки нуктаи мавриди назарро ба масобаи ахгар нурафзо ва гармибахш намуда, эҳсоси идрокро такон мебахшад:

Зуҳурӣ, нукта ахгар мешавад аз гармии мазмун,
На раҳм аст офати парвози мурғи нома бар гаштан[9,620].

«Дар ҳар ҳарф сад тӯмор мондан» ишора ба коркарди бисёри рӯи ҳар як вожаю иборот аз ҷониби шоир аст ва дигар он, ки тӯмор дуои навишта ҷиҳати дафъи бало ё нохушиҳои дигар буда, Зуҳурӣ бар он даъвост, ки ҳар ҳарфи каломи худро бо ҳунарӣ адабӣ ва шигардҳои нотакрори он чунон офаридааст, ки дар ниҳоят ҳар ҳарф худ ба тӯмор мубаддал гардида, аз офати такрор наҷот ёфта, ҷовидонагӣ гирифтаанд:

Нигаҳдорӣ муҳол аз баҳри шарҳи шавқ мехоҳам,
Чӣ суд аз нома дар ҳар ҳарф сад тӯмор мемонад[9,440].

Зуҳурии Туршезӣ истилоҳот ва таркиботеро, ки дар шеър ба маънои киноя ва маҷоз корбаст шудаанд, дар як баробар ба маънои аслиашон низ истифода менамояд. Чунончи;

Ҳаромам бод <u>роҳатҳои хошоки таҳи пахлӯ</u>,
Агар дар <u>хор-хори бистари санҷобом</u> андозад[9,438].

Ё:

Гувоҳи <u>гармии хун доғҳои пайкари</u> мо,
Ба муҳри шуълаузорон расид маҳзари мо[9,36].

Дар мавриди истифодаи киноя ва маҷоз Зуҳурии Туршезӣ нишонаҳое дар шеър мегузорад, ки тавассути онҳо маънии зоҳирии истилоҳот ва таркибот низ инъикос мегарданд. Чунончи, дар байти зер таркибҳои «хори ғам» ва «пои дил» ба маънои маҷоз омада, истифодаи вожаҳои «сӯзан» ва «хор» ба маънои аслии «тоза кардани по аз хор» тавассути сӯзанро ифода намудаанд:

Гар хори ғаме рафт ба пои дили Маҷнун,
Лайлӣ зи мижа сӯзани он хор фиристод[9,446].

Равиши дигари Зуҳурии Туршезӣ ҷиҳати зудудани ранги ошноӣ аз сухан ва баёни тоза дар паҳлуи ҳам гузоштани ороёҳои адабӣ бар амсоли иҳом бо киноя,

маҷоз бо киноя, ташбеҳу тамсил бо ташхис аст, ки на танҳо тобишҳои услубӣ, балки маъноӣ ва сабкӣ низ гирифтаанд ва инро метавон шартан «шеваи муодиласозӣ»-и ӯ номид. Чунончи, дар байти зер дар таркибҳои «нахли ҳавас» ва «ларзаи ҳасрат» истиораи равшан оварда шуда, ба маънои киноя ба «сарсабз» будани орзую ҳавас, «сербаргу бор» будани он ва ба маънои асл дорои самар будани нахл ишора рафта, дар ибораи «ларзаи ҳасрат» низ бо маҷоз шиддати зиёди ҳасрат ва ба маънои асл пайомадаи «афшондан» будани ларза инъикос ёфта, замири мунфасили «мо» ҳангоми иттисол бо исм дар ин ҷо ҳинҷоргурезии наҳвиро тавлид карда ва на маънои «ман афшонанда ҳастам», балки «ман афшоншавандаам»-ро бозгӯ намудааст:

Зуд бар нахли ҳавас не бор мемонад на барг,
Ларзаи ҳасрат чунин гар медиҳад афшони мо[9,35].

Дар байти зер таркиби «пушт бар роҳат кардани дил» маҷозӣ буда, маънои ҳақиқии худро низ, ки дар ҳолати пушт бар замин хобидан роҳат ва осудагӣ мебахшад, инъикос кардааст:

Куҷо дил пушт бар роҳат бад-ин осудагӣ кардӣ,
Накардӣ рӯй агар дар хеш доғаш синаи поро[9,36].

Дар байти зер «захмпарвар кардани ҷигаргоҳи шикор» маҷозист ва захм дар шикор низ маънои ҳақиқии таркибро ба хотир меорад.

Общим свойством жанровой структуры всех рассказов, вошедших в первое издание «Последнего поклона» (1968), была присущая им очерковая этнографичность. Это «сибирский текст» русской литературы, рассказы о сибирском крестьянском детстве, о становлении нравственности, мировосприятияй, характера сибиряка, в котором много общего с детьми разных времен, но важным представляется еще и особенное. Заветным видится Астафьеву преемственность в общении человека и семьи, рода, деревни с землей и природой в целом. Эту идею преемственной связи олицетворяют в повести два персонажа: бабушка Катерина Петровна и автобиографический герой. Очерково-этнографические главы соседствуют с рассказами о запомнившихся случаях деревенского детства, хотя этнографический элемент присутствует практически во всех главах (как и во всей «деревенской прозе»). Лирическое повествование о впечатлениях и ощущениях детства, зрелости, старости чередуется с эпизодами социально-психологического плана, с рассказом-событием и рассказом-судьбой. В тематическом, проблемном, интонационном, жанровом планах «Последний поклон» - синтетическое, универсальное произведение, это оказывается специфическим свойством Астафьева-«деревенщика».

Литературы:

1. Астафьев, В.П. В муках рождённый / В.П.Астафьев // Урал. 1959. - № 6. -С. 120- 123.

2. Астафьев Ю., В.П. До будущей весны / В.П.Астафьев. Молотов.: Кн. изд-во, 1953.- 152 с.

3. Астафьев И., В.П. Куда уходит доброта / В.П.Астафьев // Сельская молодёжь. -1988. -№ 1. С. 1 -4.

4. Астафьев, В.П. Моя земная деревушка: Беседу вел Г.Сапронов / В.П.Астафьев // Комсомольская правда. 1988. - 12 мая. - С. 4.

5. Астафьев, В. П. Посох памяти / В.П.Астафьев.- М.: Современник, 1980. -368с.

6. Астафьев, В.П. Прокляты и убиты / В.П.Астафьев // Новый мир. 1992. -№10-12; 1994. -№ 10-12.

ИСТИФОДАИ ОРОЯҲОИ АДАБӢ ДАР АШЪОРИ БА ВАСФИ ЗАН-МОДАР БАХШИДАИ АДИБОНИ МУОСИРИ ТОҶИК

Каримова Миҷгона *– аспиранти курси 3-юми кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзрда, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992) 907804398*

Ба ақидаи муаллиф истифодаи ороярҳои адабӣ дар ашъори адибони муосири тоҷик нақши бориз дошта, аксари санъатҳои маънавӣ дар шеърҳои тараннумӣ, ба вижа васфи зан-модар корбаст шудаанд. Тарз ва равишҳои гуногуни корбасти ороярҳои мухталифи адабӣ ҷаззобияти шеъри онҳоро таъмин намуда, мазмун ва муҳтавои шеъри муосири тоҷикро тобишҳои услубию маъноии тоза эҳдо намудааст.

Калидвожаҳо: *шеър, шоир, санъатҳои бедеӣ, ташбеҳ, истиора, талмеҳ, адабиёт, модар, зан, тавсиф, табиатгаро.*

РОЛЬ КАТЕГОРИЙ ХУДОЖЕСТВЕННОГО ИСКУССТВА В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ СОВРЕМЕННОЙ ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ ПОСВЯЩЕННЫХ ВОСПЕВАНИЮ МАТЕРИ И ЖЕНЩИНЫ

Каримова Миджгона *- аспирант 3-ого курса кафедры теории и истории таджикской литературы Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.: (+992) 907804398*

В произведениях современной таджикской литературы посвященных воспеванию матери и женщины стиль художественного искусства имеет особое значение. Во многих случаях в этих произведениях используются также речевые оборот, как метафора или аллегория, которые придают данному стилю особую выразительность.

Автор статьи пытается рассмотреть смысловые и стилевые значения слов в поэмах посвященных воспеванию матери и женщины и показать их роль в творении неповторимых образов и чудесных изобразительных произведений.

Ключевые слова*: поэзия, поэт, стиль, художественного искусства, литература, литературовед, матери, женщины, творчество, исследования, образ, формирование слов, новые мировоззрение, литературной приёмы, жанр, описание*.

THE ROLE OF THE CATEGORIES OF ARTISTIC ART IN WORKS OF THE MODERN TAJIK LITERATURE DEDICATED TO THE MASTER AND THE WOMAN'S SPREAD

Karimova Mijgona *– post-graduate student of the 3rd year of chair of Theory and History of Literature of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (+992) 907804398*

In the works of modern Tajik literature dedicated to the singing of the mother and the woman, the style of art is of particular importance. In many cases, these works use speech as a metaphor or allegory, which gives this style a special expressiveness.

The author of the article tries to consider semantic and stylistic meanings of words in poems dedicated to chanting mother and woman and to show their role in the creation of unique images and wonderful fine works.

Key words: *poetry, poet, style, art, literature, literature, mothers, women, creativity, research, image, word formation, new worldview, literary techniques, genre, description.*

Тараннуми зан-модар дар адабиёти муосири тоҷик аз мавзӯъҳои маъмул буда, дар ашъори аксари адибони ин давра бо тарз ва равишҳои гуногун инъикос ёфтааст. Адибони муосири тоҷик кӯшидаанд, ки сифатҳои хоси зан-модари тоҷикро дар таркибҳои тоза ва ороятҳои мухталифи адабӣ ба қалам дода, аз як тараф бузургии симои зан-модар ва аз ҷониби дигар хизматҳои шоистаи онҳоро дар ҷомеаи навини тоҷик таҷассум намоянд.

Шоири ширинкалом Муъмин Қаноат дар шеъри «Меҳри модар» «гармию покию ҷаҳоноро»-и модарро беҳтару волотар аз офтоб дониста, бо ин васила бузургии модарро аз он муқтадиртар – «дар нур фузун зи меҳри ховар» (ховар-киноя аз офтоб, ки онро «хуршеди ховар» низ мегӯянд) шуморидааст:

Дар гармию покию ҷаҳоноро
Кай бошад офтобро ҳамтое?!
Аз тобиши ӯ ҷумла набототи ҷаҳон
шуд соҳиби ҷон.
Меҳри дигаре, ки дар тамоми олам
Якзайл битобад ба сари ҳар одам,
Дар гарму хунук ҳарорати ӯ яксон
бошад тобон.
Ин меҳри ҳамешагии модар бошад,
Дар нур фузун зи меҳри ховар бошад[7, с.48].

Дар шеъри боло шоир бештар аз ороятои адабии ташбеҳ истифода намуда, модарро ба офтоб монанд кардааст.

Шоир дар шеъри «Зани тоҷик» далерӣ, меҳнатдӯстӣ, зебоӣ ва дилрабоии занони тоҷикро ба қалам дода, дар таркибҳои «гардани дил», «зулфи сияҳ», «сарви баланд», «давлати ҳусн» на танҳо сифатҳои зани тоҷикро инъикос намудааст, балки меҳнати занони тоҷикро низ тасвир намудааст:

Чанд бар гардани дил зулфи сиёҳи ту каманд?

Лона то кай биниҳад табъ ба он сарви баланд?
Заҳраям аз нигоҳат гашта чу симобу сипанд,
Ҷамъ кун давлати ҳуснат, ки дилам раст зи банд!

Ман туро ин саҳарӣ дар сари майдон дидам,
Бо камарбанд сару кори далерон дидам,
Дасту по гумшуда дар назди ту мардон дидам
Хештанро ба тамошои ту ҳайрон дидам [7, с.48].

Муъмин Қаноат дар шеъри фавқуззикр аз истиораи пӯшида- «гардани дил», «давлати ҳусн» истифода намуда, дар баробари ибораҳои тоза маъниҳои тоза ва ба ин васила сифатҳои нави зани тоҷикро инъикос намудааст.

Шоири тасвиргаро ва нотакрори тоҷик, устод Бозор Собир дар шеъри «Духтари деҳқон» меҳнати занону модарони тоҷикро ҳангоми чидани пахта дар майдони офтобии пахтазор ба қалам дода, бо эҷоди таркибҳои «шеърҳои соядор», «офтоби пахтазор», «сояҳои шеър», «бори забон», «бори мижгон», «пахтаи дастон», «обичаи нигин» аз як ҷониб муҳтавои матлабро шоирона иброз намуда, аз ҷониби дигар симои бонуи тоҷикро дар ороятҳои адабии тавсиф, истиораи пӯшида («сояҳои шеър», «шеърҳои соядор»), ташбеҳ («пахтаи дастон»), иҳом («бар бод бод») бо сифатҳои мухталиф дар шеър инъикос намудааст:

То ки надҳад заррае ҳусни туро бар бод бод,
То насӯзонад лабатро офтоби пахтазор.
Духтари деҳқон биё бар сояҳои шеъри ман
Сохтам ман аз бароят шеърҳои соядор.

Он ҳама чанге, ки биншастаст дар мижгони ту
Он ҳама бори забону бори мижгони ман аст.
Бо ту гардам рӯ ба рӯ аз шарм мерезам арақ,
Гӯиё дар пахтаи дастони ту ҷони ман аст.

Дар даҳ ангушти ту аз обила мебинам нигин,
Дидаатро сурма хоки киштзорон асту бас.
Ғӯзаҳо дар пеши ту чун гӯши пур аз пахтаанд,
Пахтаҳоро мекашӣ аз ғӯза чун аз гӯши кас[2, с.62].

Шоираи маъруф Меҳринисо бошад, дар шеъри «Мақоми зан» симои бонуи муосири тоҷикро ба қалам дода, мақоми онро дар ҷомеа дар санъатҳои маҷозу истиора (номи худро гӯр кардан), истиораи пӯшида (ҳаммосаи дегу табақ) то андозае инъикос намудааст. Ҳамчунин, бо истифодаи калимаҳои сода ва мавриди истифода қароргирифтаи занон, аз зумраи «чобуқ», «дег», «табақ», «уту», «ҷиҳоз» ва ҳамроҳ кардани онҳо бо навъи жанрҳои адабӣ таркибҳои тоза бар амсоли «ҳамосаи дегу табақ» ва «уту кардани шеъру андарз» эҷод намуда, заҳмати бонувони тоҷикро дар ҷомеа ва муҳити хонаводагӣ инъикос кардааст:

Ман ба танҳоӣ, ки бо ман мӯнису ҳамкеш буд,

Оламеро дар сукути хеш пайдо кардаам.
Вожаҳоро ҷустаам, то ки ҳамовозам шаванд,
Байтҳоро чида-чида шеъри воло кардаам.

Гоҳи чобуқ номи худро гӯр карда зери хок,
Донишамро сарфаи ҳаммосаи дегу табақ.
Бо ҷиҳозам уту карда, шеъри андарзам басе,
Аз мақоми зан бидодам ҷову ҷоруро сабақ[4, с.106-107].

Меҳринисо дар шеъри «Аё, модар» сифатҳои дигари модар - «шеъри беҳтарин», «атри ёсамин», «моҳи нозанин», «Худой дар замин», «баҳори муждаор», «умеди рӯзгор», «хушиҳои барор» ва амсоли онро ба қалам додаст:

Туӣ шеъри бехтарини ман,
Туӣ атри ёсамини ман,
Ту моҳи нозанини ман,
Худоӣ дар замини ман,
Аё модар, фидоят ман.

Бимирам ман барои ту,
Наояд кас ба ҷойи ту,
Ҳама дунё намеарзад,
Ба гарди хоки пойи ту,
Аё модар, фидоят ман[4, с.85].

Меҳринисо ҳатто бар он андеша аст, ки агар дар рӯи олам ҳузури зан-модар вуҷуд намедошт, он гоҳ Худо медонад, ки рӯзгор ва зиндагонӣ чӣ гуна ранг мегирифт:

Диле, ки махзане нуру навид аст,
Диле, ки маскани ишқу умед аст,
Диле, ки бо ҳама сӯзи ниҳонаш
Ба сони шири модарҳо сапед аст,
Дили зан нест ин дил, пас дили кист?!
Худо донад, ки бе зан зиндагӣ чист[4, с.154]?!

Дар шеъри боло «ба сони шири модарҳо сапед» будани дили модар ташбеҳ буда, «маскани ишқу умед» киноя аз меҳру муҳаббати зиёди дили модар ва орзуҳои рангини ӯст.

Муҳамад Ғоиб дар шеърҳои «Модарам-духтари замони ҷанг» ва «Модари сарбоз» заҳмати модари тоҷикро дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ғаму ғуссаи ӯро барои фарзандони бачанграфтааш инъикос намуда, дар ороёҳои адабии ташбеҳу истиора - «чеҳраи заъфарону коҳида» ва роҳпоиҳои ҳамарӯзаашро то дами охирини ҳаёт чунин ба қалам додаст:

Модарам духтари замони ҷанг,
Тобад аз тарҳи рӯи ӯ майдон .
Чашмҳояш бо сар фурӯ рафтанд,

Ҳамчу ҷойи гулӯлаву пайкон.

Чашми бар роҳи ҷигарбандаш ҳанӯз,
Шинад ӯ дар пагаҳи дарбачааш.
Солҳо чун боди саҳроӣ гузашт,
Лек аз майдон наомад баччааш[6, с.29].

Гулназар Келдӣ дар шеърҳои «Чашми нигин», «Модарамро ба хоб дидам ман» ва «Модари ҷаҳонгирам» бузургии модарро ба замин шабоҳат дода, «бӯи тифлӣ ва деҳа» доштани модарро бо айёми тифлии худ - даврони тиллоии рӯзгори мо, бо бӯи деҳа - зодгоҳи шоир дар як радиф гузоштааст.

Дар байтҳои зерин санъатҳои бадеии ташбеҳ (замин бо модар, барфи замин ба сони мӯи сафеди модар), истиора (зинда шудани замин), истиораи пӯшида (пардаи барф), киноя (нахестани модар рӯзи баҳорон) корбаст шудаанд:

Замин чун модари ман масти хоб аст,
Ба зери пардаи барфи зимистон.
Замин чун модари ман мӯсафед аст,
Кунун аз заҳмату ташвиш армон

Замин чун модари ман хостаҷон аст,
Ба зери пардаи барфи зимистон.
Замин рӯзи баҳорон зинда гардад,
Нахезад модарам рӯзи баҳорон... [3, с.11].

Ва:

Модарамро ба хоб дидам ман,
Нотавону хамидақомат буд.
Хоки гӯраш гаронӣ афзудаст ,
В-арна ӯ навниҳоли хушқад буд.

Бӯи тифливу деҳа меомад,
Аз саропои модари пирам.
Сер мешуд зи лутфи ин дунё ,
Пеши рӯяш ду чашми носерам[3, с.10].

Гулназар Келдӣ дар шеъри «Модари ҷаҳонгирам» аз сифатҳои пирии модар-дасти ларзон, дили пурармон, чашми ҳайрон - камнур сухан гуфта, сикандарию дороиро дар баробари бузургии модар ҳеҷ дониста, бо истифода аз талмеҳ (Сикандар) хусусиятҳои дигари модарро шоирона ба қалам додаст:

Ман фидои ду чашми ҳайронат,
Ман адои ду дасти ларзонат.
Дилфигори дили пурармонат,
Модарам, модари ҷаҳонгирам.

Сад Сикандар ба пеши ту ҳеҷ аст,

Фавҷи лашкар ба пеши ту ҳеҷ аст.
Дилфигори дили пурармонам,
Модарам, модари ҷаҳонгирам[3, с.11].

Ба назари Гулназар модар дар ҳама ҷо, хоҳ лаҳистонист ва ё олмонӣ, ё фарансавӣ модар аст ва ҳамеша ҷонибдори хушию некии бани башар буда, ҳама насли инсон новобаста аз миллату нажод ва баромади иҷтимоӣ барои ӯ фарзанд аст:

Нури чашми ту дар Лаҳистон аст,
Пораи дил ба хоки Олмон аст.
Рӯҳи ту дар Фаронса гирён аст,
Модарам, модари ҷаҳонгирам[3, с.11].

Аскар Ҳаким дар шеъри «Достони ишқи ман» иброз доштааст, ки ҳусни дилорои зани тоҷикро ба риштаи васф ва тасвир кашидан барои дилхоҳ шоир душвор буда, ҷиҳати тавсифи симои дилорои зани тоҷик гоҳо шоирон шабро рӯз менамоянд, то вожаҳои муносиб ва мувофиқро дар эҷоди шеър корбаст намоянд. Аскар Ҳаким сафҳаи сафеди рухсори ёрро ба «сафҳаи шоҳии рухсор», сиёҳии гесувони зани тоҷикро ба сиёҳиҳои шоми қиргун монанд карда, сафедии рӯи ёрро ба сафедии субҳ, ки хуршедандуду нуронист, шабоҳат додааст:

Рӯ ба рӯи сафҳаи шоҳии рухсорат,
Бо қаламчӯби сиёҳи шоирии хеш ҳайронам.
К-ин сапедиҳои симинро чӣ сон бо ранг омезам?
В-он сиёҳиҳои шоми қиргуни гесувонатро
Дар сапедиҳои субҳи сарҳа чун резам?
Гарчи шабро бо умеди субҳи рӯят мебарам то рӯз,
Рӯзро бо ёди гесуи сияҳ то шоми рӯзафрӯз[1, с.180].

Шоира Меҳринисо дили зан-модарро ибтидои зиндагӣ, шифобахши ҷароҳатҳо, адолатхоҳ, махзани нуру навид гуфтааст. Гарчи шоирон дар замон ва макони мухталиф аз ҳамдигар шеър эҷод намуда, ба ашё ва ҳодиса дидгоҳи гуногун доранд, гоҳо дар инъикоси фикр ба ҳам меоянд. Чунончи, Меҳринисо дили модарро «махзани нуру навид» ва «маскани ишқу умед аст» гуфтааст.

Раънои Сафарзод низ дили модарро «махзани меҳру вафо» ва «махзани сӯзу соз» гуфтааст. Дар шеъри зерин низ санъати талмеҳро дар симои шхоси маъруфи адабӣ Рӯдакию Сино ва Фирдавсию Саъдӣ истифода намудааст:

Диле, ки зиндагиро ибтидо дод,
Ҷароҳатҳои оламро шифо дод,
Диле, ки баҳри пайдои адолат
Ба роҳи шеърмардонаш дуо дод,
Дили зан нест ин дил, пас дили кист?!

Диле, ки Рӯдакиро панд омӯхт,
Ҷароғи ақли Синоро барафрӯхт,
Диле, ки то дили шабҳо нахуфта

Ба Фирдавсию Саъдӣ қисса гуфта,
Дили зан нест ин дил, пас дили кист?! [4, с.154]?!

Шоираи маҳбуби тоҷик Раънои Мубориз дар шеъри «Модари кӯҳистон» «бӯи мушку бӯи райҳон ва испанди кӯҳистон» доштани модари тоҷикро, ки санъати ташбеҳ аст, ба қалам дода, «дасти дуо»-и модаронро «балогардон» гуфтааст:

Бӯи мушку бӯи райҳон мекунӣ,
Бӯи испанди кӯҳистон мекунӣ.
Сурмасангат доруи чашмони ман,
Ҳар дуои ту балогардони ман[8, с.22].

Ихлоси баланди модаронро ба таълимоти исломӣ ва худопарастию хештаншиносӣ Раънои Мубориз тавсиф намуда, модарони тоҷикро дар симои модари худ «ирфонӣ» (поку тоза ва беолош) донистааст:

Дар дуою дар намозат ҷони ман,
Модари ман, бӯи имон мекунӣ.
Хушнамотар рӯи ту, абрӯи туст,
Модари ман, бӯи марҷон мекунӣ.
Рӯзу шаб дар гуфтугӯӣ бо Худо,
Бо ниёиш ҳарф гӯӣ бесадо.
Хуб донам бо Худо гӯӣ чиҳо,
Модари ман, бӯи ирфон мекунӣ[8, с.22].

Таркиби «бӯи ирфон» истиораи пӯшида буда, ба қавли дигар ибораи мутаноқизӣ аст ва дар радифи ибораҳои истиоравии «дасти ҳавас», «сурмаи хуршед», «асири раҳоӣ» ва амсоли инҳо гуфта шудааст.

Раънои Сафарзод як фасли маҷмӯаи шеърии «Мерос»-и худро ба васфи модар бахшида, онро «Модарнома» унвон кардааст. Шоираи ширинкалом модарро «равшании хона», «зӯру мадор», «давлати бедор», «қомати болои фарзандон», «махзани меҳру вафо», «махзани сӯзу соз», «такядору сарпаноҳ», «шоҳсутуни хона» донистааст:

Равшании хонаам, зӯру мадорам модарам,
Давлати бедор бе ту ман надорам модарам.
Қомати болои ман, дасти дарозам модарам,
Махзани меҳру вафою сузу созам модарам[9, с.54].

Ва:

Баҳри мо шабзиндадору беқарори мо,
Такядору сарпаноҳу ғамбарори мо.
Шаҳсутуни хонаву тоқу равоқи мо,
Доимо мушкилкушои рӯзгори мо[9, с.54].

Хулоса, дар ашъори адибони муосири тоҷик мавзӯи инъикоси зан-модар фаровон ба чашм расида, дар онҳо саноеи гуногуни бадеӣ истифода гардида, сифат ва симои зан-модари тоҷикро равшантар инъикос намудаанд. Истифодаи истиораи пӯшида ва ташбеҳу талмеҳ нисбат ба дигар санъати адабӣ дар ашъори

ба тараннуми зан-модар бахшидаи адибони муосири тоҷик бештар истифода гардидааст.

Адабиёт:

1. Аскар Ҳаким. Санги ман-алмос. - Душанбе: Адиб, 2006. - 332 с.
2. Бозор Собир. Баргузидаи ашъори устод Бозор Собир. -Теҳрон: Интишороти Алҳудо, 1373. - 404 с.
3. Келдиев Гулназар. Чашми нигин.Шеърҳо ва достонҳо.-Душанбе: Адиб, 1987.-144 с.
4. Меҳринисо. Оинаи хуршед. Мунтахаби ашъор. - Душанбе: Адаб. -320 с.
5. Муҳаммад Ғоиб. Мавҷи нур.-Душанбе:Ватанпарвар, 2010. - 156 с.
6. Муҳаммад Ғоиб. Меҳргиёҳ. - Душанбе: Ирфон, 1986. - 144 с.
7. Муъмин Қаноат. Осори Мунтахаб. - Душанбе: Ирфон,1982.-208 с.
8. Раънои Мубориз.Модари кӯҳистон / Маҷаллаи «Зан ва оила». - Душанбе: - №3, 2017. - 23 с.
9. Раънои Сафарзод. Мерос.Достонҳо ва шеърҳо. - Душанбе: Бухоро, 2013. - 180

ИН□ИЛОБИ ОКТЯБР ВА ПАЁМАДИ ОН БА НО□ИЯ□ОИ ШИМОЛИИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

Шарифов Муҳсин *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири шуъбаи мониторинги сифати таҳсилоти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел: (+992) 915 55 79 00, e-mail: charifov63@inbox.ru*

Ма□ола ба исти□боли 100-солагии ғалабаи ин□илоби Октябр бахшида шуда, муаллиф дар ма□ола аз о□ози □алабаи ин□илоб, □алабаи □окимияти Шӯравӣ дар минта□а□ои шимоли Тоҷикистон ва паёмади он ба мардуми тоҷик маълумоти мушаххас додааст.

Калидвожаҳо: *инқилоб, Ҳокимияти Шӯравӣ, болшевик, меншевик, шӯро, Декрет, созишнома.*

ОКТЯБРЬСКАЯ РЕВОЛЮЦИЯ И ЕЁ ПОСЛЕДСТВИЯ В СЕВЕРНЫХ РАЙОНАХ СОВРЕМЕННОГО ТАДЖИКИСТАНА

Шарифов Мухсин *– кандидат педагогических наук, доцент, заведующий отдел мониторинга качества учёб Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел: (+992) 915 55 79 00, e-mail: charifov63@inbox.ru*

Статья посвящена 100-летию победы Октябрьской революции. Автор статьи представил большой фактический материал о революции и установление Советской власти в северных районах Таджикистана, а также последствиях революции в республике.

Ключевые слова: *революция, Советское правительство, большевик, меньшевик, совет, Декрет, соглашение .*

GREAT OCTOBER REVOLUTION AND ITS RESULTS ON THE NORTHERN PARTS OF MODERN TAJIKISTAN

Sharifov Muhsin *- candidate of pedagogy, associate professor, head of the department for monitoring the quality of studies Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (+992) 915 55 79 00, e-mail: charifov63@inbox.ru*

The article is devoted to the 100 anniversary of Great October Socialistic Revolution Victory. In this article, the author gives a lot of information about the victory of the Soviet Government and its results on the Tajik nation, arranging the number of information from the very beginning of revolution.

Keywords: *revolution, Soviet Government, Bolshevik, Menshevik, soviet, decree, agreement.*

ҷаламрави империяи Русияи подшоҳиро ибтидои соли 1917 мавҷи ҳаракатҳои инқилобӣ фаро гирифта буд. Омили асосии чунин шароит вазъи ногувори иқтисодӣ-гуруснагӣ ва буҳрони шадиди иқтисодӣ, ки заминасози он ҷанги якуми ҷаҳонӣ буд, ба шумор мерафт[1;260]. Шароити мавҷудаи сиёсӣ боиси ҳалабаи инқилоби дуюми буржуазӣ-демократии моҳи феврали соли 1917 гардид. Инқилоби феврал ҳокимияти подшоҳиро дар империяи Русия куллан сарнагун сохт ва давлатдорӣ то аввали моҳи июл ба дасти ҳукумати муваққатии буржуазӣ бинобар сабаби ҳувваи ҳаракатдиҳандаи инқилобро заҳматкашон ташкил додан ба дасти онҳо, бо номи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашон гузашт.

ҳамин тавр дар кишвари рус дуҳокимиятӣ ҳукмфармо гардид. Аммо дар як кишвар ҳукмрон будани ду ҳокимияти сиёсӣ, ки аслан бар зидди манфиатҳои якдигар мебошад, имконияти дуру дароз ниго доштани мавҷудияти худро надошт. Аз ҳамин сабаб Ҳукумати муваққатии буржуазӣ дар муборизаба муҳобили ҳукумати Шӯрои заҳматкашон дастболо гардида, аввали моҳи июли соли 1917 дар мамлакат яккаҳукмрон гардид. Аммо Ҳукумати муваққатӣ вазъияти бесарусомони кишварро беҳтар гардонида натавонист.

Ҷанги якуми ҷаҳон, ки Русия аз рӯзҳои ибтидои саршавиаш яке аз иштирокчиёни фаъоли он буд, ҳамоно идома дошт ва мамлакатро ба вартаи нав ба нави мачрои гуруснагиву ҳашшоҳӣ мебурд. Ин ҳолат боиси норозигии кулли ҷамъияти рус ва ба вижа аскарон гардид. ҳолати мавҷуда аз хусуси дар Русия сабзида расидани нишонаҳои шӯриши навбатӣ дарак медод. Хусусан дар маркази империя – шаҳри Петроград хавфи таркиши инқилобӣ бештар ба назар мерасид.

Дар он замон поягузори минбаъдаи ҳокимияти Шӯравӣ В.И. Ленин дар «Тезисҳои апрелӣ»-и худ чунин вазифаро дар пешорӯи мардум гузошта буд: «…аз марҳалаи якуми инқилоб, ки дар натиҷаи ба ҳадри кифоя шуурнок ва муташаккил набудани пролетариат ҳокимиятро ба буржуазия додааст, ба марҳалаи дуюми вай гузаштан аст, ки ин марҳала бояд ҳокимиятро ба дасти пролетариат ва камбаҳалтарин табақаҳои деҳқонон диҳад» [4;714]. Русия дар арафаи инқилоби нав, инқилоби сотсиалистӣ ҳарор дошт.

Ҳизби болшевикони рус аз ҳолати мавҷудбуда ба хубӣ истифода карда тавонистанд. Воқеан ин ҳизб ягона ҳизбе буд, ки бо Ҳукумати муваққатии буржуазӣ муросо карда натавонист ва дар фикри муросо намудан ҳам набуд. Баръакс, баъди воқеаҳои июлии соли 1917 дар Петроград, яъне тирборон кардани намоиши осоиштаи коргарон ва ба охир расидани дуҳокимиятӣ ҳизби болшевик бо мақсади гирифтани ҳокимияти сиёсӣ заҳматкашонро ба шӯриши яроқнок даъват мекард.

ҳамин тавр омодагӣ ва даъвати ҳизби коргар боиси сар задани шӯриши яроҳнок (24-уми октябри соли 1917) дар Петроград гардид. Дар рафти шӯриш дар қатори коргарон, инчунин аскарони дар шаҳрбудаи аз сиёсати Ҳукумати муваққатӣ норозӣ ширкат варзиданд. Сарвории шӯришро ҳизби болшевик ба уҳда дошт.

Шаби 24-25-уми октябр кӯпрукҳои дарёи Нева, вокзалҳои роҳи оҳан, телеграф, телефон, почта, истгоҳи баркӣ, бонки давлатӣ дар Петроград пурра ба ихтиёри ошӯбгарон гузашт. Ниҳоят шаби 25-26-уми октябр қароргоҳи Ҳукумати муваққатии Русия – Қасри Зимистона (ҳоло осорхонаи Эрмитаж) низ ба дасти ин□илобчиён гузашта, аксари кулли аъзоёни ҳокимияти соби□и буржуазӣ ба ҳабс гирифта шуданд. Дар ша□р ҳокимият ба ихтиёри Кумитаи ҳарбии инқилобӣ гузашт.

25-уми октябр дар қасри Смолнии Петроград таҳти назорати ҳизби болшевикӣ анҷумани II Умумирусиягии шӯроҳои намояндагони коргарон ва аскарон кори худро шурӯъ намуд. Аз □амин сабаб дар таърих 25-уми октябр ҳамчун рӯзи ғалабаи Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр ва бунёди Ҳокимияти Шӯравӣ ворид гардидааст, ки баргузории онро 100 сол пур мешавад.

26-уми октябр дар идомаи кори худ анҷумани номбурда сарнагун гардидани Ҳукумати муваққатиро эълон намуда, бо сарварии В.И. Ленин Ҳокимияти Шӯравиро дар шакли Шӯрои Комиссарони Халқӣ аз ҳисоби болшевикон бунёд намуд. Анҷумани мазкур ҳуҷҷатҳои барои тамоми мардумони Русия ҳаётан зарур – “Декрет дар бораи сулҳ” ва “Декрет дар бораи замин”-ро қабул кард [3;163]. □уҷҷати аввала маънои баромадани Русия аз ҷанги харобиовари ҷаҳонӣ ба шумор мерафт ва тибқи талаботи он мардум бояд ба ҳаёти осоишта бармегашт. Дар асоси ҳуҷҷати дуюм бошад, замин ба деҳқонон барои истифодабарии доимӣ дода мешуд. Илова бар ин, анҷуман инчунин қарор қабул кард, ки дар тамоми □аламрави сарзамини Русия, аз ҷумла кишвари Туркистон, ҳокимият бояд ба ихтиёри шӯроҳои намояндагии коргарон ва аскарон гузарад. Аммо дар тамоми □удуд□ои па□новари кишвари рус ин қарорро хуш напазируфтанд. Тарафдорони Ҳукумати муваққатӣ барои бунёди ҳокимияти нав, яъне □окимияти Шӯравӣ муқобилияти сахт нишон доданд. Чунин муқобилият дар маркази кишвари Туркистон – шаҳри Тошкент низ ба амал омад.

То замони □алабаи ин□илоби Октябр □удуд□ои шимолии Тоҷикистони имрӯза, яъне вилояти Су□д ба □айати кишвари Туркистон дохил мегардид. Аз ҷумла, уезди Хуҷанд ҳанӯз ҳам ба ҳайати вилояти Самарқанд дохил мешуд. Бинобар ин, ҳалли тақдири ҳокимият дар ин маркази уездӣ аз тақдири ҳокимияти вилоятӣ, яъне Самарқанд вобастагӣ дошт. Баробари □алабаи □окимияти Шӯравӣ дар маркази Русия ва маркази кишвари Туркистон - ша□ри Тошканд, шӯроҳои ша□р□ои Хуҷанд ва Самарқанд, ки нисбатан серҷамъият ва асосан дар ихтиёри эсерҳо ва меншевикон буданд, ба амал омад. Болшевикон, махсусан дар Шӯроҳои Самарқанд қариб нуфузе надоштанд. Аммо □изб□ои эсеру меншевикҳои Хуҷанд, бар хилофи мавқеи эсеру меншевикҳои Самарқанд, ҷуръат намуданд, ки ҳокимиятро ба дасти худ гиранд.

11-уми ноябри соли 1917 дар Хуҷанд маҷлиси васеи шӯроҳои намояндагии коргарон ва аскарон бо якҷоягии намояндагони “Иттифоқи меҳнаткашон” думаи шаҳрӣ ва кумитаҳои иҷроияи волостҳои Қистакӯз ва Унҷиро барпо намуданд. Ин ҷамъомад ба ихтиёри шӯроҳо гузаштани ҳокимиятро дар шаҳр ва уезди Хуҷанд эълон кард. Ма□з □амин рӯзи 11-уми ноябр Шӯрои шаҳрии Хуҷанд ҳокимиятро ба дасти худ гирифт. Сарвари шӯроҳои Хуҷанд аъзои ҳизби эсерҳо Т.Тараненко буд.

Моҳи марти соли 1918 бо ташаббуси болшевик И.Калугин ҳайати нави Шӯрои намояндагони Хуҷанд ташкил гардид. Шӯро минбаъд номи “Шӯрои

намояндагии коргарон, аскарон, мусулмонон ва деҳқонони Хуҷанд”-ро гирифт. Ба он баъдан Г. Стерлингов ҳамчун раис ва ҷонишинони ӯ, болшевикон - Е.А. Иванитский ва Ҷ. Шокаримов интихоб шуданд [3;168]. Ин маънои ба мавқеи болшевикӣ гузаштани Шӯрои Хуҷандро дошт.

Бояд зикр намуд, ки дар Хуҷанд ва аксари маркази волостҳои он, аз ҷумла дар Унҷӣ, Ғӯлакандоз, Нов, Себирғон, Уралск (Дилварзин) аз моҳи ноябри соли 1917 то моҳи апрели соли 1918 тартиботи шӯравӣ ба тарзи осоишта барқарор гардид.

Ҷангоми бунёди Ҳокимияти Шӯравӣ дар Ӯротеппа ва ноҳияҳои атрофи он вазъият то андозае ором буд. Дар он замон ба гурӯҳи ноҳияҳои Ӯротеппа волостҳои Ӯротеппа, Ғончӣ, Шаҳристон, Басманда, Далён ва Мастчоҳ дохил мегардид ва то моҳи майи соли 1919 дар ҳайати уезди Хуҷанд буданд. Дар Ӯротеппа ҳам ҳокимият моҳи ноябри соли 1917 ба дасти Шӯрои маҳаллӣ, ки эсеру меншевикҳо ихтиёрдорӣ менамуданд, гузашт. Аммо он дуру дароз давом накарда, ба зудӣ сарнагун гардид.

Шӯрои шаҳри Ӯротеппа баробари соҳиб гардидан ба ҳокимият аз маркази кишвар - шаҳри Тошкент супориш гирифт, ки барои наҷоти мардум аз гуруснагӣ, ки он ваҳт кишвари Туркистонро фаро гирифта буд, маъракаи мусодираи ғалларо ба роҳ монд. Дар асоси ин чорабинӣ ғаллаи мардум аз дӯкону хонаҳояшон мусодира карда мешуд. Ин ҳолат паёмади нигаронкунандаро дар шаҳр ба амал оварда, дар натиҷа дар шаҳр як муддат на танҳо ҳолати ба духокимиятӣ хос, яъне аз як тараф комиҷроияи шӯроҳо ва аз тарафи дигар думаи шаҳрӣ, балки беҳокимиятию бесарусомонӣ ҳукмфармо гардид.

Моҳи апрели соли 1918 бо ташаббуси “Дружинаи халқии рус” Ҳокимияти Шӯравӣ дар Ӯротеппа ба таври расмӣ барҳам хӯрд [3;172]. Танҳо 8-уми июли соли 1918 аз Хуҷанд ба Ӯротеппа қисмҳои аскарони сурх фиристода шуда, худи ҳамон рӯз онҳо шаҳрро ба дасти худ гирифтанд. Шӯрои “Дружинаи халқии рус” пароканда гардида, 10-уми июл дар Ӯротеппа ҳокимият ба ихтиёри Шӯрои намояндагии коргарон ва деҳқонон гузашта, ҳокимияти Шӯравӣ дар Ӯротеппа аз нав барқарор карда шуд.

Пас аз ин воқеаҳо дар назди ҳукуматдорони кишвари Туркистони Шӯравӣ ҳалли масъалаи гӯшаи дурдасти кӯҳистон - Мастчоҳ меистод. Тобистони соли 1918, чун дар Ӯротеппа, дар Мастчоҳ низ маъракаи аз мардуми доро ва миёнаҳол кашида гирифтани ғалла яке аз сабабҳои асосии аз байн рафтани Ҳокимияти Шӯравӣ гардид. Исёни зиддишӯравӣ дар Мастчоҳ моҳи ноябри соли 1918 ба амал омад, ки яке аз ташаббускорони он раиси комиҷроияи волости Мастчоҳ Исо Олимбоев буд. Шӯришгарон Ҳокимияти Шӯравиро дар Мастчоҳ сарнагун намуданд. Моҳи ноябри соли 1918, яъне баъди дар Ӯротеппа сарнагун намудани ҳокимияти “Дружинаи халқии рус”, аз Ӯротеппа, баъдан аз Хуҷанд ва Самарқанд ба Мастчоҳ, бо мақсади аз нав барқарор намудани Ҳокимияти Шӯравӣ, отряди махсуси аскарони сурх равона гардид.

Бо мақсади пешгирӣ намудани хунрезӣ кумитаи ҳарбии инқилобии Ӯротеппа қарор кард, ки бо қувваҳои зиддишӯравии Мастчоҳ роҳи мусолиҳаро пеш гирад. 30-юми ноябр дар деҳаи Овчӣ гуфтушуниди тарафайн баргузор гардид ва созишномаи сулҳ ба имзо расид. Мардуми Мастчоҳ ҳавл доданд, ки

Ҳокимияти Шӯравиро эътироф намуда, муносибати душманонаро нисбат ба ?укумати нав хотима мебахшанд.

?амин тавр маъракаи барпо намудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар ҳудуди уезди Хуҷанд, ки моҳи ноябри соли 1917 оғоз ёфта буд, моҳи ноябри соли 1918 ба анҷом расид.

Чи хеле ки аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум аст, волост?ои Ашт, Исфара ва Конибодом ба ҳайати вилояти Фарғона дохил мешуданд. То моҳи декабри соли 1917 аксари ноҳияҳои ин вилоят, аз ҷумла волостҳои номбурда, ба доираи идоракунии "Мухторияти Қӯқанд" дохил мешуданд. Танҳо Ҳокимияти Шӯравӣ дар конҳои нефти САНТО ва ангишти Шӯроб моҳи ноябри соли 1917 барқарор карда шуда буд ва ҷазираеро дар и?отаи мухториятчиён мемонд. Тан?о дар да?аи авали мо?и декабр дар натиҷаи амалиётҳои ҷангии қисмҳои аскарони сурх, маркази вилояти Фарғона - шаҳри Скобелев (ҳозира шаҳри Фарғона) [3;180] ба ихтиёри Ҳокимияти Шӯравии Туркистон гузашт.

6-7-уми декабри ?амон сол дар шаҳри Скобелев анҷумани шӯроҳои намояндагии коргарон, аскарон ва мусулмонони вилояти Фарғона барпо гардид ва дар тамоми ҳудуди вилоят ба ихтиёри Шӯроҳо гузаштани ҳокимияти сиёсиро эълон кард. Вале ин қарор аз ноҳияҳои номбурда танҳо дар ҳудуди волости Ашт амалӣ гардид. Зеро дар Ашт нуфузи мухториятчиён бо сабаби аз маркази мухториятчиён - шаҳри Қӯқанд дар канор будан нисбатан суст буд. ?амин гуна дар волости Ашт Ҳокимияти Шӯравӣ ба тарзи осоишта барқарор гардид. Дар волостҳои Исфара ва Конибодом ?окимияти Шӯравӣ тан?о охири мо?и феврали соли 1918 ба амал омад.

Барпо намудани тартиботи шӯравӣ дар мулкҳои болооби Зарафшон, ки волостҳои Панҷакент, Моғиёну Фароб, Офтобрӯ, Киштут, Фалғар ва Мастчо?ро дарбар мегирифт, бо вазъи Самарқанд сахт марбут буд. Зеро ба истиснои Мастчо?, ки аз ҷиҳати маъмурӣ ба воситаи Ӯротеппа, шомили уезди Хуҷанд буд, дар якҷоягӣ минта?аи Панҷакентро ташкил дода, ба ҳайати уезди Самарқанди вилояти Самарқанд дохил мегардиданд.

Нуфузи болшевикон дар Самарқанд хеле заиф буд ва мав?еи эсерону меншевикҳо, шӯрои исломиҳою шӯрои уламо тавоно буданд. Аввали мо?и декабри соли 1917 болшевикони Самарқанд ба қисмҳои аскарони сурх пайравӣ намуда, кумитаи ҳарбии инқилобиро ташкил доданд ва ҳокимиятро со?иб гардиданд. Аммо худи ?амон сол думаи шаҳрӣ бо кӯмаки қисмҳои казакҳои сафед зери ро?барии И.М. Зайтсев ҳокимиятро дар шаҳри Самарқанд боз ба ихтиёри худ гирифт. Думаи шаҳрӣ дар як муддати кӯто? аз тарафи қисмҳои аскарони сурх барҳам дода шуд.

Ҳамин тавр, моҳи декабри соли 1917 дар болооби Зарафшон, аз ҷумла дар волостҳои Панҷакент, Моғиёну Киштут, Фаробу Офтобрӯ ва Фалғару Искандарӣ бе ягон муқобилияти ҷиддӣ Ҳокимияти Шӯравӣ барпо гардид.

Барпо гардидани ?окимияти Шӯравӣ дар ?исмат?ои шимолии Тоҷикистони имрӯза барои мардуми за?маткаши тоҷик мар?илаи нави зиндагиро ба миён оварда. Хал?и тоҷик на тан?о ҷабру зулми бисёрасраро аз сари худ дур намуд, балки ба маҷрои наву созанда ?адам гузошт. Дар баробари ин, ?алабаи ин?илоби Октябр ?исси худшиносии миллии миллати моро боз ?ам боло бардошт. Далели исботшавандаи ин а?ида дар асоси ҷонбози?ои зиёди

родмардони миллат бунёд намудани давлатдории муста□или баъдина дар □айати Итти□оди Шӯравӣ мебошад.

Адабиёт:

1. Бобоҷон □афуров. “Тоҷикон”. □. II. –Душанбе, 1998. - 412 с.

2. Н. □отамов, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. “Таърихи хал□и тоҷик”. – Душанбе, 2011. □. I-II. - 568 с.

3. Н. □отамов. “Таърихи хал□и тоҷик”. -Душанбе, 2014. -368 с.

4. Революцияи Кабири Сотсиалистии Октябр. Энсиклопедия. - Душанбе, 1987. -860 с.

5. Хотамов Н. “История таджикского народа”.-Душанбе, 2007.-272 с.

РАЗВИТИЕ ТЕАТРАЛЬНОГО ИСКУССТВА В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Якубшоев Афруз *– ассистент кафедры истории и межкультурных коммуникаций Таджикского государственного иниститута языков имени С. Улугзода, 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.: (+992) 934523834, E-mail: afruz. yakubshoev @mail.ru*

В данной статье автор пытается проследить уровень и степень развития театрального искусства республики и показать вклад профессиональных театров в повышение общей культуры населения. Автор приводит факты и статистику по возрождению деятельности творческих групп, артистов, драматургов театра в период независимости. Говорится о заботе и весомом вкладе Правительства Республики в финансирование, строительство, ремонта основных зданий театров и новых зданий театров по всей территории страны. Также автор делает акцент на существующих проблемах и недостатках в деятельности профессиональных театров Республики Таджикистан на современном этапе развития.

Ключевые слова: *театр, драматург, пьеса, независимость, актёр, режиссёр, драма, репертуар, специалист, спектакль.*

РУШДИ САНЪАТИ ТЕАТРӢ ДАР СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Яқубшоев Афруз *- ассистенти кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992) 934523834, e-mail: afruz. yakubshoev @mail.ru*

Дар мақолаи мазкур муаллиф доир ба рушди санъати театрӣ ва нақши он дар баланд бардоштани фарҳанги аҳолӣ, эҳёи фаъолияти дастаҳои эҷодӣ, ҳунарпешаҳо, драмматургҳои театрҳо дар солҳои истиқлолияти давлатӣ маълумот медиҳад. Дар баробари нишон додани рушди санъати театрӣ, муаллиф ба камбудию норасоиҳои соҳа низ ишора намудааст.

Калидвожаҳо*: театр, драмматург, песа, истиқлолият, ҳунарманд, коргардон, драма, репертуар, мутахассис, намоиш.*

THE PROGRESS OF ARE DURING THE INDEPENDENT YEARS OF TAJIKISTAN

Yaqubshoev Afruz *– assistant of the Department of History and Intercultural Communication of the Tajik State Institute of Languages named Sotim Ulugzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (+992) 934523834, E-mail: afruz.yakubshoev@mail.ru*

In his article the outer treys to show about the progress y art and its role for developing culture of population. The given facts by outer redacted the activities of performers, artist, and the independence years of the country. Beside, showing the growing of the art, the author, dos mentioned the shortages in this sphere.

Key words: *theater, performance, players, specialist, drama, peas, director, independent, artist, repertoires.*

«Театр является мощнейшим оружием, способным воздействовать на сознание человека, ибо в нем можно видеть события жизни на сцене, зрители мысленно представляют себя в образах положительных героев и этим путем самостоятельно совершенствуют свой духовный мир» **[1, с.2].**

На территории Республики Таджикистан деятельность профессиональных театров приходится на первую четверть XX века. Государственный академическо - драматический театр Таджикистана имени Абулкасыма Лахути был создан на базе русских профессиональных театров, действовавших в годы Советского Союза. С первых дней своей деятельности этот профессиональный театр удовлетворяет эстетические, умственные, интеллектуальные потребности жителей Таджикистана и по сей день выполняет эту свою функцию.

В последующие годы на базе вышеназванного театра в республике были созданы Государственный театр оперы и балета имени С.Айни (1935 г.), Государственный русский драматический театр имени В.В.Маяковского (1937 г.), Государственный театр молодежи имени Махмуджона Вохидова (1971 г.) и др. Все эти театры создали театральную среду и пространство на всей территории республики **[2,с.10].**

Театр в советское время считался величайшим культурным и политическим центром поколений, принимавший в свои объятия все социальные слои населения. Театр, прежде всего, воспитывал молодое поколение населения. В советское время театр наряду с другими видами искусства серьёзно взялся за культурное и политическое просветление народа и на основе социалистического реализма взялся за воспитание нового поколения, идущего к победе коммунизма, и на этом поприще достиг больших побед в активной идеологической борьбе. Артисты театра М.Саидов, М.Касымов, С.Туйбоева и сотни других в то время подняли славу таджикского театра в Советском Союзе и за его пределами.
И.В.Сталин был поражен сценической игрой Мухаммаджона Касымова. В СССР таджиков после грузин считали самыми лучшими исполнителями произведений Шекспира.

Такую высокую оценку таджикский театр получил за тяжелый и кропотливый труд, который привел из небытия в бытие. В современный период после развала Советского Союза, из-за ослабления идеологического аппарата театр как один из основных сфер культурной, жизни изменил путь своего развития. После приобретения независимости в 1991 г. в Республике Таджикистан одним из основных задач театра была моральная поддержка населения.

Театр, столкнулся лицом к лицу с большими трудностями. Очевидно, что гражданская война и политические беспорядки 1992 – 1997 годов нанесли урон театральному искусству, которое являлось авангардом культурно-просветительной работы. Из-за различных амбициозных и других негативных

отношений к театру с годами в республике стали меньше обращать внимания на театр и театральное искусство, его место заняли безнравственные и бессмысленные фильмы, продемонстрированные даже по различным каналам ТВ и нанесли урон культурно-просветительскому пространству. Моральные и этические отношения населения республики из-за раздора и внутренних противостояний изменились в худшую сторону. Театр, который с первых дней своего существования занимался воспитанием молодого поколения, оказался в состоянии равнодушия, оцепенения, не мог своим репертуаром воспрепятствовать нравственной беспорядочности. Необходимо отметить, что наступивший общий кризис Советского и постсоветского общества, который охватил все сферы общественной жизни страны, не давал возможности театру выполнять свою истинную функцию – воспитание гармонически развитой и думающейличности **[3,с.11].**

В период с 1992 до 1993 гг. таджикские театры временно приостановили свою деятельность. Социальное состояние граждан снижалось и эта сильно повлияло на духовный и моральный мир всего народа. Все творческие коллективы распались, и эта привело прекращению развитие театральной культуры. Всё это повлияло на деятельность театров и сразу уменьшилось количество зрителей в театрах. Однако не смотря на все отмеченные трудности и недостатки, таджикский театр не потерял свою независимость и сохранил свою самостоятельность. Вместо жизненных и интересных пьес авторы, режиссеры и постановщики, работающие в театрах, больше стали обращать внимание на интеллектуальные, просветительские драмы и исторические пьесы. В этом деле все более акцентировалось внимание на культуру таджикского народа, которая сыграла большую роль в определении воли народа на пути развития таджикского общества, корни которого уходят в древние времена.

Со временем вновь творческие коллективы театров восстановили свою профессиональную деятельность и постепенно к ним на работу пришли молодые специалисты, что добавило новые силы в работу театра. Также коренным образом изменилась тематика репертуара театра.

Важно отметить, что в трагические и трудные годы гражданской войны (1992-1997 гг.) одной из важнейших задач театральных коллективов и авторов пьес и сцен было возрождение национальной культуры, национальных ценностей и традиций. Все это было направлено на обеспечение мира и стабильности, сплочения таджикского народа и перевоспитание общества. В спектаклях выразительно показывали события на исторические темы, последствия гражданской войны. Своевременно национальные драматурги и театральные труппы нашей страны обратились к отражению истории таджикского народа. К примеру мы можем назвать следующие драмы: «Бахроми чубина» Т.Ахмадхонова в исполнении артистов театра драмы им. А.Лахути (режиссер-постановщик Т.Ахмадхонов), в исполнении артистов Государственного молодежного театра **[4,с.6].**

С целью поднятия духа патриотизма среди молодого поколения населения на сцене были поставлены «Шугнанский Барзу» Ато Хамдама (режиссер-постановщик М.С.Мазхабшоев, 1993 г.) и «Отелло» В.Шекспира (режиссер-постановщик М.Миралибеков 1997 г.) в исполнении актёров театра драмы и комедии г. Хорог. Представления «Ночи разлуки» А.Шукухи (режиссер-постановщик И.Саломов, 1995 г.) и «Камоли Худжанди» А.Сидки (режиссер-

постановщик И.Саломов, 1996 г.) в исполнении артистов театра комедии и музыки им. Камола Худжанди г. Худжанд, представления «Дакики» С.Аюби (режиссер-постановщик Б.Раджабов, 1993 г.) в исполнении артистов театра музыки и комедии г. Кургантюбе им. Ато Мухаммаджонова, которые были созданы на актуальные темы девяностых годов и являлись основным двигателем просвещения зональных театров страны. Представление, посвященное событиям 1992-1994 годам, и всем тем беспорядкам, которые господствовали в годы гражданской войны в Республике Таджикистан на сцене театра в 1994 г. Союз работников театров страны показали постановку драмы Ш.Солеха «Восстание покойников без савана».

Новым явлением в деятельности театров Республики Таджикистан является развитие организации студий. Главный специалистов области искусства Нурджонов Н.Х. по этому поводу указывает: «Во второй половине 80 годов началось студийное движение в советских республиках». Из числа молодых таджикских режиссеров-постановщиков в г. Душанбе появились студийные театры под руководством молодых специалистов, которые приобрели твердые профессиональные навыки. Но по известным причинам в 1992 году все студии, кроме студии «Ахорун» прекратили своё существование. В 1990 году был образован театр «Ахорун». Первой его постановкой была - «Пропавший Юсуф» (1990 г.) Позже были поставлены спектакли «Исфандиёр» (1992 г.), «Шах Фариддун» (1997 г.), «Зардушт» (2002 г.), «Король Лир» (2003), «Раъно» (2005 г.) и др., которые являлись пропагандистами национальных идей **[5,с.10].**

С целью возрождения, сохранения и будущго развитие традиционно богатого театрального наследия в 1991 г. признанный артист Убайдулло Раджаб организовал экспериментальный театр миниатюр «Оина». Решающим фактором этой творческой группы в первые годы являлось преобразование традиционных художественных методов, фольклорных тем, классической и современной литературы. В постановках: «Необитаемый остров», «Ревизия», «Встреча», «Языковед» и «В роддоме» ярко отражены все эти вопросы.

Однако для стремительного развития отрасли и поэтапной постановки спектаклей, к сожалению, помешала ситуация. За эти годы день за днем ослабевала деятельность к театров и внимание народа театральному искусству убавлялось.

Среди зрителей всеобщее признание имели Душанбинский драматический театр им В.В.Маяковского и театр города Чкаловск, которые выступали на русском языке. Однако из этих театров тоже ушли многие русскоязычные артисты, что явилось большим уроном в творческой деятельности творческих коллективов.

Театры кукол городов Душанбе и Чкаловска тоже покинули не только актёры-кукловоды, но и художники, которые были нужны так же, как и актёры, этим театрам. Особенно тяжелое положение было в Государственном театре кукол г. Душанбе. Долгие годы из-за отсутствия базы и нехватки кадров ставили простейшие спектакли. Деятельность театра музыки и комедии г. Худжанд им. К. Худжанди, г. Кургантюбе им. А.Мухаммаджонова, Куляб им. С.Вализода, Хорога им. М.Назарова, Канибадам им. Т.Фозиловой с трудом шли вперед **[6, с.56].**

Таджикский театр после окончания гражданской войны 1992-1997 гг. и стабилизации политической ситуации в республике театр приобрел развитие, и

обогатил свой репертуар за счет отечественных и зарубежных драматических произведений. В первую очередь в этот период для приведения в порядок данной отрасли возникла необходимость составления нормативно-правового документа.

С целью воспитания в духе патриотизма и самосознания народа в период стабильности политической и общественной жизни укрепились театральные учреждения и повернулись к историческим воспоминаниям. Например, постановка на сцене и преподнесение зрителям новых произведений: Бароти Абдурахмона «Александр Македонский», М.Бахти «Шах Исмоили Сомони», Нур Табарова «Обращение Зардушта», опера Талаба Сатторова «Рустам и Сухроб», Атохона Сайфуллоева «Хуршедсавор» и др.

Одним из направлений культурной политики Правительства Республики Таджикистан, является проведение национальных праздников, исторических дат и юбилеев выдающихся деятелей науки и культуры. С целью реализации этой задачи коллективы театра каждое мероприятие отмечали с собственной индивидуальной постановкой. В 1999 году на высоком уровне было отмечено 1100-летие образования первого таджикского государства. Были подготовлены представления о государстве Саманидов - на основе исторических преданий и легенд. Например к таким постановкам относятся: драма М.Бахти - «Шах Исмаил Сомони» в исполнении артистов театра драмы им. А.Лохути (режиссер-постановщик Ф.Касымов, 1999 г., «Эмир Исмоил» в исполнении артистов театра музыки и комедии г. Хорог (режиссер-постановщик Б.Миралибеков, 1999 г.), С.Аюба -«Сомонхудот» в исполнении артистов театра музыки и комедии г. Куляб им. С.Вализода (режиссер-постановщик Т.Ахмадхонов, 1999 г.) и др.

В канун юбилея «Праздник Победы» в 2010 г. был поставлен спектакль «Не бросай меня» (по пьесе Алексея Дудорова, режиссер-постановщик Б.Миралибеков). Пьеса А.Дударева рассказывает о патриотизме и героизме Советского народа в годы Великой Отечественной Войны. Главные образы пьесы очень хорошо исполняли талантливые актёры Р.Хусейнов, С.Лукмонов, Р.Уланова, Е.Князева, Н.Мамадбекова и др **[7,с.34].** Этот спектакль посвящен страницам истории советского народа, в том числе - таджикам. Произведение играет огромную роль в деле воспитания подрастающего поколения и общества в духе патриотизма.

В начале 2000 года было уделено внимание образованию новых театров и творческих коллективов. С целью развития театрального искусства и духовного воспитания общественности в 2002 году по инициативе народных артистов республики Х.Абдураззокова и Ш.Рашидова был организован театр «Падида» (Новаторство).

В 2003 г. в районе Дангара Хатлонской области был создан республиканский театр музыки и драмы. В 2004 г. был создан театр юных зрителей в г. Худжанде.

Ежегодно для проведения ремонтных работ Правительство Республики Таджикистан выделяет определенные финансовые средства и тем самым обращает серьезное внимание развитию театров. Многие зданий театров республики были капитально отремонтированы, проводился также текущий ремонт.

В 2014 г. было построено и сдано в эксплуатацию новое здание для Государственного экспериментального театра юных зрителей. Также в городе Кургантюбе завершено строительство нового здания театра музыки и комедии

им. Ато Мухаммаджонова, которое в 2016 г. была сдано в эксплуатацию. В 2015 г. в Горно-Бадахшанской Автономной области началось строительство нового здания театра им. Мехрубона Назарова. Во многих театрах Согдийской и Хатлонской областей был проведен текущий и капитальный ремонт. 17 марта 2015 г. Президентом Республики Таджикистан Эмомали Рахмоном был заложен первый камень фундамента нового Национального театра в г. Душанбе, проект которого не имеет аналогов в мире.

Для строительства данного здания запланировано выделение из государственного бюджета 680 миллионов сомони, строительство должно закончиться в 2020 году.

С целью развития театрального искусства и воспитания высококвалифицированных специалистов Правительством Республики подготовлена специальная государственная программа по подготовке кадров. Согласно этой программе группа молодых кадров обучалась за пределами страны и часть из них уже приступили к работе.

За годы независимости десятки известных артистов, которые были в первых рядах и внесли большой вклад в развитие и совершенствование национальной культуры. Можно назвать фамилии И.Машрабова, Х.Гадо, М.Исоева, А.Мирраджабова, М.Достиева, С.Юсуфова, А.Кодирова, М.Мирова, Ш.Солехова, Н.Абдуллоева, И.Абдурашидова, Д.Умаровой, Ш.Абдулкайсова, Ф.Умарова, Р.Хусейнова, О.Кодирова, С.Сабзаалиевой, А.Улфатшоева, С.Азизовой, К.Чакалова, А.Назарова и др., которые всегда были активны и их самоотверженный труд всегда являлся примером для молодых.

В эти годы в драматургию и в театр пришли молодые таджикские писатели – М.Суруш, М.Сабзаев, Р.Самад, А.Рабиев, Д.Тошматов, С.Шарофиддин, К.Давлатов, знаменитые поэты – Х.Неъмат, Гулназар, Н.Косим, А.Мирходжа, М.Гоиб, Фарзона, актеры – С.Мукаддам, Н.Абдуллоев и режисер-постановщик Б.Абдураззоков. Были написаны хорошие пьесы драматургами А.Сидки, М.Ходжаевым, С.Аюби, Ш.Солехом.

Необходимо отметить, что с приобретением независимости стали шире творческие связи театров Таджикистана с творческими группами зарубежных стран. Актёры театров активно принимали участие в международных театральных фестивалях: «Аржанг», «Фалак», «Парасту», «Фадж», «Навруз», «Бахори апрел» и др. международных показах. Несколько раз принимали участие в проведении дней культуры Республики Таджикистан в Российской Федерации, дней Таджикистана в ЮНЕСКО, международных конкурсах Навруз, театральных фестивалях в Иране, Северном Кавказе. Актеры театров выезжали в творческие командировки и принимали участие в разных мероприятиях, проведенных в России, Германии, Бельгии, Польше, Голландии, Франции, Молдове, Киргизстане, Северной Корее, Японии,Ираке, Китае, Турции, Афганистане.**[8,с.11]**

Международный фестиваль «Навруз» три раза (в 2003, 2005, 2006 гг.) проводился в Республике Таджикистан, и в нем принимали участие мастера искусств России, Ирана, Афганистана, Индии, Узбекистана и Кыргызстана и показали свое мастерство. Государственный театр оперы и балета им С.Айни в 1998 году принял участие в международном конкурсе академических хоров и всемирного фольклора в г. Анкаре и занял второе место среди 39 государств. Солист театра М.Достиев в апреле 2003 года принял участие на фестивале

«Бахори апрел» в Корейской Народно- Демократической Республике и занял первое место среди участников из 55 стран мира и был удостоен призом «Золотая чаща».Государственный театр молодёжи им. М.Вохидова в 1993 году на международном фестивале в г. Ашхабад представил на суд зрителей драму «Приключения Сафармахсума» и был удостоен первого места. Дипломом «За лучшую мужскую роль» был награждён таджикский актёр Н.Нуриддинов. Мастера данного театра в 2009 году приняли участие на 27 Международном театральном фестивале «Фаджр», который ежегодно проходит в Тегеране. На этом фестивале на суд зрителей был представлен спектакль «Рустам и Сухраб» из поэмы А.Фирдавси «Шахнаме», который был очень хорошо и горячо принят зрителями и членами жюри. При подведении итогов был удостоен приза Гран-При. Дипломом «За лучшую мужскую роль» был награждён таджикский актёр К.Собиров. Мастера искусств театра с представлением «Чашмони бародари киёмати» (глаза вечного друга) выступали на национальном фестивале в Афганистане и международном фестивале«Золотой Лев» в Республике Украина и были награждены дипломом «За лучший спектакль».5Мастера искусств Русского театра драмы им. В.В.Маяковского в 2008 году на сцене поставили пьесу«Икрор» (ё «Тавба») (Признание) или (Покаяние) в постановке Б.Абдуразокова. С этим спектаклем приняли участие в 11 Международном фестивале театров СНГ, Балтии, «Встреча в России». Были удостоены главного приза фестиваля им. К.Лаврова. Постановка спектакля своеобразна, на сцене только 8 стульев и всего 7 актрис. Каждая ин них рассказывала о своем горе, раскрывала душу зрителю, и зритель слушал каждую героиню очень душевно и внимательно, сочувствовал ей. Один из критиков сказал: «Эта постановка вернулась к начальной сущности театра, раньше люди говорили со сцены, зритель его слова воспринимал как свою боль». Эта была лучшая оценка.

Также мастера искусств театра в 2010 году приняли участие на международном фестивале им. А.П.Чехова со спектаклем «Рустам и Сухраб». Режиссер-постановщик С.Усманов был удостоен похвалы и признания со стороны критиков и зрителей. В том же году мастера театра приняли участие на международном фестивале «Встречи в России» со спектаклем «Последняя ночь Сократа» по пьесе болгарского драматурга С.Санаева и были удостоены положительных рецензий, особенно за игру Р.Хусейнова. Была организована творческая поездка в города Брянск и Орёл Российской Федерации по Государственной и общественной программе «По поддержке русскоязычных театров». Театр в эту поездку привез четыре спектакля «Три сестры» А.П.Чехова, «Рустам и Сухраб» Жуковского, «Первая любовь Ходжа Насриддина» Т.Зулфикорова и спектакль – сказку «Тысяча и одна ночь». Было показано четырнадцать спектаклей, которые посмотрели более тысячи зрителей перечисленных городов**[9.].** Музыкально-драматический театра им. Камола Хаджани г. Худжанд принял участие на Фестивале в городах Ташкент и Бишкек. Группа театра в 2000 году, выступая в городе Бишкек со спектаклем «Шабпарак хоб дид» (Бабочка видела сон), была удостоена первого места и со стороны жюри была объявлена «Лучшим театром Центральной Азии». Музыкально-комедийный театр им. С.Вализода несколько раз выезжал в творческую поездку за рубеж. Мастера искусств этого театра на фестивале Эронзамин (Земля иранцев) выступили с постановкой «Мири Кабир» (Великий Эмир) М.Гоиба, и были удостоены приза зрительских симпатий. Таджикские мастера искусств,

принимая участие на международных конкурсах и фестивалях, показывая своё искусство и соревнуясь, всесторонне пропагандируют таджикскую театральную школу. Вместе с ним творческие поездки дают возможность приобрести опыт, повысить квалификацию и развить мировоззрение актеров. В Республике Таджикистан функционируют 16 государственных, 2 частных и 24 народных театра. В театральных учреждениях работают более 1500 человек, из которых 700 человек являются творческими работниками. Из них: 2 Народных артистов СССР, 70 Народных артистов Таджикистана, 75 Заслуженных артиста Таджикистана, 8 Деятелей искусств Таджикистана, 9 имеют орден «Шараф» («Славы»), 45 имеют медаль «Хизмати шоиста» (Заслуженный труд), 3 Заслуженные деятели Таджикистана, 1 Народный художник Таджикистан, 5 лауреаты Государственной премии им. А.Рудаки.

Эта великая творческая сила прилагает все свои силы на развитие и процветание национальной культуры, принимает участие в возрождении народных традиций и защиты исторической памяти, в совокупности служит развитию духовного мира и культуры общества. Многократно представлял национальное искусство и культуру таджиков за пределами страны. Но, несмотря на эти достижения, в деятельности театра есть и недостатки**[10,с.176].** Профессиональный уровень и качество работы театров республики не отвечают требованиям времени. Материально-техническая база театров устарела, нет современной сценической технологии.

Исследования показали, что наряду с успехами на этом этапе есть трудности в театральной деятельности. К сожалению, не наблюдается конкуренция между театрами и актерами для созидания чистой творческой атмосферы. В театрах работают такие люди, для которых самое главное отчитаться за количество спектаклей перед вышестоящими организациями.

Одна группа из режиссер-постановщиков, таких как Фарух Касымов, Хушназар Майбалиев, Бахром Тохиров покинули мир, другая группа – предпочитает молчание. Третья группа – Барзу Абдуразаков, Султон Усмонов, Валерий Ахадов живут за пределами страны. Почти нет здоровой борьбы среди театров. Специалисты сожалеют о том, что труппы обнищали, нет специализированных артистов. В художественных школах Таджикистана не готовят специалистов по музыкальной драме и музыкальной юмористике. Нужно готовить таких специалистов.

Литературы:

1. Выступление Президента Республики Таджикистан на открытии Амфитеатра в парке Боги Ирам. // Садои мардум. – 2011. - 7 сент.

2. Нурджонов Н. Школа таджикского актёра. / Н. Нурджонов. - Душанбе, 2011.- С.11.

3. Текущий архив Министерства культуры Республики Таджикистан. Годовые отчеты за 1996-1997. - С.10.

4. Табаров М. Театр и независимость. / М. Табаров. – Душанбе, 2010. - С.6

5. Абдурахманов А. Профессиональные театры Республики Таджикистан. / А. Абдурахманов, Ш. Абдулкайсов. - Душанбе, 2012. - С.10.

6. Афзалов Х. Созидатель культуры. / Х. Афзалов. –Душанбе: Адиб, 2005. - 34с.

7. Дворец музыки и песен. В честь 70-летия Театра опера и балета им. С. Айни. - Душанбе, 2010.- С.11.

8. «Программа развития театрального искусства в Республике Таджикистан на 2013-2019 гг.»

ҶУЗЪ ВА КУЛ ДАР ТАЪЛИМОТИ МАВЛОНОИ БАЛХӢ

Азизмуродов Муҳаммадсалим Раҳимович *– муаллими калони кафедраи филологияи англиси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6, тел. (992 37) 2325000; 2325003, e-mail: boghbon@bk.ru, тел.: 93 565 21 84*

Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ яке аз саромадони ирфон буда, бо андешаҳои ҷаҳонгири худ дар саросари олам шуҳрати беназир касб кардааст. Таълимоти ирфонии Мавлоно аз ирфони дигар орифон бо муътадилӣ ва ақлонияти хос фарқ мекунад. Мавлоно зимни таълимоти ирфонии худ як қатор масоили фалсафиро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки дар байни онҳо масоили марбут ба категорияҳои фалсафӣ ҷои хоса доранд. Муаллиф дар ин мақола кӯшиш кардааст, то нуқтаи назари Мавлоноро ба категорияҳои ҷузъ ва кул нишон диҳад.

Калидвожаҳо*: Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, ирфон, фалсафа, категория, ҷузъ ва кул.*

ЧАСТЬ И ЦЕЛОЕ В МИСТИЧЕСКОМ УЧЕНИИ МАВЛАНИ ДЖЕЛАЛАДДИНА БАЛХИ

Азизмуродов Мухаммадсалим Рахимович *– старший преподаватель кафедры английской филологии Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, тел. (992 37) 2325000; 2325003, e-mail: boghbon@bk.ru, тел.: 93 565 21 84*

Мавлани Джелаладдин Мухаммад Балхи является одним из самых выдающихся мистиков, просленный на весь мир своими просветительскими. Мистика и мистические учения Мавлани отличаются своими взвешенныли и рациональным специфическими свойствами.Мавлана Джелаладдин в своих мистических учениях рассматривает ряд философских проблем, среди которых философские категории занимают особое место.

Ключевые слова: *Мавлана Джелаладдин Балхи, мистика, философия, категория, часть и целое.*

PART AND WHOLE IN THE MYSTICAL TEACHING OF MAWLANA JALALADDIN BALKHI

Azizmurodov Muhammadsalim Rahimovich *- senior lecturer of the English Phililogy chair of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. Cell: (992 37) 2325000; 2325003, e-mail: boghbon@bk.ru tel: +992 93 565 21 84*

Mawlana Jalaladdin Muhammad Balkhi is one of the outstanding mystics, who became famous all over the world with his worldwide ideas. The mysticism and mystical teaching of Mawlana differs from the other's teachings with its counterbalanced and rational peculiar properties. Mawlana Jalaladdin in his mystical teachings deals with the number of philosophical problems, which amongst the problems of philosophical categories have a special place. The author in this article tries to show Mawlana's point of view to the part-whole categories.

Keywords: *Mawlana Jalaladdin Balkhi, mysticism, philosophy, category, part and whole.*

Ҷузъҳоро рӯйҳо сӯйи кул аст,
Булбулонро ишқ бо рӯйи гул аст.

Таълимоти Мавлоноро метавон аз ҷиҳати фалсафӣ сазовори баҳои баланд донист, зеро дар он чандин масоили баҳсталаби фалсафӣ мавриди баррасии олимона қарор гирифтаанд. Нақши Мавлоно дар рушду такомули ирфони исломӣ хеле назаррас аст. Масъалаи ҳастӣ, асрори офариниш, инсон ва монанди инҳо дар таълимоти мутафаккир мавқеи намоён доранд. Дар консепсияи ҷаҳонбинии Мавлоно идтиҳоду ваҳдат ва дурӣ аз ҷаҳолату таассуб ҷойгоҳи махсусро ишғол менамоянд. Ваҳдати талаққинамудаи Ҷалолуддини Румӣ, сарманшаъ аз ҷомеаи инсонӣ гирифта, то дараҷаи ваҳдати вуҷуд, яъне Ҳақиқати мутлақро дар бар мегирад. Мавлоно оламро таҷассуми Ақли Кул дониста, ақли инсонӣ ва мавҷудоти олами моддиро таҷассуми он медонад. Ӯ дар шинохти асрор ва дарки моҳияти ваҳдати вуҷуд мартабаи инсонро хеле баланд бардошта, онро ҷузи пайвастшавандаи асли кул медонад. Мавзӯи марказии таълимоти Мавлоно Ҷалолиддини Балхиро тарбияи «Инсони комил» ташкил медиҳад. Инсони комил аз назари мутафаккир онест, ки ҳама паҳлӯҳои ҷаҳони моддиро дарк намудааст. Масъалаи мазкур дар таълимоти ахлоқии Мавлоно аз он шурӯъ шудааст, ки инсон дар содир кардани тамоми афъол озод аст. Озодии иродаи инсон метавонад бадиро ба некӣ табдил диҳад ва нафси разиларо саркӯб намояд. Нафсро омили бадӣ эълон кардани мутафаккир аз он ҷо Сар задаст, ки моликияти хусусӣ ва манфиатҳои шахсӣ касро ба бадтарин кирдору аъмол водор мекунад. Дар роҳи комёбиҳои шахсӣ ва беҳбудии зиндагии шахсӣ ва беҳбудии зиндагии фардӣ, бухлу ҳасад, киноявву адоват ва монанди ин хислатҳои хабис ривоҷ ёфта, бештар дар ахлоқи табақаи ашроф ифода меёбанд. Ӯ пайрави ахлоқи аҳли футувват ва оини ҷавонмардӣ буд. Аз назари мутафаккир омили аслии камолот ҷустуҷӯи ҳамешагии илму маърифат ва инсодустии ҳақиқӣ мебошад. Тавассути офаридани асари безаволи хеш - Маснавии Маънавӣ тавонист, таълимоти қуръониро бо тобишҳои ақлониву ирфонӣ тасвир намояд.

Дар ин гуфтор мо кӯшиш курдаем, ки мавқеи мақулаҳои ҷузъ ва куллро дар доираи таълимоти ирфонии Мавлоно нишон диҳем.

Муҳаммадтақии Ҷаъфарӣ дар шарҳи машҳури худ, ки яке аз фалсафитарин шарҳҳои Маснавӣ дар доираи бешумори шарҳҳост, дар бораи масъалаи «руҷӯи ҷазъҳо ба кул» ақидаронӣ карда, ҷузъу куллро аз нигоҳи илмию фалсафӣ мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Ҷузъро воҳиде дар дастгоҳи мураккаб медонад, ки бе вуҷуди он мураккаби тасаввуршаванда ба ҳамон андоза ноқис мешавад.

Дахолати ҷузъ дар кул ба ҷуҳати хусусиятҳои вуҷудии ӯст, ки дар як маҷмӯаи мураккаби мавриди назар воқеъ мегардад. Кул иборат аст аз иҷтимои аҷзоъ дар як дастгоҳи марбут ба ҳам, ки метавонанд ба ҷиҳати иртибот ва системанокие эҷод кардаанд, объекти мушаххасеро ба вуҷуд биёваранд. Агар як идда аз аҷзоъ бе иштирок дар эҷоди як синтез ва ё як объект бо якдигар иҷтимоъ дошта бошанд, маҷмӯи онҳоро кул наменоманд. Ва баъд аз чунин ба қавли худи олим «таърифи мухтасар» боз ба масъалаи аслии таҳқиқи худ, яъне ба «руҷуи ҷузъҳо ба кул» бармегардад.[5]

Ҳастии чизҳо, ки аз рӯи сохтору таркибашон содда ва мураккаб буда метавонанд, махлут будани онҳо ба зинаҳои олитари ташкилаҳои гуногуни табиӣ ва фарҳангӣ – ин ҳама дар пеши афкори онтологӣ масъалаҳои муҳим доир ба таносуби кул ва ҷузъҳо, гуногунии намуди кулиятҳои мавҷудаи олам ва тимсоли ҳаминро гузошт.

Дар фалсафа ду самти ҳалли масъалаи мазкур инкишоф ёфтаанд. Аз мавқеи яке аз онҳо, ҳар кадом предмет, объект ё зуҳурот ҳамчун ҷамъи ҷузъҳои таркибиаш баррасӣ мегардад. Андешида мешуд, ки маҷмӯи ҷузъҳо сифати предмети кулро ташкил медиҳад. Ҷонибдорони ҷараёни дигар бар он ақида мӯътақид буданд, ки ба ҳар як объект сифати дохила хос буда, аз ҷудо шудани ҷузъҳо барҳам намехӯрад. Дар таърихи фалсафа ин ҷараёнҳои алтернативӣ бо номҳои меризм ва холизм маълум мебошанд.

Меризм (аз юнонӣ, *meros – қисм, ҷузъ*) чунин далелро асос мекунад: азбаски ҷузъ пештар аз кул ба вуҷуд омадааст, аз ин рӯ маҷмӯи ҷузъҳо ҳеҷ гуна чизи сифатан навро ба вуҷуд намеорад, ғайр аз анвои миқдории сифатҳо. Ҷузъҳо сабаби кул мебошанд. Вобаста аз ин, маърифат кардани объект, пеш аз ҳама, ин ба ҷузъҳои хурдтар тақсим кардани объект ва дар алоҳидагӣ омӯхтани ин ҷузъҳо мебошад. Аз донишҳои дар рафти омӯхтани ин ҷузъҳо ҳосилшуда тасаввуроти умумӣ дар бораи объект пайдо мешавад. Чунин муносибат ба таҳқиқи объект дар илм элементаристӣ (соддагароӣ) ном гирифтааст, ки бо методи редуксияи (тахфифи) мураккаб ба содда асос меёбад.

Бояд қайд кард, ки чунин муносибат то дараҷае самаранок аст, агар сухан дар бораи объектҳои нисбатан содда равад, ки алоқамандии байни ҷузъҳояш начандон қавӣ аст. Маҳдудияти чунин муносибат ба пуррагӣ маълум мегардад, агар ба сифати объекти маърифат ягон низоми кул ба мисли организм ё ҷамъият қарор гирад. Масалан, ҳоло ба ҳеҷ кас муяссар нашудааст, ки махсусияти инкишофи ҷамъиятиро бо роҳи ба шахсиятҳои таърихӣ (ҷузъҳои оддитарини ҷамъият) редуксия кардан комилан маънидод карда бошад.

Холизм (аз юнонӣ, *holos – яклухт, кул*) чунин ақидаро пешбарӣ мекунад: сифати чизи кул ҳамеша аз ҷамъи сифатҳои ҷузъҳои он бештар аст, яъне дар кул як зиёдатие ҳаст, ки онро сифатҳои ҷузҳо дошта наметавонанд, вай шояд ҳатто то онҳо вуҷуд дошт. Ин сифати кул ягонагии предметро таъмин менамояд ва ба сифати ҷузъҳои алоҳида таъсир мерасонад. Мувофиқ ба ин, маърифат ҳамчун раванди омӯхтани ҷузъҳо дар асоси донистани кул сурат мегирад. Ҳарчанд, ки ин муносибат ҷаззоб аст, вале он ҳам аз камбудӣ озод нест, чунки ба он «зиёдатӣ» аҳамияти бештар дода шуда, дар низом муҳимтарин шуморида мешавад. Алҳол худи ин зиёдатӣ дар аксари вақт муайян карда намешуд ва лозим меомад, ки равандҳои воқеӣ ба таври ақлию зеҳнӣ маънидод карда шавад.

[5] محمد تقی جعفری، جلد 1، صفحه 352

Дар байни низомҳои кул, мувофиқи хусусияти ҳамтаъсирии унсурҳояшон, *низомҳои гайриорганикиро* (атомҳо, молекулаҳо, низоми офтобӣ ва ғ.) ҷудо кардан мумкин аст, ки дар онҳо тарзҳои гуногуни таносуби ҷузъ ва кул, гуногунии ҳамтаъсирии байни унсурҳо, ки дар зери таъсири қувваи беруна сурат мегирад, вуҷуд дошта метавонанд. Унсурҳои чунин низом баъзе хосиятҳояшро дар муҳити берун аз низом гум мекунанд, дигаронаш, баръакс, мустақилона амал мекунанд. Кулияти чунин низомҳо бо қонуни бақои энергия муайян мешавад. Низом устувортар ҳисобида мешавад, агар барои ба унсурҳои алоҳида «ҷудо кардан»-и он қувваи зиёдтар сарф шавад. Дар баъзе ҳолатҳо, агар нисбати низомҳои соддатар гуфта шавад, энергияи барои чунин ҷудокунӣ (пошдиҳӣ) сарфшаванда ба энергияи худи ин заррачаҳо баробарандоза буда метавонад.

Дар байни низомҳои ғайриорганикӣ, дар навбати худ, низомҳои функсионалӣ ва ғайрифункционалиро ҷудо кардан мумкин аст.

Низомҳои функсионалӣ (аз лот., *function – иҷроиш; вазифа*) бо принсипи ҳаммавҷудиятии ҷузъҳои нисбатан мустақил асос ёфтаанд. Ба ин намуди низомҳо мошинҳои гуногунро шомил донистан раво аст, ки дар онҳо, аз як тараф, бечо кардан ё шикастани ягон қисмаш сабаби аз кор баромадани система мешавад. Аз тарафи дигар, мустақилияти нисбии ҷузъҳояш имкон медиҳад, ки аз ҳисоби иваз кардани қисмҳо ва ворид кардани барномаҳои нав самаранокии кори низом таъмин карда шавад. Ин ҳолат имкон медиҳад, ки ивазкунии ҷузъҳои низом афзуда, шарти эътимодбахш ва мувофиқи матлаб шудани кори он мегардад, дар сатҳи муайян ба тағйироти сифати низом оварда мерасонад.

Дар *низомҳои органикӣ* кул нисбат ба ҷузъҳояш фаъолтар аст. Чунин низомҳо ба худинкишофёбию худтакористеҳсолкунӣ ва баъзеи онҳо ба мустақилона вуҷуд доштан қобил мебошанд. Олиташкилҳои онҳо чунин зернизомҳои худро таъсис карда метавонанд, ки дар табиат ба шакли тайёр вуҷуд надоранд. Ҷузъҳои чунин низомҳо фақат дар дохили кул вуҷуд дошта метавонад, вале бе он амал карда наметавонанд.

Тадқиқотҳои муосири синергетикӣ (аз юнонӣ, *sinergia – дар якҷоягӣ амал кардан;*) қонуниятҳои фаъолияти низом ва таҳаввулоти низомиро дақиқтар инъикос менамоянд. Моҳияти кашфиётҳои синергетикаро доир ба хосиятҳои низомҳои воқеӣ ба таври мухтасар баён мекунем.

1. Низомҳои бемувозинат дар табиат хеле зиёданд. Дар ҳамаи сатҳҳои ташкили сохтории ҳастӣ маҳз бемувозинатӣ манбаю шарти пайдоиши тартибот ва низомнокӣ мебошад. Худташкилёбии худсаронаи материя танҳо дар низомҳои бемувозинат имконпазир мебошад.

Чун ту ҷузви оламӣ, ҳар чун бувӣ,
Куллро бар васфи худ бинӣ ғавӣ.
Гар ту баргардиву баргардад сарат,
Хонаро гарданда бинад манзарат. (д.4, 2368-2369)[6]

2. Ҳангоми берун шудан аз вазъи мувозинатӣ, вақте ки флуктуатсияҳо (аз лот, *fluctuatio – лағжиш*) дуршавии тасодуфии бузургиҳои низом аз ҳадди эътидолро ба миён меоваранд, ҳодисаҳои пайдоиши низомҳо ва сохторҳои диссипативӣ (аз лот., *dissipatio – парешон шудан*) ба вуқӯъ меоянд. Низомҳои

[6] Чун ту ҷузви оламӣ, пас эй миҳин,
Кулли онро ҳамчу худ донӣ яқин.
Чун ту баргардиву баргардад сарат,
Хонаро гарданда бинад манзарат.

диссипативӣ чунин хусусият доранд: а) умуман хосияти кушодагӣ доштан, яъне доимо бо муҳити беруна дар робитаи мубодилавӣ қарор доштан, ки ин дар навбати худ ба иваз шудани бенизомӣ (хаос) бо низомнокӣ мусоидат мекунад; б) ҷавобгӯй будан ба омилҳое, ки дар ҳолати мувозинатии низом нисбаташ холису бетараф буданд.; в) мавуҷудияти ҳамтаъсирии гурӯҳӣ (корпоративӣ) дар сатҳи поёнӣ: агар дар ҳолати мувозинати низом заррачаҳо новобаста аз заррачаҳои дигар «гӯё онҳоро нодида» рафтор мекарда бошанд, пас дар ҳолати ноомувозинатӣ заррачаҳо қобилияти «дидан»-и на танҳо ҳамсояҳои худ, балки кулли низомро низ пайдо мекунанд. Чунин тағйирёбии рафтори заррачаҳо ба сифатҳои хоси унсурҳои нисбатан бузурги низом дар фазою вақт бетаъсир наемонад.; г) барнагарданда будани равандҳои ташаккулёби низом дар вақт, ки фарқияти ҳолатҳои ҳозира, гузашта ва ояндаи низомро тақозо мекунад, яъне эътироф кардани таҳаввулёбии кулли низомҳои ҳастӣ (ҳам зинда ва ҳам ғайризинда); д) вуҷуд доштани *аттрактор* (аз лотинӣ, *atractio – ҷазб кардан, кашидан*), яъне он мақсад-ҳолати интиҳоӣ, ки таҳаввулоти низомро самтгир намуда, ҳолатҳои эътидолии низомро «кафолат» медиҳад.

Ҷузъҳоро рӯйҳо сӯйи кул аст,
Булбулонро ишқ бо рӯйи гул аст.

Рӯй сӯйи кул будани ҷузвҳо мавқеи аттраксионии Мавлоноро нишон медиҳад.

Он ҳолати худташкилёбии низом, ки дар он ҳанӯз аттрактор ташаккул наёфтааст, бенизомӣ (хаос) номида шуда, дар сатҳи поёнӣ қувваеро ифода мекунад, ки барои гузариши низом ба реҷаи номуназзамӣ мусоидат менамояд. Аз худи бетартибӣ, ки дар раванди ноил шудани низом ба яке аз аттракторҳо нақши созандагӣ дорад, тартибнокӣ тавлид меёбад. Худи бенизомию бетартибӣ (яъне хаос) тартиботи мураккаби ботинӣ дорад ва аз ин рӯ, онро бо низомнокию тартибот набояд мутлақан зид гузошт; е) нобаробариҳои дифференсиалии ғайрихатии низом, дар муқоиса бо нобаробариҳои дифференсиалии ростхатӣ, на як, балки якчанд роҳи ҳалшавӣ доранд.

3. Ҳангоми сахт тағйир ёфтани бузургиҳои асосии низом вай то «остонаи» устуворӣ наздик мешавад, ки аз паси он (агар низом барҳам нахӯрда бошад) чанд роҳи имконии инкишоф барояш кушода мешаванд. Ин «остона» нуқтаи *бифуркатсия* (аз англисӣ, *fork – шоха; мавзеи ҷудошавии роҳҳо*) ном дорад. Дар он хати ҳаракати инкишофи низом ба ду «шоха»-и баробаримкони ҳаракати минбаъдаи низом тақсим мешавад, ки аз онҳо танҳо якеаш татбиқшаванда аст: низом яке аз ин ду роҳҳои имконии инкишофро интихоб мекунад. Ба «интихоби шохае, ки бифуркатсия пайдо мешавад», «флуктатсияҳои сатҳи микроскопӣ» масъул мебошанд. Онҳо «он ҳодисаеро муайян мекунанд, ки ба вуқӯъ меояд». Бифуркатсия: а) манбаи навовариҳои инкишофи низом буда, ҳамин мазмунро ифода мекунад, ки «табиат дар ҳамаи зинаҳои ташкилаш бунёдкор мебошад»; б) баландтарин нуқтаи ҳасосии низом нисбат ба ҳамагуна таъсироти дохилию берунӣ: дар қарибии он рух додани ҳатто камарзиштарин флуктуатсияи ин ё он бузургӣ метавонад низомро ба самти комилан нави инкишоф равона шудан водор намояд, ки ин ҳолат аз ноустувории олами мо дарак медиҳад.

Бишнав акнун асли инкор аз чӣ хост,
З-он ки кулро гуна-гуна ҷузвҳост.
Ҷузви кул, не ҷузвҳо нисбат ба кул,
Не чу бӯйи гул, ки бошад ҷузви гул. (д.1,2904-2905)

4. Гузариши бифуркатсионӣ шароити гуногунхатӣ, яъне хусусияти гуногунсамтию алтернативӣ доштани таҳаввули низомро муайян мекунад ва аз ин сабаб «оянда ба мо пешакӣ дода нашудааст», онро танҳо дар такя ба принсипҳои сабабият муайян кардан номумкин аст. Дар интихоби ояндаи инкишофаш низом ногузир бо тасодуф дучор мешавад, ки он дар синергетика мақоми бунёдиро касб намудааст.

Ҷузъ якрӯ нест, пайваста ба кул,
В-арна худ ботил будӣ баъси расул. (д.1, 2812)

Дар ин қарина таҳаввул ҳамчун раванди гузаришҳои бифуркатсионӣ ҷилвагар мешавад, ки дар он, чун дар мӯҳрабозӣ, унсури тасодуф (аз ин рӯ, пешгӯинашавандагӣ) ҳукмрон аст.

Хулоса аз нуқтаи назари бархӯрд ва бардошт аз мақулоти ҷузъ в акул Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ мавқеи холистӣ ва аттраксионро гирифтааст. Яъне ӯ ҷузъро қисм ё дараҷаи поёнии инкишофи кул медонад, аммо хосияти онҳоро фарқкунанда дониста, ҳеҷгоҳ айният намедиҳад, балки хосияти куллро томмтар ва барҷастатар медонад.

Адабиёт:

1. Абӯалӣ ибни Сино. Осор. Донишномаи Алоӣ. ҷ.1, Душанбе: 2005, - 854с
2. Замонӣ К. Шарҳи ҷомеи Маснавии Маънавӣ. Теҳрон, Иттилоот, ҷ.1. ва 2 – 1391, 1142с.
3. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънавӣ. Мутобиқ бо нусхаи тасҳеҳшудаи Р.Николсон, Теҳрон: интишороти Паймон, 1263с.
4. Маркс К. и Энгельс Ф., Соч., 2 изд., т. 25, ч. 2, с. 384.
5. Спиркин А.Г. Асосҳои фалсафа. Душанбе, 1991, -544 с.
6. Философский энциклопедический словарь / Редкол.: С.С. Аверинцев, Э.А. Араб-Оглы, Л.Ф. Ильичёв и др. – 2-е изд. – М.: Сов. энциклопедия, 1989 – 815 с.
7. Фурӯзонфар Б. Шарҳи маснавии шариф ҷ.3, Теҳрон, Заввор, бе соли нашр -1236 с.
8. Ҷаъфарӣ М. Тафсир ва нақду таҳлили Маснавии Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ, нусхаи электронӣ, нашри Барномаҷ ал-Мактабат-ил-Шомилат برنامج المكتبة الشاملة - http://www.shamela.ws.

НАҚШИ СУЛҲ ДАР БУНЁДИ ҶОМЕАИ ДЕМОКРАТӢ

Мирова Нағзигул Раҳмоновна *– ассистенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6.*

Дар мақола сухан перомуни на□ши сул□ ва ва□дати миллӣ дар бунёди ҷомеаи демократӣ ва □уқуқбунёд меравад. Муаллиф асоси рушди муносибат□ои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии ҷамъиятиро дар таҳкими сулҳу суботи кишвар маънидод мекунад.

Калидвожаҳо: *сулҳ, ҷомеаи кушод, ваҳдати ҷамъиятӣ, рушди иқтисод, демократия, ҷаҳони муосир.*

РОЛЬ МИРА И СОГЛАСИИ В УКРЕПЛЕНИИ ДЕМОКРАТИЧЕСКОГО ОБЩЕСТВА

Мирова Нагзигул Рахмоновна *– ассистент кафедры философии и политологии Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, 734019, г.Душанбе, ул.Мухаммадиева 17/6.*

В статье речь идет о роли национального примирения и согласии в создании демократичного и правогого общество и факторы негативно повлияющие на укрепление демократических процессов. Автор расматрываеть процесс развытия экономических, социальних и политических отношений в стабилной обществе.

Ключевые слова: *Мир, согласие, открытое общество, социальное примерение, развытие экономики, демократия, современный мир.*

THE ROLE OF PEACE AND HARMONY IN THE DEMOCRATIC SOCIETY FORMATION

Mirova Naqzigul Rahmonovna *– assistant of the Philosophy and Politology chair of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. Cell: (992 37) 2325000; 2325003*

The article talks about the role of national agreement and harmony in the democratic and jural society formation. Author consist development process in economic, political and social relations in the stability society.

Keywords: *Peace, harmony, open society, social agreement, economic development, democracy, modern world.*

Дар ҷаҳони муосир имрӯз барои ҳамагон маълум аст, ки ҳодисаҳои нави геополитикӣ ва муташанниҷ гардидани ваъзи сиёсӣ, моро водор месозад, то дар бораи роҳҳои рушди ғояи сулҳ андеша намоем. Имрӯз аксари кишварҳои дунё бо

дарки ҳамин масъала роҳи нави давлатдории демократӣ ва дунявиро зарур ва муҳим меҳисобанд.

Баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи демократӣ ва давлати ҳуқуқбунёдро пеш гирифт. Мутаассифона, ин роҳи басо бузургро баъзе гурӯҳҳои иртиҷоӣ зери фишор қарор дода, кишвари моро ба ҷанги шаҳрвандӣ мубтало гардониданд.

Воқеан ҳам Иҷлосияи XVI Шӯрои олӣ нақши тақдирсоз дорад ва метавон гуфт, ки аз он истиқлолияти воқеии кишвар оғоз меёбад. Бо гузашти замон, ин санаи таърихи нуфузи бештар пайдо карда, мавриди пажӯҳиши муаррихону ҷомеашиносон қарор мегирад.

Масалан, агар ба таърихи сол□ои 20-30-юми қарни гузашта, ки аслан давраи оғози ташкилёбии давлати навини тоҷикон мебошад, назар афканем, бурди бохту он замонро дар риштаи та□лил ҷой дода, ба зиёиён, ходимони сиёсиву ҷамъиятии он замони кишвар, ки барои таъсису пойдории давлати тоҷикон дар доираи Итти□оди Шуравӣ ҷонфидои□о намуданд, аҳсант мехонем. Ва шукр менамоем, ки ма□з таъсиси он ҷумҳурӣ буд, ки барои давлати соҳибистиқлоли имрӯзаи мо заминасоз шуд. Ҳамин тариқ, имрӯз насли ояндаи мо саҳифаҳои таърихи давраи солҳои 90-уми қарни бистро варақ мезанад, ба қаҳрамониву ҷонфидоиҳои фарзандони фарзонаи миллат, ки ҷум□уриро аз вартаи маҳфгардӣ ва ё аз хатари шоҳроҳи таърих берун рафтани онро боздоштанд, таҳсин мегӯяд.

Имрӯз ҷидду ҷаҳди аксари кишварҳоро мо дар пойдории сулҳ ва ваҳдати инсонҳо мушоҳида мекунем. Зеро «кӯшиши муттасили ҳаракатҳо барои ҳуввият ба он хотиранд, ки дар раванди ҳамгироӣ коҳиш ёфтани ахлоқ, маънавиёт, фарҳанг ва системаҳои дигари иҷтимоӣ, ки бе онҳо мавҷудияти инсон амалан ғайриимкон аст, диалектикаи муносибату раванди худшиносии пайгиронаи миллату халқҳоро бо хатарҳои ҷиддӣ мувоҷеҳ мегардонад»[2.с.87].

Дар даҳсолаи охир ҷомеаи ҷаҳонӣ оид ба таҳкими сулҳу субот дар кишварҳои гирифтори ҷангҳои шаҳрвандӣ танҳо баъд аз имзои созишномаи мусолиҳа огаҳ мешавад. Дар чунин маврид гуфтушуниди расмие, ки аз тарафи мансабдорону сиёсатмадорон амалӣ шуда, ҷомеаро ба оштию ҳамбастагӣ меорад, ҳамчун раванди сулҳ арзёбӣ карда мешавад.

Дар асл, раванди бунёди сулҳро ба сифати ҷараёни расмӣ ва дар сатҳи олӣ тасаввур кардан нодуруст аст, зеро низоъ қишрҳо ва бахшҳои гуногуни ҷомеаро фаро мегирад. Аз сӯи дигар, ҳамаи унсурҳои ҷамъият дар раванди оштӣ саҳм мегузоранд. Ҳамин тавр, тамоми ҳаракатҳои сулҳҷӯёнае, ки аз зинаи боло то зинаҳои поёнии ҷомеа амалӣ шуда, ба низои зӯроварона хотима мебахшанд, бунёди сулҳро ташкил медиҳанд. Аз ин ҷост, ки ба масъалаи сулҳ дар ҳама давру замон тавақуҳи хоса зоҳир менамуданд.

Аз ҳамин сабаб масъалае, ки тавақҷуҳи мо қарор мегирад, ин танҳо рушд ва инкишофи афкори ҷомеаи демократӣ набуда, балки нишон додани нақши ғояҳои сулҳҷӯёна дар бунёди демократия мебошад.

Таҳлилгарони масъалаҳои сиёсӣ бар он муътақиданд, ки «демократия яке аз кашфиётҳои муҳими аҳли тамаддуни инсоният мебошад. Вай мисли таърихи башар таърихи тӯлонӣ дорад» [1.с. 156].

Демократия низ аз замони пайдоиши худ, ки мо онро дар қатори пайдоиши давлат ва рушду инкишофи ҳокимият баробар медонем, боиси омӯзиш ва таҳқиқ мебошад. Бинобар он, пайдоиши демократияро ба давраҳои дуру дарози таърихӣ маънидод кардан мумкин аст. Ба ҳамин тариқ, инкишофёбии муносибатҳои сулҳ раванди демократияро мустаҳкам месозад. Имрӯз мо мебинем, ки дар давлатҳое, ки низоъҳои сиёсӣ, этникӣ ва нажодӣ вуҷуд доранд, раванди мустаҳкамшавии демократиро то андозае халалдор мегардонанд.

Барои пойдории сулҳи ҷамъиятӣ гурӯҳе аз олимон нақши пешвоёни сиёсиро асосӣ медонанд. Зеро «дар ҳама давру замон, махсусан дар лаҳзаҳои ниҳоят мураккаб ва тақдирсоз, миллатҳо барои доштани пешво бо тавонмандии комил эътирофгардида ва роҳнамо ниёз доштанд. Қисмати баркамол ва ҷавони имрӯза, ки мутаносибан наслҳои асри гузашта ва муосир мебошанд, шоҳиди онанд, ки шахсиятҳои таърихӣ ба хотири сохтан, аз нобудӣ эмин доштан, бақо гузоштан, ҳимоя кардан ва рушду нумӯи давлату миллат ба ин унвон ва мартабаи олӣ ноил гаштаанд»[4]. Аз ин ҷо ба хулоса меоем, ки раванди сулҳи ҷамъиятиро сиёсатмадорон ва пешвоёни қавму миллатҳои гуногун ба танзим медароранд. Ҳамзамон қайд кардан ҷоиз аст, ки дар шароити имрӯзаи набардҳо ва низоъҳои давомдор дар кишварҳои Шарқи наздик барои сохтани ҷаҳонбинии мувофиқ ба манфиатҳои миллии ҳамин мамлакатҳо нест. Зеро эҳсосоти одамонро дар ҷараёни муайяни иҷтимоӣ ба танзим даровардан мушкил мебошад.

Агар ба масъалаи нақши сулҳ дар ҷомеъаи демократӣ назар афканем, дар мекунем, ки он равандест, ки ду падида - сулҳ ва демократияро дар ҳамбастагӣ пурра мегардонад. Яъне, вақте ки ба воситаи сулҳ демократия барқарор гашт, дар навбати худ демократия ҳам бояд муҳофизатгар ва ифодакунандаи сулҳу оромӣ, бо дигар маънӣ, кафолати сулҳ дар ҷомеъа бошад.

Сулҳ ва низоъ ду неруи ҳаракатдиҳандае мебошанд, ки ҳамеша қисми таркибии таҷрибаи инсонӣ ва воқеияти маҳаллӣ, миллӣ ва ҷаҳониро ташкил медиҳанд. Омӯзиши ин равандҳо шояд аз тамоми пажӯҳишҳои илмии ҷаҳони имрӯз муҳимтар бошад. Яъне донистани он, ки моҷаро чӣ гуна сар мезанад, чӣ тавр ҷараён мегирад ва чӣ сон ҳаёти мардумро тағйир медиҳад, инчунин бо кадом роҳу восита мо низои хушунатомезро ҳал мекунем ва шиддати онро ба натиҷаи созандаву дигаргуниҳои мусбат табдил медиҳем, аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Дар раванди ба даст овардани истиқлолият Тоҷикистон ба душвориҳои ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ шуд, вале сарфи назар аз ин, тарафҳои даргир тавонистанд гуфтушунидро оғоз намоянд ва ба низои мусаллаҳона хотима бахшанд. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон аслан беҳтарин намунаи он мавзӯъҳоест, ки мавриди омӯзиши тамоми қишри ҷомеа қарор мегирад. Зиёда аз ин, дар Тоҷикистон мисолҳо ва ғояву равандҳои зиёди марбут ба вазъиятҳои низоъ, роҳҳои ҳалли он ва мусолиҳаро метавон мушоҳида кард, ки мавриди пажӯҳиш қарор додани онҳо аз аҳамият холӣ нест.

Аз нигоҳи таҳлилгарони илми сиёсатшинос “меёрҳои инсонӣ бояд масъалаи асосии сулҳҷӯӣ ва бунёди ҷомеаи сулҳпарвар ва бенизоъ гардад” »[3.с. 3]. Танҳо инсонҳо метавонанд сабабгори муносибатҳои низоъангез ва сулҳомез гарданд. Дар оғозу анҷоми ҳаргуна муносибатҳои ҷамъиятӣ меёрҳои инсонӣ

мавҷуд мебошанд. Ба ин маънӣ, гуфтугӯи пойдор дар фазои устувори ҷамъиятӣ яке аз воситаҳои шаҳрвандон аст, ки барои рушд додани муносибатҳои демократӣ роҳҳои нави пойдории сулҳро таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, ваҳдати миллӣ, ки пойдор шуду дар касб кардани зинаҳои олии худ қарор дорад, нахуст неъмати ҷамъиятӣ арзёбӣ мегардад. Дарвоқеъ ибтидои соли 1996 гурӯҳи сиёсатмадорон, роҳбарони аъзоёни ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракати миллӣ Матни аҳдномаи ризояти ҷомеаи Тоҷикистонро таҳия намуда, барои муҳокима омада сохта буданд. Дар натиҷаи ҳамин гуна қарорҳои таърихӣ мо рушду нумӯи ҷомеаро мушоҳида мекунем. Аз ин рӯ, давлат дар роҳи баланд бардоштани таърихи миллат ва ғанӣ гардонидани сатҳи ғоявии истиқлолу ифтихори миллӣ пайдарпай дар ташкили чорабиниҳои илмӣ-фарҳангии умумимиллӣ назари ҷиддӣ медиҳад.

Адабиёт:

1. Муҳаббатов А., Нуриддинов Р. Асосҳои сиёсатшиносӣ. Душанбе.,2006.
2. Салимов А. Паёми донишкадаи забонҳо. 1.(17). 2015.
3. Сандерс Ҳ. Раванди сулҳи ҷамъиятӣ.д.2002. с3.
4. Ятимов С. Рӯзномаи «Ҷумҳурият». 7.04.2016.
5. Кобилов М. З. Угрозы национальной безопасности и интеграционные процессы. Вестник современной науки (научно-теоретический журнал). № 12(24) 20016. Сах. 96-100

ОИЛАҲОИ ҶАВОНИ ТОҶИКИСТОНӢ: МАСЪАЛА ВА ДУРНАМО

Насурова Бехру *- ходими пешбари шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, телефон: (+992)934055255*

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ-иқтисодии оилаҳои ҷавон дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон дида баромада шудааст. Ба ақидаи муаллиф оилаи замонавӣ тағйиротҳои амиқи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маънавӣ-равониро аз сар мегузаронад ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шароити имрӯза то андозае вазъи оилаҳо ва хусусан оилаҳои ҷавонро вазнин кардааст.

Калидвожаҳо: *оилаи ҷавон, масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, мушкилоти манзил, масъалаи бекорӣ, банақшагирии оила, ҷудошавии ҳамсарон, камбизоатӣ, таҳаввулот, муҳоҷират.*

МОЛОДЫЕ СЕМЬИ ТАДЖИКИСТАНЦЕВ: ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ

Насурова Бехру - ведущий *специалист отдел социологии Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академиии наук Республики Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 33, телефон: (+992)934055255*

В данной статье расматриваються социально-экономические проблемы молодых семьи в современном Таджикистане. Нужно отметить, что современная молодая семья переживает глубокую социально-экономическую и морально-психологическую трансформацию.

Современная семья переживеет сложный этап эволюции, снижается ее социальный статус. Стабильно возрастает число разводов. Это связанно как с социально-экономическимы так и с морально-психологическими фокторами.

Ключевые слова: *молодая семья, социально-экономические проблемы, жилищная проблема, безработица, планирование семьи, развод, бедность, эволюция, миграция.*

SOCIAL AND ECONOMICAL ISSUES OF YOUNG FAMILIES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Nasurova Behru *- Leading Specialist Sociology Department of the Institute of philosophy, political science and law named after A. Bahovaddinov of Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Rudaki Avenue, tel.: (+992)934055255*

The article analyzes social and economical issues of young families in contemporary Tajikistan. It should be mentioned that the modern young family is going through a deep social and economical, and moral and psychological transformation today.

The modern family is also going through a complex evolution, the social status of the family is being reduced. The number of divorces is increasing.

Key words: *young family, social issues, economical issues, housing issue, unemployment, family planning, divorce, poverty, evolution, migration.*

Оила ниҳоди иҷтимоиест, ки аъзоёни он дар асоси никоҳ ва муносибатҳои хешутаборӣ-авлодӣ бо ҳам муттаҳид гашта, муштаракона зиндагӣ ва кору фаъолият мекунанд, ба фарзандон ғамхорӣ менамоянд ва дар баробари ин, ҳамаи аъзоёни оила дар бурду бохти ин гурӯҳ масъул мебошанд.

Ба андешаи сотсиологи англис Энтони Гидденс оила гурӯҳи хурди ҷамъиятиест, ки аъзоёни он якдигарро аз ҷиҳати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ (психологӣ) дастгирӣ мекунанд. Оила - шакли ҳамзистии одамон дар доираи маҷмӯи меъёрҳои иҷтимоӣ, санксияҳо ва намунаи қоидаи рафтор мебошад, ки муносибатҳои байни ҳамсар, волидайн, фарзандон ва дигар хешовандони онҳоро ба танзим медарорад. Оила ячейкаи аввалини ҷомеа, хишти нахустини бинои ҷомеа ва шакли ибтидоии ҳамзистии гурӯҳи одамон аст, ки такрористеҳсолкунии ҳаётро таъмин менамояд.

Тибқи таърифи мутахассисони варзидаи Созмони Милали Муттаҳид “оила – ин гурӯҳи иборат аз ду ва зиёдтар шахсон барои зисти ҳамҷоя мебошад, ки онҳо барои худро бо озуқаворӣ ва дигар предметҳои талаботи нахуст таъмин намудан хоҷагии умумиро мебаранд ва бо никоҳ, фарзандхонӣ, хешутаборӣ бо ҳам алоқаи зич доранд”.

Мувофиқи моддаи 33-юми Конститутисияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оила асоси ҷомеа буда, таҳти ҳимояи давлат қарор дорад. “Оила яке аз шаклҳои қадимтарини ҳаёти ҷамъиятии одамон мебошад. Оила рукни ибтидоии ҷамъият буда, моҳиятан коллективи оддитарини одамон, воҳиди ҷамъиятие мебошад, ки ба никоҳ (яъне, заношӯӣ) ва хешии хунӣ (яъне, муносибатҳои байни зану шавҳар, волидону кӯдакон, бародарону хоҳарон ва ғайра) асос ёфтааст. Пас оила падидаи биологӣ набуда, балки ба категорияи таърихию иҷтимоӣ мансуб аст” [2, 23].

Мутафаккири франсуз Ж.Ж.Руссо қайд карда буд, ки яке аз қаддимтарин ҷомеаи табиӣ ин оила аст. Дар воқеъ агар таърихи пайдоиши инсониятро дида бароем, шоҳиди он мегардем, ки оила ниҳоди ягонаест, ки муносибатҳои байни зану мардро ба як тартиби муайян дароварда ва муҳити солимӣ-беҳдоштӣ (гигиенӣ) ва иҷтимоиро барои инсон муҳайё кардааст.

Аз нигоҳи аксарият, зери мафҳуми оила, муносибати байни зану шавҳарӣ, хешу таборӣ ва фарзандӣ фаҳмида мешавад. Файласуфон ва ҷомеашиносон бошанд, ниҳоди оиларо ҳамчун гурӯҳи хурди иҷтимоӣ-психологӣ ва яке аз ячейкаи муҳими ҷомеа мешуморанд. Ба ақидаи ҷомеашиноси франсуз Огюст Конт «дар шароити зарурӣ оила бояд тобеияти фарзандро ба волидайн аз рӯи

синну сол ва тобеъияти занро ба мард аз рӯи ҷинсият таъмин намояд». Дар замони ҳозира ҳардуи ин нишондод дигар гаштааст. Ҷавонон бармаҳал аз хонаи падару модар ҷудо мешаванд, хоҳиш доранд, ки мустақилона зиндагӣ кунанд.

Нақши оиларо дар Тоҷикистон пошхӯрии давлати шӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандии кишвар бениҳоят вазнин кард. Давлат ба буҳрони иҷтимоӣ-иқтисодӣ дучор шуд, соҳаҳои гуногуни ҷамъият (маориф, тиб, иқтисодиёт ва ғ.) хароб шуданд ва дар ин ҷо ягона ниҳоде, ки ҳама умед дар ӯ монд, барои тарбияи насли наврас - ин оила буд. Раванди глобализатсия дар ҷомеаи тоҷик бештар таъсирашро ба «оилаҳои ҷавон» расонид.

Дар адабиёти илмӣ ба мафҳуми «оилаи ҷавон» таърифи ягона ва аниқ дода нашудааст. Аксарияти муҳаққиқон аз рӯйи даврaҳои гузариши тӯлонии ҳаёти якҷоя кӯшиши муайян намудани синну соли «оилаи ҷавон»-ро намудаанд. Масалан, И.В.Гребеников ҷуфти зану марди муддати 5 сол бе фарзанд ё бо фарзанд дар ҳаёти якҷояи оилавӣ қарор доштаро «оилаи ҷавон» номид. Муҳаққиқи дигар, Т.Турко дар баробари дигарон кӯшиши муайян намудани синну соли «оилаҳои ҷавон», давраи ҳамзистии 3 соли ҳамсаронро, ки он раванди мутобиқшавӣ ва азхудкунии меъёру арзишҳои оилавиро дар бар мегирад, ҳамчун тавсифдиҳандаи он ҳисобид. Ба ақидаи ӯ, ин давра яке аз даврaҳои пурҳаяҷон буда, барои сар задании буҳронҳои гунонгун дар рафти инкишофёбии муносибатҳои байнишахсии оилавӣ мусоидаткунада мебошад. Тамоюли зиёдшавии талоқ маҳз дар ҳамин давра мушоҳида мешавад. Аз рӯи нишондодҳои оморӣ маълум мегардад, ки эҳтимолияти зиёдшавии талоқ дар соли аввали ҳамзистӣ аз миқдори умумӣ то 30% зиёдтар аст.

Ҳар як оила вобаста ба синну сол ва хусусиятҳои амалкунӣ як қатор марҳилаҳоро аз сар мегузаронад. Дар ҳаёти оила марҳилаҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст:

- бастани никоҳ;
- адаптатсияи муштарак;
- тавлиди фарзандон;
- ба воя расидан ва ташкил кардани оилаҳои мустақил;
- пиршавӣ ва аз байн рафтани оилаҳо.

Тағйир додани робитаҳо ва муносибатҳо дар оила метавонад ҳам ба мустаҳкам шудани оила ва ҳам ба ноустувор шудани он оварда расонад. Ҳар яке аз ин марҳилаҳои номбаршуда хусусияти ба худ хос дошта, ҳангоми кор бо оила ин хусусиятҳоро ба инобат гирифтан зарур аст.

Инчунин навъбандии хатари иҷтимоие вуҷуд дорад, ки мувофиқи он оилаҳо метавонанд бо шароитҳои объективӣ ва ё субъективӣ амалкунии иҷтимоияшон душвор гардад. Ин гуна оилаҳо дар вазъияти мушкили зиндагӣ қарор гирифта, ба кӯмак ва дастгирӣ ниёз пайдо мекунанд. Ба сифати ин гуна оилаҳо метавон оилаҳои гурезагон, муҳоҷирони иҷборӣ, оилаҳои камбизоат, оилаҳои серфарзанд

ва ё оилаҳое, ки ягон аъзои маъюб дошта, ба ҳар нафари коргар дар оила зиёда аз як нафар бекор рост меояд, оилаҳои нопурра, оилаҳои хизматчиёни ҳарбиро номбар кард. Дар солҳои охир ба ин қатор категорияи оилаҳои бекор оилаҳои дар минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ва экологӣ ноустувору хатарнок истиқоматкунанда ва оилаҳое, ки музди меҳнаташон аз тарафи муассиса ва ё ташкилот муддати муайян пардохт намешавад, дохил мекунанд.

Дар охири асри XX ва авали асри XXI бо гузариш аз ҷомеаи аграрӣ ба ҷомеаи индустриалӣ (саноатӣ) бо мурури замон ва марҳила ба марҳила дар вазифаҳои оила тағйиротҳо ба мушоҳида мерасад. Дар асри XX дар натиҷаи баланд гаштани сатҳи накӯаҳволии оила, беҳтар шудани технологияи пешбурди хоҷагӣ ва васеъ шудани шабакаи хизматрасонӣ талабот ба меҳнати оилавӣ кам гардид. Вазифаи иқтисодии оила низ тағйир ёфта, ба ячейкаи хоҷагидорӣ-истеъмолӣ табдил гашт. Як қатор вазифаҳои оила пурра ё қисман ба ниҳодҳои иҷтимоӣ ва ё истеҳсолоти инкишофёбандаи ҷамъиятӣ гузаштанд [9, 46].

Масалан, сотсиализатсияи шахсро муассисаҳои томактабӣ ва маориф ба уҳда гирифтанд. Вазифаи иқтисодӣ-истеҳсолии оиларо истеҳсолоти ҷамъиятӣ аз они худ намуд. Вазифаи назоратнамоиро маориф, ҳукуматҳои маҳаллӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба уҳда гирифтанд. Дар ибтидои асри XX ниҳодҳои иҷтимоӣ бо оила омехта шуда, вазифаҳои таълим ва тарбия (мактаб, хонаи кӯдакон), ҳифз ва нигоҳдорӣ (милитсия, артиш), вазифаи таъмини хӯрока, пӯшока, фароғат (соҳаи хизматрасонӣ), вазифаи накӯаҳволӣ ва интиқоли мақоми иҷтимоӣ (меҳнати кирояи саноатӣ)-ро ба уҳда гирифтанд [1, 69]. Ин омилҳо «характери алоқаҳои оилавӣ, муносибати байни ҷомеа, оила ва шахсро тағйир дод» [2.48]. Аммо дар фазои пасошӯравии ҷумҳуриамон як қисми вазифаҳое, ки иҷрои онҳо қаблан ба уҳдаи давлат вогузошта шуда буданд (масалан, вазифаҳои иқтисодӣ, ҷамъиятӣ-тарбиявӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ), боз ба оила баргашта истодаанд. Кам шудани шумораи кӯдакони оила, камфарзандӣ, гузариш ба намуди нави оилаи эгалитарӣ, линеалӣ ва нуклеарӣ далели гуфтаҳои мост.

Оилаҳои имрӯза, бахусус, оилаҳои ҷавон тағйироти амиқи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маънавӣ-психологиро аз сар гузаронда, ботадриҷ паст шудани мақоми иҷтимоӣ ва вайроншавии онҳо ба мушоҳида мерасад. Имрӯз, мутаассифона, ҳар як оилаи сеюм вайрон мешавад, зиндагонии якҷояи қисме аз онҳо то 5 сол давом намеёбад. Сабаби асосиро ин ҷо, пеш аз ҳама, дар тағйироти куллии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ, бекорӣ ва паст гаштани сатҳи зиндагии аксари оилаҳои тоҷик дидан мумкин аст.

Оилаҳои ҷавони тоҷик дар замони муосир ба бисёр проблемаҳо гирифторанд, ки муҳимтаринашон масъалаҳои манзил, иқтисодӣ, бекорӣ, банақшагирии оила ба ҳисоб мераванд.

Масъалаи манзил. Бештари оилаҳои тоҷик серфарзанданд. Ҳангоме ки онҳо ба воя мерасанд, масъалаи хонадоркунӣ ва манзили онҳо пеш меояд, ки ҳалли ин

мушкилиҳо ниҳоят вазнинанд. Махсусан, мушкилоти нарасидани манзили зист ба оилаҳои ҷавон бештар таҳдид менамояд [3, 83].

Агар солҳои пештар, аниқтараш, дар даврони Шӯравӣ аз ҷойи кор оилаҳои ҷавон ва умуман, нафарони эҳтиёҷманд барои ҳавасманд шудан аз ҷойи корашон дар як вақти муайян (аз 5 то 10 сол) соҳиби манзил мешуданд (соле камаш аз як то се оила), имрӯз ин масъала хеле нигаронкунанда аст. Яке аз проблемаҳои асосии ҷалб нагаштани ҷавонон баъди хатми мактабҳои олии кишвар ба кор ҳам ба ҳамин нукта алоқаманд аст.

Мо имрӯз шоҳиди он ҳастем, ки аксари оилаҳои ҷавон (яке аз ҳамсарон дар корхонаҳои давлатӣ, бахусус, дар донишкадаю донишгоҳҳо) дар хобгоҳҳо, аз он ҷумла, дар хобгоҳҳои донишҷӯён, аспирантон ва дар иҷора иқомат мекунанд ва ҳар лаҳза дар ҳаросанд, ки онҳоро аз хобгоҳ ё худ иҷора меронанд. Ин ҳолат аксари онҳоро водор мекунад, ки тарки касбу кор карда, ба муҳоҷирати иҷбории меҳнатӣ раванд ва барои соҳиби манзили худ шудан маблағ ба даст оранд.

Ҳарчанд аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ бисёр корҳо дар ин самт ба сомон расонида шудаанд, аммо дар маҷмӯъ, ин мушкил боз ҳам роҳи ҳалли худро то андозае наёфта истодааст. Аз тарафи корхонаҳо барои кормандон (мутахассисони ҷавон, оилаҳои ҷавон ва умуман, нафароне, ки манзил надоранд) замин ҷудо шуда истодааст, то ки ин муассисаҳо барои кормандони худ бинои истиқоматӣ созанд. Аммо бо таассуф, теъдоди ниҳоят ками оилаҳо аз ин имконият бархӯрдор мешаванд.

Бо дарназардошти қабул намудани қонунҳои соҳавӣ барои бо нархҳои дастрас ба кормандон, оилаҳои ҷавон ва умуман, мардуми камбизоат пешниҳод намудани қарзҳои ипотекӣ чораҷӯӣ намоем. Ҳамчунин, роҳи ҳалли коҳиш додани арзиши хонаҳои истиқоматиро пайдо кунем.

Дар мавриди он ки оё шаҳрвандон имкон доранд тавассути қарзҳои ипотекӣ соҳиби манзил гарданд, роҳбари Агентии сохтмон ва меъмории кишвар афзудааст, ки дар Тоҷикистон аз сӯи Парлумон «Қонун дар бораи ипотека» қабул шудааст, аммо мутаассифона, он фаъол нест. Сабабаш ин аст, ки фоизҳои бонкҳо дар мо баланд буда, ҳеҷ кас наметавонад бо 24 % ва 36% қарз гирад. Ипотека метавонад дар он сурат фаъолият намояд, ки фоизи солонаи қарз 5-6 %-ро ташкил диҳад. Ин дар ҳолест, ки бино ба гузориши иқтисодшиносони Бонки ҷаҳонӣ, ки дар асоси тавлиди нохолиси дохилии кишварҳои Осиёи Марказӣ хулосабарорӣ намудаанд, даромади солонаи як шаҳрванди Қазоқистон $10 ҳазор ва ин омор дар Тоҷикистон поён аз $1000-ро ташкил медиҳад.

Дар бисёр давлатҳо (масалан, Россия) аз қонунҳои дар бораи ипотека қабулшуда аксари оилаҳои ҷавон истифода мебаранд ва соҳиби манзил низ мешаванд. Дар кишвари мо бошад, ба воситаи ин Қонун соҳиби манзил шудан ғайриимкон аст. Имрӯз бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифода аз ипотека барои гирифтани манзил шароити бисёр мушкилро пеш меоранд: аввалан, дар муҳлати бисёр кӯтоҳ аз 5 то 10 сол, бо фоизи баланд ва барои як

гурӯҳи одамоне, ки маоши гирифтаи моҳонаашон (дар як моҳ 4000 сомонӣ) ба меъёрҳои онҳо ҷавобгӯ аст.

Масъалаи иқтисодӣ. Буҳрони иқтисодие, ки тамоми аҳолӣ онро аз сар гузаронида истодааст, пеш аз ҳама, ба оилаҳои камбизоат, оилаҳое, ки серфарзанданд сахт таъсир мерасонад. Агар дар оилаи ҷавон фарзанд ба дунё ояд, ин масъалаи иқтисодии оиларо дучанд вазнинтар мекунад. Модар коргар бошад, муввақатан дар муддати муайян (1,5 то 3 сол) аз кор озод мегардад, аниқтараш, ба рухсатии нигоҳубини фарзанд фиристода мешавад. Имрӯз барои нигоҳубини фарзанд (дар давоми 1,5 соле, ки модар ба нигоҳубини фарзанд машғул аст) 40 сомонӣ ҷудо мешавад (ин меъёр дар ш.Душанбе пешбинӣ шудааст). Агар модар муҳлати рухсатиро барои нигоҳубини фарзанд зиёдтар кунад (то 3-солагии фарзанд), ягон намуд кӯмакпулии дигар намегирад, танҳо ҷойи кораш банд мегардаду тамом. Дар ин ҳолат таъминоти иқтисодии оила пурра бар дӯши падар мегузарад, ки ин вазъияти оиларо хело вазнин мекунад. Проблемаи иқтисодӣ дар байни оилаҳои ҷавон бисёр вазнин шудааст. Бахусус, дар бештари оилаҳои ҷавон, ки танҳо мард кор мекунад ва зан хонашин аст, ин ҳолат боз ҳам вазъияти иқтисодии оиларо вазнинтар мекунад.

Масъалаи бекорӣ. Дар маҷмӯъ, бекорӣ яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеаи тоҷик буда, баъди солҳои 90-ум дар ҷомеа паҳн шуд. Пӯшида нест, ки сарчашмаи асосиро дар ин самт, пеш аз ҳама, тағйироти иҷтимоӣ-иқтисодии дар кишварамон рухдода, аниқтараш, ҷанги шаҳвандие, ки тӯли 5 сол давом ёфт, ташкил медиҳад.

Масъалаи бекории оилаҳои ҷавон дар ҷомеаи мо аз он сарчашма меёбад, ки аксарияти ҷавононро барвақт оиладор мекунанд ва таъминоти минбаъдаи моддии онҳо қариб, ки пурра бар дӯши волидайн вогузошта мешавад. Онҳо масъулияти бо кор таъмин буданро ба таври пурра ҳис намекунанд, зеро донишҷӯ ва ё муҳоҷири меҳнатиянд ва бо маоши хурд кор кардан намехоҳанд.

Баъди ба дунё овардани фарзанд мушкили таъминоти моддӣ боз ҳам вазнинтар мешавад. Дар ин масъала волидайн бетарафӣ накарда, бояд ба соҳибмаълумот кардани фарзанд аҳамияти ҷиддӣ диҳанд, фарзандро бо кор таъмин карда, баъд оиладор намоянд. Волидайн бояд дарк кунанд, ки фарзанди онҳо барои барпо кардани оила тайёр аст ё не.

Масъалаи банақшагирии оила. Вақте расидааст, ки ба ин масъала диққати ҷиддӣ равона гардад. Оилаи солим, ки асосаш ҷомеаи солим аст, аз ба нақшагирии оила сахт вобастагӣ дорад. Ҳазорсолаҳо боз самаранокии биологие, ки дар анъанаҳои мо ҷорӣ шуда, дар қолабҳои динӣ мустаҳкам шудааст, шумораи кӯдаконро дар оила муайян мекард.

Оилаҳои серфарзанд яке аз намудҳои паҳншуда дар кишварамон мебошад. Бо вуҷуди камбизоатӣ ва вазъи нисбатан пасти иқтисодӣ шумораи тавлиди кӯдакони оилаҳои тоҷик зиёд аст. Мушкилоти иқтисодии ҷомеа дар мадди аввал ба оилаҳои камбизоати серфарзанд таъсири манфӣ мерасонад.

Барои ҳар як инсон оила вазифаи иқтисодӣ, эмотсионалиро бояд иҷро кунад. Моҳияти вазифаи иқтисодӣ дар дастгирии моддии кӯдакон ва дигар аъзои оила дар ҳолати кор накардани онҳост [8, 72-73]. К.Маркс зикр карда буд, ки «вобаста ба он ки чӣ қадар ҷомеа тағйир меёбад, бояд оила низ тағйир ёбад…» [4, 227].

Ин гуфтаҳо далели онанд, ки ҷомеаи имрӯзаи тағйирёбандаи тоҷик низ баъзе таҳаввулотро дар ниҳоди оила талаб мекунад, ки бевосита барои дуруст ба роҳ мондани ташаккули ҷавонон метавонанд ёрӣ расонад. Ба фикри мо, яке аз ин тағйиротҳо дар оилаҳои тоҷики ҷомеаи мо равона кардани оилаҳои ҷавон ба оилаи нуклеарӣ ва камфарзандӣ аст.

Масъалаи серфарзандӣ ва тавлиди зиёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дер боз дар маркази диққати олимони илмҳои гуногун, аз он ҷумла, ҷомеашиносон, демографҳо, равоншиносон ва намояндагони илмҳои дигар қарор дорад. Сарчашмаи иҷтимоии серфарзандӣ, пеш аз ҳама, аз анъанаҳо, гузоришҳои психологӣ ва диние, ки аз насл ба насл мегузаранд, то ба мо омада расидааст.

Ҷомеаи мо, ки зиёда аз 30% аҳолӣ дар шароити сатҳи пасти камбизоатӣ қарор доранд, имкони ба оилаҳо (волидайн барои фарзандон) шароити солим фароҳам овардан надорад. Гарчанде дар муқоиса бо даврони Шӯравӣ тавлиди фарзанд кам шуда бошад ҳам, зиёдшавии аҳолӣ хело зиёд ба чашм мерасад. Агар дар соли 1991 аҳолии тоҷик 5 млн. 505,6 ҳазор нафарро ташкил мекард, соли 2012 ин шумора ба 8 млн. расидааст. Хоҳу ноҳоҳ зиёдшавии аҳолӣ як зумра масъалаҳоро ҳам дар назди оила ва дар маҷмӯъ, дар ҷомеа зиёд мегардонанд. Волидайн барои фарзандон шароити хуб муҳайё карда наметавонанд ва дар аксарияти вазъият ба муҳоҷирати иҷбории (маҷбурӣ) меҳнатӣ мераванд, ки бевосита таъсири то андозае манфии он ба тарбияи фарзанд мерасад, зеро кӯдакон аз назорат (тарбия) дур мемонанд.

Хулоса, дар замони мо проблемаҳои оилаҳои ҷавони тоҷикистонӣ зиёд аст, ки муҳимтаринашонро дар боло овардем. Оилаҳои ҷавон бо неруи худ имкони аз уҳдаи бартараф намудани онҳо баромадан надошта, эҳтиёҷ ба мадади мутахассисон ва масъулон доранд. Ҳамин тавр, бояд дар хотир дошт: ҳалли ин масъала ногузир аст, инро бояд дарк кард.

Адабиёт:

1. Антонов А., Медков В. Социология семьи. – М., 1996.- 304 с.
2. Давлатов М. Оила ва рушди шахсияти фарзандон.-Душанбе: Ирфон, 2014. С. 23.
3. Жилищные проблемы семей и расходы на жилищно-коммунальные услуги. М.: НИИ семьи, 1997. – 204 с.
4. К.Маркс. Издание произведения. Т.2. - С.227.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2013 [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/4318
6. У. Мурод. Қонун дар бораи ипотека. «Ҷумҳурият» № 31, 12.02.2015.
7. Харчев А.Г. Брак и семья в СССР. М., 1989. - С. 292-293.
8. Шеляг Т.В. Социальные проблемы семьи. В кн.: Теория и практика социальной работы: проблемы, прогнозы, технологии. М., 1992. - С. 72-73.
9. Шоисматуллоев Ш. Насиление в отношение женщин: прошлое и настоящое. – Душанбе, 2005. – 248 с.

ШИНОХТИ ИНСОН ДАР ТАЪЛИМОТИ МУТАФАКИРОНИ ҒАРБ ВА ШАРҚ

Саидиброимов Шомуқим *- унвонҷӯи кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/ 6, тел.: (+992)934151113*

Масъалаи тасвир ва таъбири ҳолатҳои инсонӣ метавонад мавзӯе бошад, ки марзҳои тамаддунҳоро убур кунад ва дар мавриди инсонҳо ва арзишҳои инсонӣ маълумоти фаровон диҳад. Ҳолати инсон дар аснои дӯстӣ ҳамчун яке аз ҳолатҳои муҳими ҳаёти инсон дар фалсафа ва сотсиологии Шарқу Ғарб мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Ба ақидаи муаллиф, инсон худ як имконияти кушоде аст, ки ҳудуди он пешакӣ муайян нагардида, танҳо ҳангоми омӯзиши илму дониш, риояи одобу ахлоқ, иҷрои амалҳои нек ва ё бад натиҷаи ниҳоии худро ба даст хоҳад овард.

Калидвожаҳо: *инсон, илму дониш, некиву бадӣ, одобу ахлоқ, ҳаёт.*

ПОЗНАНИЕ ЧЕЛОВЕКА В УЧЕНИЕ МЫСЛИТЕЛИ ЗАПАДИ ВОСТОКА

Саидиброимов Шомуким *- саискатель Таджикского государственного института языков имена Сотима Улугзода, 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/ 6, тел.: (+992) 934-15-11-13*

Тема представления и объяснения человеческого состаяния, можыт бытьтемой, катороя можыт присечь границе цивилизации и предаставет про людей и их ценностый не мало информацие. Человечиские состаяние во времие дружбы, как одно из важних состояние человека, является полен изучения в философи и социологие Запада и Востока. Человек сам по себе является неограничение объекта и иследования, рамки катория до сихпор невыявление. Только с помоще науке и интелекта морали и нравственности добра и зла, человек можыт выявлит свои вазможности.

Ключевые слова: *человек, наука, ум, добра, зло, нравственность, морал, жизнь.*

HUMAN RECOGNITION IN INSTRUCTION OF EAST- WEST SIUNTISTS

Saidibroimov Shomukim *- researcher of the Tajik State Institute of Languages names Sotima Ulugzoda, 734019, Dushanbe, Muhammadyev 17/6 str., phone: (+992)934-15-11-13*

The image and image of people can be a theme that has many civilizations. The stale of man as a dear friend as one of the most important issues of human rights in the philosophy of sociology society of East – West people are opening an opportunity for

those who have not previously been identified. Only with the science and knowledge, good and bad can get the result.

***Key words**: human, science and knowledge, fair and ethics, life.*

Дар замони муосир, ки ҷои гуфтугӯи тамаддунҳоро то андозае тазодҳо, нофаҳмиҳо, зиддияти сохтаи сиёсии фарҳангҳо гирифтанӣ мешаванд, сухан рондан дар бораи ҳолатҳои табиии инсон, аз қабили дӯстӣ, муҳаббат, ҷустуҷӯи решаҳои душманӣ, некӣ ва бадӣ, мақоми илм ва дин, таълиму тарбия, озодӣ ва масъулият дар зиндагии одамон, ки хоси фарҳангҳои тамоми мардумон мебошанд, хеле муҳим ба назар мерасад.

Имрӯз ҳама барои зиндагии осоишта, беҳтар ва хубтар намудани ҳаёти ҳаррӯза, сайқал додани илму дониш, сайю кӯшиш ва сарбаланду озод будан талошҳо доранд. Тазаккур бояд дод, дар миёни мутафаккирон ва муҳаққиқони олам, ки инсон ва шинохти он як масъалаи баҳсталаб мебошад, ҳамеша зери назорат қарор дорад. Зеро шинохти инсон ва мақоми ӯ дар ҷомеа ҳар замон тағйиротҳои куллӣ ба вуҷуд меорад.

Қобили қайд аст, ки аксари донишмандону олимон, мутафаккирону муҳаққиқон аз гузашта то ҳозир инсонро ҳамчун як объекти бузург мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Дар Шарқ бештар ба равияи идеалистӣ такя карда, инсонро махлуқи беҳтарин аз ҷониби Худо медонанд. Яъне, зиндагӣ ва ҳаёту мамоти ӯро аз рӯзи азал дониста, ба хости Холиқи замину замон рост мекунанд. Масалан, Абӯбакри Розӣ мегӯяд: “Фалсафа ин шабоҳат ба Худои азза ва ҷалла аст ба қадри тоқати инсон. Ва Худои мо олиму мубарро аз ҷаҳл ва одилу дур аз ҷабру зулм аст. Мо ҳам бояд дар ин сифот ба ӯ монандӣ ҷӯем” [2, 108]. Аз ин суханон бармеояд, ки мутафаккир инсонро ба Худо шабоҳат медиҳад ва бандаро як намуди инъикоскунандаи зоти Худованд дар рӯи замин мешуморад. Бо дигар маънӣ, инсон зоти бузурги худовандиро дар тану ҷон ва рӯҳу ҳиссёт парвариш намудааст ва аз ин рӯ, ба Худои ягона хиёнат набояд кард. Аммо аз нигоҳи мутафаккирони дигар, инсон на ҳама вақт ба Худо наздик аст, инчунин аз табиати зинда, ки ӯ низ худ офарида аст, вобастагӣ низ дорад. Бархе аз донишмандони дигар, тамоман инсонро аз метерия фаҳмида, танҳо маргро ба Худо вобаст мекунанд. Масалан, Чарлз Дарвин офариниши инсон, ки ба Худо вобаст шудааст,тамоман инкор мекунад.

Ҳамчунин, аз нуқтаи назарияи олими амрикоӣ Уилям Ҷеймс (1842-1910) инсон ҳангоми ҳаёти хеш аз гирду атроф қувва гирифта, соҳиби илму дониш ва малакаи баланд мегардад, вале ҳар замон аз таъсири гирду атроф бархурдор аст [3,240]. Яъне табиат барои инсон як китоби зиндагӣ аст, инсон метавонад аз вай илму маърифат бигирад.

Антропология (инсоншиносӣ) чунин фаннест, ки ҳар як донишманд ва олим онро аз рӯи назарияи худ ташбеҳ медиҳад, чунки далели аниқ то ҳоло кашф нашудааст. Ба андешаи мо, байни олимон инсон ва шинохти ӯ ҳанӯз аз давраи пайдоишаш то ҳозир як масъалаи баҳснок ва таъсирпазир ба назар мерасад. Вале тӯфони илму дониш мақсад ва афкори ҳар донишмандро парешонхотир намуда, мутақобилият ба вуҷуд меорад.

Масалан, дар бобати шахс ва тарбияи он мутафаккири намоёни адабиёти классики тоҷик Ибни Сино бар он ақида аст, ки шахсро бояд аз рӯзи таваллудаш тарбия кардан даркор аст ва замоне, ки ӯ ба пойи хеш роҳ гаштанро оғоз мекунад, ӯро бояд ҳарф ёд дод, то дарки калимаҳоро сарфаҳм равад. Пас ӯро ба тарбияи устод супурдан лозим аст, то дониши кофиро аз бар намояд [1, 75]. Аз ин нуқтаи назар, Ибни Сино одобу ахлоқ, тарбия, дӯстиву рафоқат ва ёд додани илму донишро ба худи волидайн вобаста мекунад. Яъне, падару модар тавонанд фарзанди худро аз рӯзи тавлид то камоли умр бардавом тарбия кунанд.

Ҳолати инсон дар аснои дӯстӣ ҳамчун яке аз ҳолатҳои муҳими ҳаёти инсон дар адабиёти фалсафӣ ва ҷомеашиносии донишмандони Шарқу Ғарб мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтааст. Тибқи ақидаи Ф. Тонис, дӯстӣ ҳамчун яке аз шаклҳои зуҳури ҳамгироиш, хушмуомилагӣ дар ҷомеаи одамон муаррифӣ шудааст ва дар тафовут аз муносибати волидайн ва фарзандон, муносибати хоҳару бародарон (ки дар баробари амали ақл бештар фаъолияти як майли табиӣ, ғариза - инстинкт асос ёфтааст) ва ҳатто аз муносибати ҳамгироиш ва якдилии ҳамсоягон, ки ба ягонагии манфиатҳои хоҷаги ва рӯҳонӣ такя мекунанд, бармеояд.

Чи тавре ки ишора кардем, донишмандон ва файласуфони олам мафҳуми инсон ва шинохти ӯро бо тарзҳои гуногун ташхис намуданд. Яке аз асарҳои оммафаҳм, ки дар таърихи фалсафа мақому манзалат дорад, “Ихвон ус-сафо“ мебошад, бо номи “Бародарони пок ва дӯстони бовафо” низ машҳур буда, соҳиби чанд муаллиф аст. Дар ин асар донишмандон шинохти инсон ва мафҳуми онро ба андешаҳои мутафаккирони Юнони қадим ҳамоҳанг мекунанд.

Масалан, дар бобати шинохти инсон чунин омадааст: “Инсоншиносии Ихвон ус-сафо бо кайҳоншиносии онҳо робита дорад. Ин робита асосан дар таълимоти онҳо оид ба олами кабир (олами ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ) ва олами кӯчак (одам) мушоҳида мешавад. Ин назария пеш аз Ихвон ус-сафо вуҷуд дошт ва сарчашмаи онро мо дар фалсафаи антиқӣ мебинем. Шояд дар фалсафа ва кайҳоншиносии Ихвон ус-сафо ин назария такрор шуда бошад. Ихвон ус-сафо онро аз шарҳи “олами ҳайвонот”, ки онро “олами бузург” низ мегӯянд, оғоз менамояд [7, 776]**.** Аз ин ибора бармеояд, ки асари мазкур ба инсоншиносӣ низ саҳми арзанда гузоштааст, гарчанде ақидаи онҳо дар бораи инсон баъзе фикрҳои гузаштагонро такрор мекунад.

Ҳамчунин яке аз муҳимтарин ва мубрамтарин масъала дар шинохти инсон, ҳаёт ва зиндагии ҳаррӯзаи он ба ҳисоб меравад. Ин масъаларо донишмандон ва бузургон бо андешаҳои гуногун хотима бахшиданд. Бархе аз донишмандон ҳаёти инсонро бо табиат вобаст карда, онро аз кайҳон медонанд ва бар он ақида ҳастанд, ки барои хушбахтии ҳаёт мубориза бурдан даркор аст. Масалан, Фиридрих Нитше дар бораи ҳаёт чунин ақида дорад, ки: “Мубориза ба хотири зиндагӣ танҳо истисно ва маҳдудияти муваққатии ирода ба ҳаёт аст: муборизаи бузург ва хурд ҳамеша ба хотири бартарият, барои инкишоф ва тақсимот, барои қудрат мутаносибтан ирода ба ҳокимият аст, ки айнан ҳамин ирода ба ҳаёт хоҳад буд”**[5, 321].** Ҳаёт дар раванди абадии ташаккул буда, муборизаи ҳамешагии иродаи заифу иродаи тавоно моҳияти он аст. Мафҳуми ҳаёт, қабл аз ҳама ба маънои кӯшише ба худсозию худтаҳкимёбию нерӯмандӣ - ирода ба ҳокимият аст, ки ҳама гуна тавзеҳу ишораро ба раванди пайдошавии он сарфи назар мекунад.

Дар масъалаи кӣ будани инсон, чи тавре, ки дар боло зикр гардид, ҳақиқатан саволи баҳсангез ва шикастахотир ба назар мерасад. Зеро чандин асарҳо, қасидаҳо, шеърҳо ва қиссаҳо дар ин бора васфу наск шуданд, вале бархе аз ҷомеа то ҳоло дар ин мавзӯъ саркӯбиҳо доранд. Инчунин, донишмандони бонуфуз ва соҳибирода низ ин масъаларо тибқи андешаҳои гуногун ҷамбаст мекунанд.

Масалан, Б. Рассел чунин ақида дорад, ки “Оё инсон чунин аст, ки ба чашми ситорашинос ба назар мерасад - тудаи омехтаи карбон ва об аст, ки заифона дар як сайёраи дуюмдараҷа ҷунбуҷӯл дорад? Ва ё инсон мавҷудест, ки онро Гамлет тасвир намудааст? Шояд ӯ дар як вақт ҳам ину ҳам он бошад?“ **[6, 11].** Дар ин порчаи иқтибос мутафаккир мавҷудияти инсонро бо се саволи мураккаб ҷамбаст мекунад ва бар он аст, ки шинохти инсон масъалаи на он қадар осон аст, ки ҳар кас ӯро тавонад дарк кунад.

Масъалаи дигаре, ки дар ҳаёти ҷомеаи муосир роли муҳим мебозад, илм ва аҳамияти он мебошад. Ҳамин тариқ , дар тамоми соҳаҳои ҳаёти имрӯзаашон, одамон ҳангоми ҳаллу фасли масоили муҳимми кору фаъолияташон дар ҷустуҷӯ ва хулосаҳои олимону муҳаққиқон боқӣ мемонанд. Аз он ки мо одамон то кадом дараҷа ин бовариро ба илм ва олимон пайгирӣ менамоем, ҳаёти мо фавқуллода дар вобастагӣ аз он дучори машкилоту комёбиҳост. Ҳамчунин, инсон бояд аз рӯи ахлоқи нек амал карда, фаъолияти баландро ба даст орад, то амали ӯ барои нафъ ва фоидаи ҷомеа бошад. Масалан, Р. Назариев чунин ақида дорад, ки “амалҳо ва объектҳоро ба намудҳои ахлоқан бетараф ва ахлоқан арзишёбанда тақсим мекунем. Ба қатори амалҳои ахлоқан бетараф он фаъолиятҳоеро дохил мекунем, ки дар амалӣ намудани онҳо муносибатҳои байни шахсҳо вуҷуд надоранд, - интихоби ҷиҳози техникӣ, интихоби усулҳои таҳқиқоти илми, таҳлили адабиёт ва ғайра. Ба амалҳои ахлоқан арзишёбанда дохил мешаванд: худи раванади таҳқиқоти илмӣ (махсусан, агар он барои одамон он қадар бехатар набошад ва ё ворид намудани маблағҳои калонро тақозо намояд); табодули афкор дар бораи ин ё он мушкилот (мубоҳиса); табъу нашри натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ” **[4 , 198]**

Хулоса, инсон барои ба даст овардани мақсади дар пеш гузоштааш, иродаи худро тобеи мақсади худ мегардонад. Зарурати мақсадҳои инсонро манфиатҳо ва талаботҳои он муайян мекунанд.

Адабиёт:

1. Абуалӣ ибни Сино. Осор. Ҷ.1- 75 с.
2. Ар-Розӣ. Расоил фалсафия. – 108 с.
3. Волкогонова О, Сидирова Н. Основы философии. М.: ИД “ ФОРУМ”: ИНФРА – М, 2014. – 240 с.
4. Назариев Р, Самиев Б. Фалсафаи илм. Душанбе: 2015, 296с, 198 с .
5. Ницще Ф. Веселая наука. Злая мудрость. – М.: “ Эскимо”, 2007, 321 с.
6. Рассел Б. История западной философии // Бертран Расел; Пр. с анг.- Москва: Изд. АСТ, 2016. – 11 с.
7. Шарипов А. Таърихи фалсафаи тоҷик: Душанбе: “ Дониш”. 2016. - 776 с.
8. Фердинант Тённис. Община и общество (Пр. с анг. К.Абдулоев). – Лондон, 1996. - С. 31-33

ТАНОСУБИ ТАРБИЯИ АХЛОҚӢ ВА ТАЪСИРИ МУҲИТ ДАР ТАКОМУЛИ ШАХСИЯТ

Раҷабзода Маҳмадулло *- д.и.п., профессор, ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992 37) 2325000.*

Дар мақолаи мазкур андешаҳои пуразиши ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ оид ба таъсири омилҳои тарбия ба раванди ташаккул ва такомули шахсият мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Муаллиф дар заминаи таҳлили амиқи панду андарзҳои «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ таносуби тарбияи ахлоқӣ ва таъсири муҳитро дар ҷараёни камолоти инсон бо далелҳои муътамад муайян намудааст.

Калидвожаҳо: *Фирдавсӣ, «Шоҳнома», тарбияи ахлоқӣ, таъсири муҳит, такомули шахсият, инсон, фард, субъекти тарбия, таълиму тарбия, волидайн.*

СООТНОШЕНИЕ НРАВСТВЕННОГО ВОСПИТАНИЯ И ВЛИЯНИЕ СРЕДЫ В РАЗВИТИИ ЛИЧНОСТИ

Раджабзода Махмадулло *- д.п.н., профессор, ректор Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.: (992 37) 2325000.*

В данной статье исследуются ценные мысли Хакима Абулкосима Фирдоуси о влиянии факторов воспитания в процессе формирования и развития личности.

Автор на основе тщательного анализа изречений «Шахнаме» Фирдоуси достоверными фактами определяет соотношение нравственного воспитания и влияние среды на развитие и совершенствование личности.

Ключевые слова: *Фирдоуси, «Шахнаме», этическое воспитание, влияние окружающей среды, совершенствование личности, личность, индивид, субъект воспитания, образование и обучение, родители.*

CORRELATION OF MORAL EDUCATION AND INFLUENCE OF ENVIRONMENT IN PERSONALITY DEVELOPMENT

Rajabzoda Mahmadullo *– doctor of pedagogy, professor, rector of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str, phone: (+992)2325000*

This article considersrs the valuable thoughts of Hakim Abulkosim Firdousi about the influence of factors of education in the process of formation and development of personality.

The author on the basis of detaile analysis of the sayings of "Shahname" Firdousi determines the ratio of moral education and the impact of the environment on the development and improvement of the individual as the reliable facts.

Key words: *Firdowsi, "Shahname", ethical education, environmental influence, personal development, personality, individual, subject of education, education and training, parents.*

Абулқосим Фирдавсӣ дар мавриди мукошифа бар паҳлӯҳои ҳаёти инсонӣ ба хулосае расидааст, ки мазмуни ҳаёт дар тағйирёбӣ ва инкишофи мутаносиби ҳамаи нерӯҳои олами мавҷуд ва фавқуттабиа, ки бо қобилияти созандагии инсон, ба ҳайси қувваи мутааққил пайванди ногусастанӣ доранд, сахт марбут мебошад. Ӯ манбаи ҳаёт ва хушбахтии ҳақиқии инсонро дар ҳамин хусусиятҳои олии иртиботи тарафайн, ки дар ташаккулёбии шахс аз давраи бачагӣ, наврасӣ ва ҷавонӣ ба амал меояд, ба мушоҳида гирифта, ин таносубро дар васоити инкишофдиҳандаи инсон ҷараёни қонуне медонад, ки дар тамоми соҳаҳои барои қамоли шахсияти ӯ муҳим мебошанд. Ин таносуб дар амалиёт, дарки олам, шуур, муносибат ба муҳити атроф, ба одамон ва ғайра зоҳир мегардад ва мутафаккири бузург ба масъалаи мукошифаи ҳаматарафаи он аҳамияти ҷиддӣ додааст.

Бояд гуфт, ки Фирдавсӣ ташаккули шахси хирадманд, ё ки инсони комилро бо омилҳои тарбия ва таълим тавъам меҳисобад. Лекин пеш аз он ки бевосита ба таҳқиқи ин мавзӯъ бипардозем, бояд дар бораи мафҳуми шахсият маълумот бидиҳем.

Шахс яке аз категорияҳои муайянкунандаи илмие ба шумор меравад, ки дар симои одам ё инсон муҷассам гардида, гоҳо бо маънои тан, фард, кас, нафар ва ғайра истифода мешавад. Шахсият маҳсули иҷтимоӣ ва субъекти ҷамъиятиест, ки бо таъсири тарбия, зимни иртибот бо муҳити оилавию ҷамъиятӣ ва дар мавриди тахаллуқи шахс дар натиҷаи бардоштҳои таълимотии ӯ ташаккул меёбад. Шахсият бо хислатҳои хоси худ, аз қабили ҷаҳонбинӣ, қобилияти идроку фаъолият дар ҷомеа, мустақилият, муҳокимаронӣ, доштани ақидаи шахсии хеш дар рафтори амалӣ, муносибатҳо бо зуҳуроти воқеии ҷомеа бо одамон зоҳир мегардад. Аз ин хотир, шахс аз шахсият ба куллӣ фарқ мекунад. Шахсият шахсеро мегӯянд, ки аз лиҳози тахаллуқ бояд ҳаматарафа инкишофёфта бошад.

Фирдавсӣ бар ин ақида буд, ки дарки олами моддӣ танҳо аз тариқи ақлу хиради шахс ва ноил шудани он ба дараҷаи тахаллуқи шахсият имконпазир аст. Ин масъаларо шоир дар «Шоҳнома» ба як низоми муайян даровардааст ва ин услуби пазириши ӯ бесабаб нест, зеро афкори педагогӣ, иҷтимоӣ ва фалсафиаш таҳти таъсири ҷаҳонбинии фалсафаи «Машоъ» ташаккул ёфтааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар замони ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Фирдавсӣ фалсафаи «Машоъ» дар миёни аҳли маърифат хеле ривоҷ ёфта буд. Ҷараёни фалсафии «Машоъ» дар чаҳорчӯбаи тасаввуф ҷойгир буда, танҳо ақлу хирад, таҷриба ва озмоишро воситаи идроки ҳақиқат ва олами моддӣ медонист. Намояндагони ин ҷараёни фалсафӣ нақши дониши ҳиссиро мутобиқи идроки ҳақиқат инкор менамуданд. Аз дигар ҷониб ҷараёни фалсафии «Машоъ», ки ба тасаввуфи ҷорӣ алоқамандии зич дошт ва дар мукошифаи олами ҳастӣ ба нишон додани ҳақиқати мавҷуд такя мезад, таҳти таъсири фалсафаи Юнон қарор гирифта, бо он алоқаманд шуда буд.

Дар асрҳои X-XI қисми зиёди олимон, шоирон ва мутафаккирони Шарқ, аз ҷумла Абӯшакури Балхӣ, Рӯдакӣ, Сино таҳти таъсири ин ҷараёни фалсафӣ қарор гирифта, онро эътироф намуда буданд.

Фирдавсӣ ҳам, ки яке аз муътақидони ҳамин ҷараёни фалсафӣ буд, ин равияи ирфонии фалсафиро дар масъалаи шарҳи хирад ва дигар афкори педагогию фалсафиаш асосу раҳнамо медонистааст. Аз ин рӯ, дар афкори педагогии ӯ хирад бо бартарият бар ҳама гуна хислатҳои бади ахлоқи инсонӣ ба ҳам оштинопазиранд.

Дар фаҳмиши Фирдавсӣ шинохти Худо, ки дар натиҷаи худшиносии комили инсон ба бор меояд, омили асосии инкишофи шахсият аст. Яъне ҳама неку бад, ғаму шодӣ, сарватмандию камбағалӣ ба ақидаи ӯ ба Худо вобаста аст. Ба ақидаи Фирдавсӣ Худо сарнавишт, қисмат ва зиндагии одамро аз рӯзи таваллуд муайян мекунад. Шаклпазирии чунин назариётро мутаносибан дар осори ирфонӣ ва фалсафие чун «Кимиёи саодат»-и Муҳаммад Ғаззолӣ, «Мирсод-ул-ибод»-и Наҷмуддини Розӣ, «Офоқ ва анфус»-и мансуб ба Носири Хисрав ва дигарон метавон ба мушоҳида гирифт. Чунон ки аҳли урафо, ҳатто Фирдавсӣ, сарватмандию камбағалии одамонро низ ба Худо ва хости Худо вобаста медонистанд:

Зи ту шодмониву аз ту ғамист,
Якеро фузунӣ, дигарро камист. [10, с.203]

Дар фаҳмиши Фирдавсӣ Худо қувваи бузург, офаранда, халлоқ ва тавоност, ки тамоми ҳодисаву воқеаҳо ва амалиёти одамонро идора мекунад, ҳарчанд нопайдову ноаён ва ломакон аст.

Инсон ҳам офаридаи Парвардигор аст. Худо метавонад ӯро хушбахт ё бадбахт, сарватманд ё камбизоат, тансиҳат ё касалманд, заиф ё тавоно офарад. Инкишофи ақлу хиради инсонро низ Фирдавсӣ ба қудрати илоҳӣ вобаста медонад ва айни ин вобастагӣ аст, ки бо амри «шукру шикоят» бар даргоҳи Ҳақ менолад:

Якеро барорӣ ба чархи баланд,
Якеро кунӣ хору зору нажанд.
Якеро зи моҳ андар орӣ ба чоҳ,
Якеро зи чоҳ андар орӣ ба моҳ.
Якеро барориву шоҳӣ диҳӣ,
Якеро ба дарё ба моҳӣ диҳӣ.
На бар он-т меҳру на бар ин-т кин,
Ки беҳз-он туӣ, эй ҷаҳонофарин.
Ҷаҳонро баландиву пастӣ, туӣ,
Надонам чиӣ, ҳарчи ҳастӣ, туӣ ***[10, с.203]***.

Тавре аз мазмуни мисраҳои боло бармеояд, инкишофи шахсият, қобилияту истеъдод, муваффақияту камбудии вай, ахлоқу рафтор, гуфтор ва қисмату сарнавишти одам ба қудрати Худо вобаста аст. Барои ҳамин, дар ҷаҳон некию бадӣ, мардию номардӣ, порсоӣ, далерию қаҳрамонӣ, биму бок, эҳтирому носипосӣ ҳама ба доди Худо (Яздони пок) ба бор меоянд. Чунон ки Фирдавсӣ ташаккул ёфтани шахсият ва сифатҳои ахлоқиро дар тахаллуқи инсон ба тариқи зайл тасвир мекунад:

Ғаму шодмонӣ зи Яздони пок,
К-аз ӯй аст мардиву ҳам тарсу бок [10, с.219].

Агар ба тарзи дигар ба масъалаи омили ирсӣ дар тарбияи шахсият бархӯрд намоем, ба пиндори Фирдавсӣ аз рӯзи азал (таваллуд) ҳар чизеро, ки Парвардигор лоиқи сарнавишти ӯ сабт намуда бошад, тақдири вай ҳамон хоҳад буд. Яъне қисмати шахс аз таваллуд нек бошад, барои ташаккул ва тарбияи шахсияти ӯ ҳеҷ гуна муаллим лозим нест:

Куҷо буданӣ бошад аз кирдгор,
Набояд варо ҳеҷ омӯзгоР [11, с.121].

Ба ин монанд мутобиқи таълимоти Фирдавсӣ омили дигар, яъне таъсири муҳитро ба рушду инкишофи шахс эътироф намудем, аз тарафи дигар нақши

ирсиятро дар тарбия аз омилҳои асосӣ шуморидем, ки ба ҳар навъ дар ташаккулёбии шахс «омӯзгор» ва дар сириштӣ «рӯзгор» муҳим мебошанд:

Нигаҳ кун бад-ин гардиши рӯзгор,
Ҷуз ӯро макун бар дил омӯзгор [12, с.309].

Фирдавсӣ Худо ва хости Ҳақро дар ташаккули шахсияти инсон омили асосӣ меҳисобад ва бар ақидае аст, ки одами тарбиятдида ва покнажод ба Худо рӯй оварда, аз дини ӯ сар намепечад. Чунки, ба ақидаи Фирдавсӣ, Худо рой ва кирдору ахлоқи покро дар шахс ташаккул дода, тарбия менамояд. Ба ибораи дигар, Фирдавсӣ динпарастӣ ва риояи қонуну қоидаҳои диниро сифати ахлоқии шахс мешуморад, зеро тоату ибодат ба Худо ва риояи қонуну қоидаҳои динӣ дар инсон сифатҳои поки ахлоқиро мепарораванд:

Нишоне, ки монад ҳаме аз ту боз,
Барояд бар он рӯзгори дароз.
Набояд, ки монад ба ҷуз офарин,
Ки Покинажод оварад покдин.
Нигар, то напечӣ зи дини Худой,
Ки дини Худой оварад пок рой [7, с.391].

Фирдавсӣ давр задани замин (гардуни гардон)-ро эътироф менамояд ва онро ба қудрати Худо хос медонад. Аз ин лиҳоз, дар тарбия ҳамеша ёд кардану парастидани Худо, бо исми Худо оғоз бахшидани корҳоро шоиста мешуморад ва таълим медиҳад:

Нахуст аз ҷаҳонофарин ёд кун,
Парастиш бар ин ёд бунёд кун.
К-аз ӯй аст гардуни гардон ба пой,
Ҳам ӯй аст бар некӯӣ раҳнамой ***[10, с.269]***.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки ҷаҳонбинии динии Фирдавсӣ ба афкори педагогиаш низ таъсир расонидааст. Барои ҳамин, вай ба одамон худоҷӯиву худопарастиро талқин мекунад ва мегӯяд:

Зи Яздон шиносу зи Яздон сипос,
Бад-ӯ бигравад марди некӯшинос.
Аз ӯ будамон зӯру з-ӯ фарраҳӣ,
В-аз ӯ судмандӣ, зи ӯ-мон беҳӣ.
Чу аз покяздон накарданд ёд,
Нагаштанд аз гашти ин чарх шод ***[10, с.211]***.

Маълум аст, ки инкишофи ташаккули инсон, бахусус кӯдак ҷараёни мураккаб ва зиддиятнок буда, ба он се омили асосӣ: ирсият, муҳит ва тарбия таъсири калон мерасонанд.

Зери мафҳуми «ирсият» дар наслҳо зуҳур ёфтани монандии биологӣ бо падару модарон фаҳмида мешавад. Ба ҳар ҳол ба фарзанд аз волидайн ва аҷдодаш ин ё он сифати зоҳирӣ ё ботинӣ монанди қаду қомат, рангу рӯй, ранги пӯст, чашмон, овоз ва ғайра, ҳатто баъзе хусусиятҳои системаи асаб низ мегузаранд, ки бар ин асос дар натиҷаи таъсири муҳит хели муайяни амалиёти олии асаб (тундмиҷозӣ, хушҳолӣ, бепарвоӣ, сустиродагӣ ва ғайра) инкишоф меёбад.

Ҳангоми таваллуд бисёр хусусиятҳои модарзодӣ дар кӯдак мавҷуданд, ки онҳо ба гурӯҳи одоти (рефлексҳо) ғайришартӣ дохил мешаванд. Рефлексҳои хӯрок (ҷудо шудани луоб аз дидани хӯрок), худмуҳофизаткунӣ (дастро аз ҷисми

гарм кашидан), муқарраркунӣ (нигаристан ба сӯи овоз, равшанӣ...) ва ғайра, метавонанд аз ин шумул бошанд.

Нишонаҳои хоси инсонӣ, монанди рост истода ҳаракат кардан, нутқ, кобилияти фикрӣ, муҳокимаронӣ ва меҳнат кардан танҳо дар мавриди муомила бо одамон инкишоф меёбанд. Ҳамчунон тамоми сифатҳои равонии шахсият дар натиҷаи таъсири байниҳамдигарии муҳити берунӣ, пеш аз ҳама муҳити иҷтимоӣ инкишоф меёбанд.

Дар баробари эътироф кардани Худо ҳамчун омили асосии ташаккули шахсият, Фирдавсӣ омилҳои дигари инкишофи инсонро ҳам эътироф менамояд. Чунончи, тавре дар боло зикр кардем, ӯ муҳитро низ дар ташаккули шахсият аз омилҳои муҳим медонад. Нобаробариҳои ҷамъияти феодалии замонаш, набудани адолату некӣ ва ростиро танқид намуда, изҳор мекунад, ки муҳити иҷтимоӣ низ инсонро тарбия намуда, дар ҳар як шахс сифатҳои муайяни ахлоқиро ташаккул медиҳад. Вай эътиқоди комил дорад, ки таҷрибаи таомули рӯзгор ва муҳит метавонанд барои зиндагии одам ибратомӯз бошанд:

Шигифт андар ин гунбади тезрав,
Бимонад ҳаме дил пур аз ранҷи нав.
Якеро ҳамасола ранҷ асту дард,
Пушаймониву дард бояд-ш х(в)ард.
Якеро ҳама баҳри шаҳд асту қанд,
Таносоиву нозу тахти баланд.
Якеро ҳама рафтан андар фиреб,
Гаҳе бар фарозу гаҳе дар нишеб.
Чунин парваронад ҳаме рӯзгор,
Фузун омад аз ранҷи гул, ранҷи хор [11, с.220].

Муҳит гуфта, аслан атроф, мафҳуми он чӣ, ки моро иҳота кардааст мебошад, аммо маҷмӯи ҳодисаҳои гуногуни беруниро, ки ба инсон ба таври ногаҳонӣ таъсир мерасонанд, метавон ҳамчун пешовард ё рӯйдоди муҳит эътироф кард. Ба ин пешомадҳо ва рӯйдодҳо метавонанд шароити табиӣ, ҷуғрофӣ, иҷтимоӣ, оилавӣ ва ғайра шомил бошанд.

Муҳити ҷуғрофӣ агар ба тарзи ҳаёти инсон ва характери фаъолияти меҳнатии вай таъсиргузор бошад, таъсири муҳити оилавӣ ва гирду атроф низ (ҳамсояҳо, дӯстон, кӯча) барои ташаккули хулқи бача зарур аст, аммо аз нуқтаи назари педагогикаи имрӯза таъсири муҳити иҷтимоӣ ба кӯдак аз ҳама муҳимтар мебошад.

Бе муҳити иҷтимоӣ, бе муносибат бо одамон шахсияти кӯдак ташаккул ёфта наметавонад. Чунон ки дар шароити имрӯза тарбияи инсон бо ҷараёни умумии ташаккулёбии он алоқаи мустаҳкам дорад. Дар натиҷа тарбия дар қатори дигар омилҳо дар камолоти шахсият дар ҳар муҳит нақши асосиро мебозад ва Фирдавсӣ ҳар се омили дар боло номбаршударо эътироф намудааст. Барои амалӣ гардидани ин авомил нақши оила ва падару модарро дар инкишофи шахсият бартару саҳимтар медонад. Чунки дар мамлакатҳои Шарқ аз қадимулайём давомдиҳандаи кор ва номи неки мард фарзанд ба шумор мерафт. Аз ин лиҳоз, фарзанд ширинтарин неъмати зиндагӣ ва меваи умри инсон ҳисобида мешавад.

Ғайр аз омилҳои дар боло номбаршуда, Фирдавсӣ боз нақши чанд омили дигарро низ дар ташаккули шахсияти кӯдакон муҳим меҳисобад. Аз ҷумла, ба ақидаи ӯ ҳунар ва ҳунармандӣ «бо нажод ва бо гавҳар»-и зотии шахс низ сахт

вобаста аст. Барои ҳунармандӣ (касбомӯзӣ) се чиз лозим аст: аввал – «нажоди пок», дуюм – «гавҳар», сеюм – «ҳунаромузӣ аз ҳар касе».

Фирдавсӣ «гавҳар»-ро истеъдоди худодод меномад, ки «аз фарри Яздон» аст. «Нажод» бошад, ирсӣ аст ва агар «тухми падар» пок бошад, «тухми пок», «бари хуб» бор медиҳад. Ниҳоят, ғайр аз «нажоду гуҳар» кӯшишу ғайрат ва «аз ҳар касе омӯхтану наранҷидан» низ нақши калон мебозанд:

Ҳунар бо нажод асту бо гавҳар аст,
Се чиз асту ҳар сӯ ба банд андар аст.
Ҳунар кай бувад, то набошад гуҳар?
Нажоди касе дидаӣ беҳунар?!
Гуҳар он, ки аз фарри Яздон бувад,
Наёзад ба бад дасту бад нашнавад.
Нажод он, ки бошад зи тухми падар,
Сазад, к-ояд аз тухми покиза бар.
Ҳунар он ки омӯзӣ аз ҳар касе,
Бикӯшиву печӣ зи ранҷаш басе.
Аз ин ҳар, ки гавҳар бувад моядор,
Ки зебо бувад хилқати Кирдигор.
Чу ин ҳар се ёбӣ, хирад боядат,
Шиносандаи неку бад боядат [9, с.372-373].

Ба ақидаи Фирдавсӣ шахси ҳунарманд бояд басабру тоқат бошад. Тундӣ ва шитобкорӣ дар ҳунаромӯзӣ бар зарари ҳунарманд аст:

Ҳунар бо хирад дар дили марди тунд,
Чу теғе, ки гардад ба зангор кунд.

Фирдавсӣ маъниву мақсади асосии зиндагии инсонро, чунон ки дар боло зикр шуд, пеш аз ҳама, дар некию накӯкорӣ медонад. Дар умри гузарон, ки ҳар лаҳзаи он бебозгашт мебошад, одамон бояд аз худ танҳо ёдгории бегазанди некройӣ, накугуфторӣ ва некукирдорӣ боқӣ гузоранд.

Масалан, мавзӯъҳои ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, зебоипарастӣ ва ғайраро ба миён гузошта, шоир одамонро ба қаноат, сабру таҳаммул, сулҳу оштӣ, худопарастӣ даъват намуда, мегӯяд:

Хӯрӣ ё бипӯшӣ ва ё густарӣ,
Сазад гар ба дигар сухан нангарӣ.
К-аз ин се гузаштӣ, ҳама ранҷу оз,
Чӣ дар оз печӣ, чӣ андар ниёз?!
Чӣ донӣ, ки бар ту намонад ҷаҳон,
Чӣ ранҷонӣ аз оз ҷону равон?
Бихӯр он чӣ дориву бешӣ маҷӯй,
Ки аз оз коҳад ҳаме обрӯй [11, с.6].

Дар бораи хоксорию фурӯтанӣ, тарбияи худоҷӯию худотарсӣ низ ба сароҳат мегӯяд:

Чу сарви саҳӣ каж бигардад ба боғ,
Бар ӯ-бар шавад тира равшан чароғ.
Шавад барг пажмурдаву бех суст,
Сараш сӯи пастӣ гирояд нахуст.
Барояд зи хоку шавад боз хок,
Ҳама ҷои тарс асту темору бок [11, с.5-6].

Ҳамзамон Фирдавсӣ одамонро ба шодию хурсандӣ даъват намуда, таъкид мекунад, ки ба кори фардо, ки наомадаасту натиҷааш маълум нест, аз имрӯз ғам хӯрдан аз рӯи ақлу хирад нест. Бо ин ақидааш ӯ наврасону ҷавононро тарбия намуда, ба роҳи худсозӣ, комгорӣ бар зиндагӣ раҳнамун мегардонад:

Чу дӣ рафту фардо наёмад ҳанӯз,
Набошем аз андеша имрӯз кӯз [13, с.634].

Фирдавсӣ ҳамчун мутафаккири бузургу хирадманд ба масъалаҳои тарбия ва омилҳои он таваҷҷуҳ зоҳир намуда, фикру ақидаҳои гуногуни хешро баён намудааст, ки омӯхтани онҳо барои илми педагогикаи муосир, бавижа тарбияи шахсият ва оилавӣ аҳамияти калони илмию амалӣ доранд.

Масалан, шоир фарзандро ширинтарин меваи умри инсон меҳисобад. Ба ақидаи ӯ барои инсон аз фарзанд каси азизтаре нест:

Писандидатар кас зи фарзанд нест,
Чу пайванди фарзанд пайванд нест [9, с.130].

Фирдавсӣ дар тарбияи фарзанд нақши падарро асосӣ медонад, зеро анъанаи шарқиён то ба ҳол чунин аст, ки дар тарбияи фарзандон мавқеи падар бузург аст. Падар шоҳсутун ва сарпарасти оила аст. Гарчанде эҳтироми модар дар оила зиёд бошад ҳам, вале падар боз ҳам бузургтар шуморида мешавад. Бо ҳамин сабаб Фирдавсӣ нақши падарро дар оила эътироф намуда, ба нақш ва мавқеи вай дар тарбияи фарзандон баҳои баланд медиҳад:

Ҳама пок пӯшу ҳама пок х(в)ар,
Ҳама пандҳо ёд гир аз падар [14, с.442].

Агар фарзандон падарро эҳтиром намуда, ба сухани ӯ гӯш дода, пандҳои ӯро омӯзанд, дили падар аз ғаму ранҷи беҳуда озод мегардад:

Зи фарзанд бошад падар шоддил,
Зи ғамҳо бад-ӯ дорад озод дил.
Агар меҳрубон бошад ӯ бар падар,
Ба некӣ гирояндаву додгар [14, с.436].

Шоир ҷавононро насиҳат мекунад, ки роҳи некиро пеша намуда, аз бадӣ парҳез кунанд ва панди падарро ҳамеша дар хотир дошта бошанд:

Ту панди падар ҳамчунин ёд дор,
Ба некӣ гарову бадӣ боз дор.
Ба хира маранҷон равони маро,
Ба оташ тани нотавони маро [13, с.277].

Фарзандоне, ки аз насиҳати падар берун мешаванд, аз зумраи бехираду ситамкорон ва ҷоҳилон маҳсубанд. Фирдавсӣ бар он ақида аст, ки харбузаеро, ки полезбон (ин ҷо падарро дар назар дорад) киштаасту вай аз обу хуршед, яъне аз рушду нумӯъ рӯ гардонидааст ва сӯи хок (нобудӣ) майл дорад, нобуд кардан даркор аст. Албатта, мақсади Фирдавсӣ, аз ин гуфтаҳо тарбия намудани хусусиятҳои неки инсонӣ, аз байн бурдани хислату кирдори бади фарзандон ва ташаккули инсони комил аст:

Писар, к-ӯ зи роҳи падар бигзарад,
Ситамгора хонемаш ар бехирад.
Агар бехи ҳанзал бувад тарру хушк,
Нашояд, ки бар оварад бӯи мушк.
Чаро гашт, бояд ҳаме з-он сиришт,
Ки полезбонаш ба оғоз кишт?
Агар майл дорад ҳаме сӯи хок,

Бибуррад зи хуршеду аз оби пок.
На з-ӯ бор бояд, ки монад, на барг,
Зи хокаш бувад зиндагониву марг [14, с.133-134].

Фирдавсӣ падару модаронро таъкид менамояд, ки ба масъалаи тарбияи фарзандон диққати ҷиддӣ диҳанд. Ӯ мегӯяд, ки агар дар фарзанд хислатҳои неки инсониро ташаккул диҳӣ, натиҷаи хуб ва агар бад тарбия кунӣ, натиҷаи бад ба даст меорӣ. Яъне аз истифодаи масали халқӣ: «Ҳар чӣ корӣ, ҳамон бидравӣ» кор мегирад:

Нигар то чӣ корӣ, ҳамон бидравӣ,
Сухан ҳар чӣ гӯӣ, ҳамон бишнавӣ [9, с.6].

Фирдавсӣ аз як тараф эҳтиром намудани падару модар ва калонсолонро аз тарафи ҷавонон қарзи виҷдон ва вазифаи ахлоқии онҳо шуморида, аз ҷониби дигар падаронро таъкид менамояд, ки писари бохирадро меҳрубонӣ ва навозишу дӯстдорӣ намоянд. Ба ибораи дигар, бо чунин тарзи рафтор, шоир тарафдори истифодаи усулҳои ҳавасмандкунӣ дар тарбия мебошад:

Чу фармонпазиранда бошад писар,
Навозанда бояд, ки бошад падар [14, с.174].

Ба қавли Фирдавсӣ нақши падар дар тарбияи фарзанд бузург буда, ҳама некию бадиҳоро писар аз падар меомӯзад. Зеро, агар одаме, ки дар хурдӣ аз падар феълу атвори бад наомӯзад, баъди бузург шудан ҳеҷ гоҳ бадкирдор нахоҳад шуд:

Касе, к-аз падар кажживу хӯи бад,
Нагирад, аз ӯ бадхӯӣ кай сазад? [9, с.106].

Фирдавсӣ тавсия медиҳад, ки тарбияи фарзандро бояд аз синни тифлӣ оғоз кард. Вай фарзандро ба ниҳол ташбеҳ дода, таъкид мекунад, ки бояд дарахтеро ба самар расонем, ки меваи ширин бор диҳад. Яъне шахсиятҳои такомулёфтаро тарбия намуда, ба камол расонем. Бо ин маънӣ таъкид менамояд:

Чаро кишт бояд дарахте ба даст,
Ки бораш бувад заҳру баргаш кабаст?[9,с.139].

Мутафаккири бузург нақши падарро дар тарбияи фарзанд ба дараҷае баланд медонад, ки ҳатто «хашм»-и падарро нисбат ба «меҳр»-и писар бар падар беҳтар медонад:

Ту донӣ, ки хашми падар бар писар,
Беҳ аз хуб меҳри писар бар падар?![12, с.155].

Ба ақидаи Фирдавсӣ ҳар касеро, ки рӯзгор (муҳит) панд диҳад, дониш, қобилияту истеъдод ва ақлу хиради вай инкишоф ёфта, ба устоду маслиҳатгар муҳтоҷ намешавад, чунки худ дар зиндагӣ таҷрибаи зиёд пайдо карда, дар кор устод мегардад:

Касе, к-ӯ бувад судаи рӯзгор,
Набояд ба ҳар кораш омӯзгор [12, с.37].

Ӯ таълим медиҳад, ки ҳарчанд шахс доно ва дорои илму фарҳанг бошад, донистани «неку бад» ва «шӯру талх»-ро дар амал чашидан (таҷриба) дар ташаккули шахсияти ӯ бисёр аҳамият дорад. Озмоиш («таҷриба») ақлу хирад ва ҳунари шахсро такмил дода, ба инкишофи фикрӣ ва истеъдоду маҳорати вай ёрӣ мерасонад:

Ҷавон арчи доно бувад бо гуҳар,
Абе озмоиш нагирад ҳунар.

Баду нек ҳар гуна бояд кашид,
Зи ҳар шӯру талхӣ бибояд чашид [11, с.296].

Ҳамин тариқ, Фирдавсӣ нақши таъсири муҳити оиларо ба инкишофи шахсият чун «омӯзгор» дониста, некию бадии инсонро аз муҳит медонад:

Гар эдун, ки бад бинӣ аз рӯзгор,
Ба некӣ ҳам ӯ бошад омӯзгор [9, с.233].

Вай нақши муҳит ва таҷрибаро дар тарбия ва таълими фарзандон то дараҷае хуб дарк кардааст, ки ҳатто баъзе педагогҳои давраи эҳёи Аврупо ҳис накарда буданд. Чунон ки ин ҷо мегӯяд:

Саги кордида бигирад паланг,
Зи рӯбаҳ рамад шери нодида ҷанг [9, с.258].

Аз ин рӯ, таҷрибаи рӯзгор ва ҳамнишинӣ бо шахсони соҳибдилу рӯзгордида ва ҳунармандон барои инсон беҳтарин панду андарз ва дарси ҳаёт аст.

Шоир ба масъалаи аҳду паймон ва ростиву росткорӣ низ назари хоса дорад. Ба ин хотир таъкид мекунад, ки дар иҷрову ҳалли кор бояд ростиро пеша кард:

Ба ҳар кор – дар пеша кун ростӣ,
Чу хоҳӣ набигзоядат костӣ.
Сухан ҳар чи пурсанд, ҳам рост гӯй,
Ба кажжӣ макун рою чора биҷӯй [8, с.253].

Аз ин гуфтаҳо бармеоянд, ки Фирдавсӣ таъсири омилҳои тарбияро барои ташаккули шахсияти инсон дар «Шоҳнома»-и хеш ба пуррагӣ матраҳ намуда, роҷеъ ба ин авомил ақидаҳои пуарзиши педагогиро изҳор кардааст. Ҳамзамон мавриди зикр аст, ки дар масоили гуногунпаҳлӯии таълим ва тарбия кам риштае пайдо мешавад, ки Фирдавсӣ вобаста ба он изҳори ақида накарда бошад.

Адабиёт:

1. Гафуров, Б.Г. Тоҷикон [Матн].- Душанбе: Ирфон, 1998.- 416 с.

2. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2006.- 24 с.

3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн].- Душанбе, 1999.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [Манбаи электронӣ].- Низоми дастрасӣ: www. mmk.tj

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» [Манбаи электронӣ].- Низоми дастрасӣ: www. mmk.tj.

6. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шаҳри Душанбе,30.08.2016 [Манбаи электронӣ]: Низоми дастрасӣ: www.president.tj.

7. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд/ А.Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 1987.-Ҷ.1. –478 с.

8. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд/ А.Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 1987. - Ҷ.2. –319 с.

9. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд/ А.Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 1988. - Ҷ. 3. –527 с.

10. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд/ А.Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 1988. - Ҷ. 4. –406 с.

11. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд/ А.Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 1989. -Ҷ.5. –491 с.

12. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд/ А.Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 1989 - Ҷ.6. –551 с.

13. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд/ А.Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 1989. - Ҷ.7. –651 с.

14. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд/ А.Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 1990. -Ҷ.8–612 с.

15. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд/ А.Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 1991. - Ҷ.9 –495 с.

16. Энциклопедия персидско-таджикской прозы. Глав.Науч. ред. Тадж.Сов.энциклопедии.- Душанбе, 1990.- 512 с.

ТАЪМИНОТИ ИТТИЛООТИИ РАВАНДИ ОМОДАГИИ ПЕДАГОГӢ - ПСИХОЛОГИИ ВОЛИДАЙН ДАР ТАРБИЯИ ФАРЗАНДОН

Шосаидзода Сафар Ҳасан *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсент директори Паҷӯҳишгоҳи забоншиносӣ ва тарҷумаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992)919 198 127, E-mail: shosaidov57@mail.ru*

Дар мақола масъалаҳои таъминоти иттилоотии раванди омодагии педагогӣ-психологии волидайн дар тарбияи фарзандон, зарурати ташаккули фарҳанги педагогӣ ва иттилоотии падару модарон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Муаллиф бо мисолҳои мушаххас мақсаду вазифаҳо, таъиноти анво ва тарзу усулҳои истифодабарии технологияи иттилоотиро дар ҷараёни омодаги педагогию психологии волидон дар тарбия насли наврас инъикос намудааст.

Калидвожаҳо: *омодагии педагогию психологӣ, волидайн, фарзандон, фарҳанги иттилоотӣ, таъминоти иттилоотӣ, почтаи электронӣ, сомона, вебинар, скайп, блог, шабакаи иҷтимоӣ, вайбер, видеотранслатсия, Whats App.*

ИНФОРМАЦИОННое ОБЕСПЕЧЕНИЕ ПРОЦЕССа ПЕДАГОГИКО-ПСИХОЛОГИЧЕСКОЙ ПОДГОТОВКИ РОДИТЕЛЕЙ к ВОСПИТАНию ДЕТЕЙ

Шосаидзода Сафар Хасан *– кандидат педагогических наук, доцент директор научно – исследовательского института языкознание и перевода Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, 734019, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева,17/6, тел.: (+992)919 198 127, E-mail: shosaidov57@mail.ru*

В статье рассматриваются вопросы информационого обеспечения процесса педагогико-психологической подготовки родителей к воспитанию детей, необходимости формирования педагогической и информационной культуры родителей.

Автор на конкретных примерах иллюстрирует цели и задачи, назначение, а также формы и методы использования различных видов информационных технологий в процессе педагогико-психологической подготовки родителей к воспитанию подрастающего поколения.

Ключевые слова: *педагогико-психологическая подготовка, родители, дети, информационная культура, информационное обеспечение, электронная почта, сайт, вебинар, скайп, блог, социальная сеть, вайбер, видеотрансяция, Whats App.*

INFORMATION SUPPORT IN THE PROCESS OF PEDAGOGICAL AND PSYCHOLOGICAL PREPARATION OF PARENTS FOR THE UPBRINGING OF CHILDREN

Shosaidzoda Safar Hasan *- candidate of pedagogics, director the Linguistics and Translation Research Institute of the Tajik State Institute of languages named after*

Sotim Ulugzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev Str. Cell.: (+992)919 198 127, E-mail: shosaidov57@mail.ru

The article considers the issues of information support in the process of pedagogical and psychological preparation of parents for the upbringing of children, the need for the formation of pedagogical and information culture of parents.

The author shows the aims and objectives, purpose, as well as forms and methods of using different types of information technologies in the process of pedagogical and psychological preparation of parents for the education of the younger generation.

Keywords: *pedagogics-psychological training, parents, children, information culture, information support, e-mail, website, webinar, Skype, blog, social network, weiber, video broadcasting, Whats App.*

Ташаккулёбии инсон ҳамчун падар ё модар раванади басо мураккаби ҳаёт буда, аз омилҳои гуногун вобаста аст. Аз ин рӯ, дар адабиёти муосири илмӣ таҳқиқоти ниҳоят зиёди олимону мутахассисони ватанию хориҷӣ ба омӯзиши масъалаҳои марбут ба оила, аз ҷумла ташаккулёбии оилаҳои ҷавон, омодагии иҷтимоиву психологӣ, педагогию психологии волидайн дар тарбия кӯдакон ва паҳлӯҳои гуногуни ин мавзӯи барои ҷомеа муҳим бахшида шудаанд. Воқеан, зуҳури сифатҳои волидайн, оқибатҳои иҷтимоиву психологӣ ва педагогии он ба масъалаҳои рушди ҷомеаи муосир робитаи ногусастанӣ доранд. Зеро характер ва фарҳанги волидайн дар сифатҳои ахлоқию маънавии насли оянда, ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмии он, таъминоти хушбахтии он инъикос меёбад. Ба ибораи дигар ояндаи ҷомеа ин инъикоси вазъи имрӯзаи фарҳанги волидон аст. Аз ин рӯ, ташаккули фарҳанги волидайн ва таҳсилоти онҳо дар педагогика ва андрагогика ба сифати масъалаҳои муҳимтарини назариявӣ пазируфта шудаанд. Зеро сатҳи фарҳангу маънавиёт, маълумотнокӣ, нақшаҳои ҳаётӣ, ормонҳо, таҷрибаи муошарати иҷтимоии волидон дар раванди ташаккули сифатҳои ахлоқӣ ва камолоти ҷисмонии насли наврас нақши бағоят муҳим мебозанд. Ин масъалаест, ки аз даврони қадим таваҷҷуҳи муҳаққиқони оламро ба худ ҷалб намудааст.

«Тарбияи волидайн – истилоҳи байналмилалӣ буда, маънои кӯмак расонидан ба волидайн ҷиҳати иҷрои функсияҳояшон ҳамчун тарбиятгари кӯдакони худ ва функсияи падарию модарӣ мебошад. Таҳқиқи проблемаи оила ва тарбияи оилавӣ шаҳодат медиҳад, ки волидайн беш аз пеш ба кӯмаки мутахассисон ниёз доранд. Маслиҳату машварат на танҳо ба волидайни кӯдакони гурӯҳи хавф ва оилаҳои дорои мушкилот, балки вобаста ба талаботи дохилӣ ва ниёзи доимоафзояндаи ҷомеа нисбат оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ба ҳар як оила дар марҳилаи муайяни рушди он зарур мебошад» **[2 , с. 65-66].**

Бо назардошти муҳиммияти масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22.12.2016) Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазифадор намуданд, ки «омӯзиши ҳатмии Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро дар барномаҳои муассисаҳои таълимӣ ба роҳ монанд» **[3].**

Аммо раванди ҷаҳонишавии фарҳанг ва фазои муосири иттилоотӣ мавзӯи мавриди таҳқикро аз он нуқтаи назар боз ҳам печида ва мураккаб гардонидааст, ки агар аз як тараф, ҷараёни муносибатҳои иҷтимоӣ барои тарбияи дуруст ва мақсадноки фарзандон дар оила заминаҳои мусоид фароҳам оварда, волидонро ба дарки ҳадафу вазифаҳои тарбия ва масъулиятшиносӣ дар ин самт водор намояд, аз ҷониби дигар волидоне низ дучор меоянд, ки ба иллати сатҳи пасти маълумоту фарҳанги педагогӣ, иттилоотӣ ва масъулиятношиносӣ нисбат ба оила ва ояндаи фарзандон уҳдадории хешро ҳамчун падар ва модар дар ҷомеа иҷро карда наметавонанд. Чунин муносибат аз омилҳои гуногун вобаста буда, дар ин радиф метавон омили фарҳанги иттилоотии волидонро низ номбар намуд.

Имрӯз мафҳуми «фарҳанги иттилоотӣ» аз нигоҳи суръати паҳншавӣ дар адабиёти илмӣ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Назари олимону мутахассисон нисбати ин мафҳум гуногун аст. Аммо зери андешаи нисбатан маъмул ва аз ҷониби аксарият пазируфташудаи мафҳуми «фарҳанги иттилоотӣ» маҷмӯи донишу малакаҳои ҷустуҷӯ, дарёфт, таҳлил (коркард - обработка) ва истифодаи иттилооти мавриди ниёз фаҳмида мешавад. Дар муҳити технологияи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ бошад мафҳум «фарҳанги иттилоотӣ» маҷмӯи донишу малака ва маҳорати кор (ба маънои истифода бурда тавонистани технология) бо технологияи номбурдаро ифода менамояд.

Дар асри XXl, ки онро шартан ҷомеаи иттилоотӣ ном мебаранд, дар баробари афзоиши ҳайратангези иттилооти гуногун анвои техника технологияи иттилотӣ ва телекоммуникатсионӣ низ босуръат дигаргун мешавад. Дар чунин шароит истифодаи босамари технологияҳо масъалаҳои зиёди фалсафӣ, назариявию методологӣ ва иқтисодию иҷтимоиро ба миён оварда, низоми ҷамъоварӣ, ҳифз, интишор ва истифодаи таҷрибаи андӯхтаи инсониятро ба куллӣ дигаргун месозад.

Имкониятҳои нави техникиву технологӣ низ мушкилоти зиёдро ба бор меоранд.

Яке аз мушкилоти асосӣ дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ ин ҳифзи рӯҳу равони инсон аз иттилооти номатлуб аст. Барои инсоне, ки таълиму тарбияи афроди ҷомеаро бар душ дорад, таъмини амнияти иттилоттии шахси тарбиятгиранда масъулияти бузург маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ волидон бояд на танҳо дар андешаи ташаккули фарҳанги иттилотии хеш бошанд, балки кӯшиш ба харҷ диҳанд, то фарзандонро аз дастёбӣ ба иттилооти номатлуб дур созанд.

Аммо имрӯз воқеият дар аксарияти оилаҳои тоҷик чунин аст, ки сатҳи фарҳанги техникӣ ва иттилоттии фарзандон аз волидон баландтар аст. Бо ибораи дигар имрӯз волидон нисбат ба фарзандон ба баланд бардоштани сатҳи фарҳанги техникӣ ва иттилоотӣ бештар ниёз доранд.

Бинобар ин зери мафҳуми «тарбияи волидайн» баъзе муҳаққиқон масъалаҳои таъсири оила ба ташаккули шахсияти кӯдак ва дар маҷмӯъ камолоти он, инчунин масъалаҳои муносибати оила нисбат ба ҷомеа ва фарҳанг марбут дониста, қайд менамоянд, ки «дар ниҳояти кор сухан дар бораи ҳуқуқи кӯдак нисбати волидоне меравад, ки қодиранд рушди ҳамаҷониба ва некӯаҳволии ӯро таъмин карда тавонанд. Дар чунин намуди тарбия волидайн ҷузъи таркибии сиёсати иҷтимоии ҷомеаи муосирро ташкил медиҳанд» **[1, с. 215].**

Барои таъмини самаранокии раванди омодагии педагогию психологии водидайн ба таълиму тарбияи фарзандон ҳамкории оила бо муассисаҳои таълимӣ ва китобхонаҳои дорои техника ва технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ бисёр муҳим аст.

Дар ҷараёни ҳамкории падару модарон бо муассисаҳои номбурда, қабл аз ҳама бояд таъиноти функсионалии технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ муайян карда шаванд **[5, с. 402]**. Водидон бояд ба хубӣ дарк намоянд, ки дар раванди иҷрои ин ё он вазифаи педагогӣ истифодаи кадом навъи технология ба манфиати кор аст.

Ҳамкории волидайнро бо муассисаҳои таълимӣ ва китобхонаҳо тавассути истифода аз технологияҳои зерини иттилоотӣ ба роҳ мондан мумкин аст:

- Сомонаи муассисаи таълимӣ ё китобхона;
- Вебинар;
- Скайп;
- Блог;
- Шабакаи иҷтимоӣ;
- Намоиш ва интишори иттилоот бо истифодаи экран ва намои светодиодӣ
- Почтаи электронӣ;
- Вайбер (viber);
- Whats App.

Дар зер мақсаду вазифаҳо, таъинот, таъминоти техникӣ, истифодабарӣ ва тавсияҳо оид ба ташкили онҳоро шарҳ медиҳем.

Сомонаи муассисаи таълимӣ ё китобхона ин маҷмӯи web-саҳифаҳоест, ки бо мақсади интишори иттилоот оид ба муассиса ва хадамоту чорабиниҳои он дар шабакаи интернет ташкил карда шудааст.

Мақсади ташкили он:

- таъминоти иттилооти шаффоф оид ба фаъолияти муаасиса;

- таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон нисбати дастарсии озодона ба сарчашмаҳои иттилоот бо риояи меъёрҳои этикаи касбии фаъолияти педагогӣ ва амнияти иттилоотӣ;

- дастрас гардонидани иттилооти боварибахш оид ба муассиса ҷиҳати ба роҳ мондани арзёбии мустақилонаи сифати таҳсилот ва хизматрасонӣ;

Вазифаҳо:

- фароҳам овардани шароит барои ҳамкории иштирокчиёни раванди таълим, ҳамшарикони иҷтимоии муассиса;

- табодули таҷрибаи педагогӣ;

- ҳавасмандгардонии фаъолияти эҷодии кормандони педагогӣ, падару модарон, китобдорон ва таълимгирандагон;

- ташаккули имиҷи мукаммалу мусбати муассиса;

- рунамои (презентатсияи) дастовардҳои шогирдон ва ҳайати педагогӣ, хусусиятҳо, таърихи рушду камолоти муассисаву шогирдон ва барномаҳои татбиқшаванда.

Сомона – сарчашмаи нисбатан мукаммал ва кулайтари иттлоот оид ба муассиса. Иттилоот дар он шаффоф ва дастрас мебошад.

Дар сомона истинод (ишораҳо) ба веб-порталҳо, захираҳои электронии иттилоот, ки дорои иттилооти муфид барои волидайн мебошанд, оварда мешаванд.

Таъиноти сомона:

- ҷойгирнамоии иттилоот оид ба сохтор ва тарзи ташкили фаъолияти муассиса;

- ҷойгирнамоии маводи гуногуни видеоӣ, расмҳо ва ғайра (оид ба ҷашнвораҳо, истироҳату фароғат, сайругаштҳо ва ғайра);

- интишори корҳои эҷодӣ;

- таъминоти иртиботи дуҷониба ва бисёрҷонибаи волидайн тавассути равзанаҳои «Саволу ҷавоб», «Барои Шумо – падару модарон», «Барои роҳбарони хониши кӯдакон», «Китоби меҳмонон», «Руйхатҳои тавсиявии адабиёт барои падару модарон», «Руйхатҳои тавсиявии адабиёт барои хониши оилавӣ» ва ғайра;

- иттилоърасонии саривақтӣ ба волидайн оид ба рӯйдодҳои муҳими муассисаи таълимӣ ва китобхона;

- ҷойгирнамоии истиноди (ишораҳои - ссылки) муфиди барои волидайн.

Барои ташкили сомона компютери бо интернет пайваст кифоя аст.

Фаъолияти сомонаро гурӯҳи мутахассисон таъмин менамоянд.

Вебинар, скайп

Вебинар (аз калимаи англисии webinar, мухтасар, web-basedseminar) ё онлайн-семинар, ин руйнамо (презентатсия), лексия, семинар ё курсест, ки тавассути web-технологияҳо дар реҷаи вақти муқаррарӣ ташкил карда шудааст. Вебинар бо шумораи зиёди иштирокчиён фарқ мекунад. Ҳангоми баргузории вебинар иштирокчиён дар назди компютерҳои худ қарор дошта, робитаи байни онҳо бо ёрии интернет тавассути замимае, ки дар комютери ҳар як иштирокчӣ насб шудааст, ё web-замима сурат мегирад.

Скайп (Skype) - ин барномаест, ки тавассути шабакаи интерент барои муошират бо як ва ё якбора бо даҳҳо нафар одамон аз тамоми гӯшаву канори олам имкон фароҳам меорад.

Мақсад:

Маърифати педагогии волидайнро дастрас, қулай ва оқилона ташкил намудан.

Вазифаҳо:

- васеъ намудани ҷаҳонбинии педагогӣ-психологии падару модарон;

- интиқоли тарзҳои амалии таълиму тарбия ва таъмини камолоти фарзандон;

Фаъолияти иртиботӣ ҳамчун қисми асосии маҳорати муаллим дорои якчанд намудҳои муошират ва муносибатҳои баёни муаллиму талаба, фаъолияти муштараки онҳо, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои таълиму тарбия равона карда шудаанд, мебошад. Дар ин хусус А. Макаренко мегӯяд:

«*Албатта, ҳангоми бо шумо гуфтугӯ кардан, ман тамоман дигар шахс ҳастам, аммо ҳангоми бо писарбачаҳо будан, ман бояд каме кайфияти хуше, зарофатгӯӣ ва инчунин хандаро илова кунам. Ман чунин аъзои коллектив бояд бошам, ки на танҳо ба он таъсир расонам, балки бо ҳам бошам, ки руҳияи коллективро баланд бардорам. Суханам бояд таъсирбахш ва хурсандиовар бошад. Ман ҳеҷ гоҳ роҳ намедиҳам, ки қиёфаи рӯям ғамгину турш бошад » [3, 131].*

Антон Макаренко к□шиши баъзе муаллимонро, ки муносибати дутарафаро бо хонандагон аз р□и «муаллими д□стдошта» ба роҳ мемонанд, комилан рад мекунад: «*Умуман ман писандидаам, онҳо бошанд, хайр. Ин чӣ гуна раванди таълим аст? Шахс худро аллакай аз коллектив дур кардааст. Вай фикр хоҳад кард, ки дар коллектив муносибат кунад… Ин худнамоӣ аст, аз дунболи дӯстдорӣ давидан, ин худситоӣ аст аз писандида будан, ба мураббӣ ва тарбия зарари ҷиддие мерасонад...»(24:21)*. Вай ишора ба он дорад, ки тан□о коллективе, ки дар он мурабб□ ва тарбиятгирандагон фикри умум□ доранд, ёрии байниҳамдигар□ ҳаст, метавонад воқеан к□дак□оро тарбия кунанд.

Тарзи дуруст ба роҳ мондани муносибати байниҳамдигарии муаллим ва хонандагон аз одоби муошрати муаллим ва инчунин обр□и □ асос мегирад ва дар бораи ин Антон Макаренко муомилаи педагогии муаллим дар дара□аи мақсадноки муносибат бо к□дакон, талабот ба иззату э□тиром, тарзи дурусти идоракун□, дастурдиҳ□, муро□иат, худидоракун□, дар ла□заҳои ногувор □иддияту самимият, некхо□□, у□дабаро□, принсипнок□, муҳаббату меҳрубон□, ҳазлу ш□х□ дониста, обр□ю иззати муаллимро аз муомилоти педагогии □ вобастаг□ медонад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ягона шахсе, ки а□амияти э□одиро дар фаъолияти муаллим хуб ба роҳ мондааст, Антон Макаренко мебошад. Дар нати□аи та□рибаи амалии худ, ӯ якчанд хулосаҳоро дар бораи шарту шароитҳо ва имкониятҳои э□одии тарбиятгар пешниҳод кардааст. Бар замми ин, таъкид менамояд, ки дар фаъолияти тарбияв□ интихоби озод нақши асосиро мебозад. Ин хусусиятҳо асоси э□одиёти муаллим, педагогро дар бар мегиранд, ки «Шахсият ва р□□ро» талаб мекунанд.

Таҳлили нуқтаи назари педагогии Н.К.Крупская, М.И.Калинин, А.С.Макаренко, А. Сухомлинский ва педагогҳои муосир водор мекунанд, ки «*Э□одиёти педагогии муаллим раванди фаъолияти руҳӣ ва амалие мебошад, ки дар натиҷаи он мазмуни маълумоти хонандагон, ақидаҳои нав, методҳо, воситаю равиши нав, системаи методҳо ба вуҷуд меоянд ва вазифаи асосии онҳо тайёр кардани насли ҷавон ва онро ба ватандӯстӣ ва кору зиндагӣ ҷалб кардан аст»*.

Таҳқиқоти бевосита ва дигар тавсия□о нишон медиҳанд, ки ба он тафаккури э□од□, ки метавонад мушкилоти таълиму тарбияро ҳал кунад, муносибати дуруст ба кор, масъала□ои намунав□, маҳорати педагог□ доштан, маҳоратро дар фаъолият нишон додан, уҳдадор□, мустақил□, кор карда баровардани роҳу равишҳои нави фаъолият хос мебошанд.

Дар иртибот ба чунин талаботҳо Антон Макаренко мег□яд: «*Фаъолияти э□одӣ ҳамон вақт пайдо мешавад, ки шахс бо кӯдак меҳрубонона муносибат кунад, дар онҳо нишотро бинад, зарурат ва фоидаи корро ёбад*». Ҳамаи ин хусусиятҳои номбурда дар Антон Макаренко ба кулл□ мушоҳида мегардад.

Ҳангоми бо диққат аз назар гузаронидани замина ва қисматҳои маҳорату э□одиёти педагог□, бо бовар□ гуфтан мумкин аст, ки ҳамаи он□о модарзод□ нестанд, балки дар давоми ҳаёт пайдо мешаванд. Ҳамин тавр бояд маҳорати муаллимро пурра аз худ кард.

Барои онро аз худ кардан, бевосита шароити хуби кор□ зарур мебошад, дар ҳолате ки агар муаллим пеши худ мақсад гузораду к□шиш намояд, ки ба мақсадаш мерасад, метавонад аз маҳорати муаллим□ бохабар бошад. Мероси

амал□ ва назариявии Антон Макаренко ва та□рибаи муаллимон-навоварон исботи ин гуфтаҳост.

Маҳорат аз замина□ое иборат аст, ки дар дониш□□ён ҳангоме ки ҳан□з қадамҳои нахустини худро ба касби муаллим□ мегузоранд, пайдо мешаванд. Муаллимони бота□риба маҳорати э□од□ ва қобилияташонро боз ҳам инкишоф дода, дар амал□ гаштани ибтикороти педагоги бузург - Антон Макаренко боз беҳтару бештар мек□шанд ва талошҳо меварзанд.

Адабиёт:

1.Макаренко А.С.- Цель воспитания.-Соч; IV. М; 1957
2. Макаренко А.С.- Лекции о воспитании детей. - Соч; IV. М; 1957
3. Макаренко А.С.-Проблемы школного советского воспитания.- Там же, т.V
4. Макаренко А.С.-Методика организация –Там же,т.V
5. История педагогика – Константинов Н.А. Из – во «Маориф»1982
6. Ашурова Д.-Антон Макаренко: Ғояҳо ва андешаҳои педагог□. Д. 2008
7. Макаренко А.С.- Достони педагог□. М.,1982

ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОН ТАВАССУТИ УСУЛҲОИ ХУДОМӮЗӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ИЛМҲОИ ҶОМЕАШИНОСӢ

Нарзуллоев Ҳабибуло Садуллоевич *- муаллими калони кафедраи информатика ва фанҳои табийи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6, тел.: (+992) 985349374, e-mail: Khabib79@mail.ru*

Муаллиф дар мақола кӯшиш намудааст, ки ҷойгоҳи илмҳои ҷомеашиносиро дар тарбияи ватандӯстии хонандагон муайян намуда, дар таҳияи нақши созмонҳои ҷамъиятии мактаб ба тарбияи ватандӯстии хонандагон зарурати ҷалб намудани онҳоро ба фаъолияти ин созмонҳо нишон додааст.

Калидвожаҳо: *тарбияи ватандӯстӣ, улуми ҷамъиятӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, фанҳои ҷамъиятӣ, арзишҳои ҷамъиятӣ.*

ПАТРИОТИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ ШКОЛЬНИКОВ СРЕДСТВАМИ САМООБРАЗОВАНИЯ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ ГУМАНИТАРНЫХ НАУК

Нарзуллоев Хабибуло Садуллоевич *- старший преподователь кафедры информатики и естественных наук Таджикского государсвенного института языков имени Сотима Улугзода, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, тел: (+992) 985349374, e-mail: Khabib79@mail.ru*

В данной статье автор рассматривает вопросы, связанные с определением общечеловеческой позицией в воспитании патриотизма учащихся. Также автор, показав роль общественных организации школы в процессе патриотического воспитания, отметил необходимость привлечения учащихся к деятельности этих организации.

Ключевые слова*; воспитание патриотизма, общественые организации, предмет организации.*

PATRIOTIC EDUCATION IN THE PROCESS OF SELF-LEARNING TECHNIQUES, PUPILS OF THE HUMANITIES

Narzulloev Habibulo Sadulloevich *- senior lecturer of the Department of Informatics and Natural Sciences of the Tajik State Institute of languages named after Sotim Ulugzoda, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev Str. Cell.: (+992) 985349374, e-mail: Khabib79@mail.ru*

In this article, the author addresses issues related to the definition of the universal position in education of patriotism in students. The author shows role public school organizations in the process of patriotic education, noted the need to bring students to the work of these organizations.

Keywords: *education of patriotism, civic organizations, subject organization*

Ҳар як илм имконоти зиёди тарбиявӣ дорад, ки аз мундариҷаи он бармеояд. Ҷойгоҳи махсус дар тарбияи ватандӯстии хонандагон ба илмҳои ҷомеашиносӣ, яъне ба он илмҳое, ки ҷомеа, фарҳанг ва таърихи халқро меомӯзанд, тааллуқ дорад.

Омӯзиши илмҳои ҷомеашиносӣ навъи махсуси маърифати илмиест, ки аз шахси омӯзанда муносибати дигареро ба предмети мавриди омӯзиш (назар ба оне, ки хоси илмҳои табиӣ ва илмҳои дигар мебошад) талаб мекунад,. Дар маркази омӯзиши илмҳои ҷомеашиносӣ на ашёҳо, балки шахсият ва муносибати субъект бо субъект, на муносибати субъект бо объект қарор дорад.

Омӯзиши ашёҳо ва дарк кардани шахсият аз ҳам фарқ мекунанд. Ашё то охир бо амали яктарафаи маърифати субъект дониташаванда аст. Аммо шахсият ҳамчун объекти омӯзиш на «мувофиқат»-и маърифат, балки амиӣии «нишонрасӣ»-ро талаб менамояд. Хусусияти дигари маърифати масъалаҳои гуманитарӣ он аст, ки он аз рӯи принсип як хел нест ва на танҳо тафаккури илман ҷамъбасткунанда ва мантиқию то андозае шаклгирифта, балки тафаккури айёнӣ, бадеӣ ва амали мушоҳидашаванда мебошад.

Дар асоси донишҳои гуманитарӣ ҷаҳонбинии инсон, назари ӯ ба зиндагӣ ташаккул меёбад, яъне дарки ҷойгоҳи шахс дар ҷаҳон, дараҷаи масъулияти ӯ барои амалу рафтори худ аз нуқтаи назари муҳиммияти иҷтимоӣ сурат мегирад. Фаро гирифтани донишҳои гуманитарӣ имкон медиҳад, ки фарҳанги умумие, ки хоси инсони таҳсилкардааст, баланд бардошта шавад. Донишҳои гуманитарӣ инкишофи ҳаматарафа ва ҳамаро фарогири шахс, яъне инкишофи иҷтимоӣ, психологӣ ва ҷисмониро имконпазир мегардонад ва омодагии ҳаматарафаи ӯро ба иҷрои вазифаҳои касбӣ ва инсонӣ таъмин менамоянд.

Бешубҳа, донишҳои гуманитарӣ назар ба имлҳои дигар таӣйирпазирии тафаккур, муносибати эҷодкорона ба меҳнати инсон, мустақилият дар интихоби дурнамо ва тарзҳои рафтор дар зиндагиро бештар инкишоф медиҳанд.

Омӯзиши илмҳои гуманитарӣ инсонро бо донишҳои муошрати инсонҳо ва ҳамкории онҳо мусаллаҳ менамоянд, дар одамон меъёрҳои рафтор дар ҷомеаро тарбия менамояд, ки ин меъёрҳо шарти қаблии муносибати бомуваффақияти байни инсонҳо маҳсуб меёбанд. Танҳо бо такя ба донишҳои гуманитарӣ имкон дорад, ки чунин сифатҳои инсонӣ, ба монанди шуурнокӣ, фаъолнокӣ, мустақилият, масъулият, ватандӯстӣ ва амсоли инҳо тарбия ва инкишоф дода шаванд. Аз сифатҳои мазкур бомуваффақият ба ҳаёти иҷтимоӣ омода намудани насли наврас вобаста аст.

Бешубҳа, ҳар як фанни илмҳои ҷомеашиносие, ки дар мактаб омӯхта мешавад, имкониятҳои тарбиявию инкишофдиҳии хоси худ, аз ҷумла имкониятҳои тарбияи ватандӯстиро дорад,.

Илмҳои ҷамъиятиро аз худ карда, хонандагон маълумоти таърихӣ, иҷтимоӣ ва ҷуғрофиро касб мекунанд, ки ба онҳо имкон медиҳад, то онҳо дар бораи инсон, давраҳои асосии таърихи инсоният, инкишофи таърихии кишвари мо, муҳити ҷуғрофӣ ва соҳаҳои асосии ҳаёти иҷтимоии мардуми он донишҳои хуб дошта бошанд.

Фанҳои ҷамъиятӣ имкон медиҳанд, ки хонандагон аз таҷрибаи муносибати одамон дар давраҳои ҳозираю гузашта бархӯрдор гарданд ва дар онҳо дарки арзишҳои ҷамъияти одӣ, муҳимтарин сифатҳои инсон, ба мисли

таҳаммулпазирӣ, ақидаи шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ ва ғайра ба вуҷуд оянд. Имкониятҳои тарбиявии фанҳои ҷамъиятӣ бо вазифаҳои ба ҳаёти иҷтимоӣ омода намудани хонандагон, таъмин намудани мутобиқшавии саривақтии онҳо ба шароити зудтағйирёбандаи ҳаёт, дар мисоли имконоти зиёди нақшҳои иҷтимоие, ки онҳо дар рафти омӯзиш бозӣ мекунанд, ало□аманд мебошанд.

Барои он ки вазифаҳои тарбия ҳаллу фасл шаванд, зарур аст, хонандагон мавқеи шаҳрвандии худро нишон диҳанд. Ҳамзамон бо ин ҷалб намудани хонандагон ва наврасон ба ҳаёти созмонҳои худидораи мактаб, намоиш додани моделҳои муносибати иҷтимоӣ-иқтисодии одамон, ба хонандагон пешниҳод намудани таҷрибаи мубоҳисаҳои сиёсӣ, иштироки шахсӣ дар фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳими иттиҳодияҳои мактабии таърихӣ-кишваршиносӣ, осорхонаҳои мактабӣ, кори якҷоя бо созмонҳою иттиҳодияҳои кӯдакони дорои хусусияти башардӯстӣ, ниҳодҳои иҷтимоӣ ва муассисоти давлат□ зарур аст.

Дар мундари□аи фан□ои гуманитар□ та□рибаи и□тимоию фар□ангии инсоният, меъёр□ои ахло□, маънавиёт, муносибат□ои ша□рванд□, инсонд□ст□ ва тафаккури э□од□ та□ассум ёфтааст. Тан□о дар сурати аз худ кардани асос□ои ташаккулёфтаи фан□ои гуманитар□ метавон перомуни дар хонандагон тарбия намудани сифат□ои асосии шахс□ ва касб□, ба мисли □а□онбинии илмии муосир, андеша□ои ватанд□ст□, мав□еи ша□рванд□, шуури ботинию маънав□, фар□анги умум□, аз □умла, фар□анги эколог□, □у□у□□, □исмон□ ва □айра сухан ронд.

Дарво□еъ, □ангоми ом□зиши фан□ои гуманитар□ дар инкишофи ахло□ию и□тимо□ ва фар□анги умумии хонандагон та□йироти мусбии назаррас ба ву□уд меояд. Он□о асос□ои мундари□а ва усул□ои худинкишофди□иро аз худ менамоянд.

Омил□ои му□име, ки дар тарбияи ватанд□стии хонандагон тавассути усул□ои худом□з□ дар таълими фан□ои гуманитар□ таъсиргузоранд, аз ин□о иборатанд:

-му□тавои маводи таълим□ ва дорои тамоили □оявию сиёс□ ва ма□саднок будани он;

-ташкили дурусти дарс□о ва фар□ияти метод□о ва усул□ои таълим;

-муносибат□ое, ки дар байни ом□згору хонандагон, инчунин муносибат□ое, ки дар байни хонандагон сурат мегиранд;

-обр□ ва сифат□ои шахсии ом□згор, та□рибаю ма□орати педагогии □;

- тартиботи умум□ ва шароити раванди таълим дар мактаб.

Таълиме, ки тавассути усул□ои худом□з□, ки □анбаи тарбияи ватанд□ст□ дорад, на тан□о ма□саднокии мундари□аи ом□зишро аз □и□ати тарбияи идеяв□ таъмин менамояд, балки метод□ою шакл□ои ташкили кор□ои таълим□ ва ро□□ои □аракати хонандагон аз □олати нодон□ ба с□и дониш□оро фаро□ам меорад.

Дар рафти тарбияи ватанд□стии хонандагон тавассути усул□ои худом□з□ дар дарс□ои фан□ои гуманитар□ дар раванди таълиму тарбия истифода бурдани метод□ои худфаъоли таълим (метод□ои интерактив□) а□амияти калон дорад. Истифодаи метод□ои мазкур дар дарс□о имкон меди□ад, ки на тан□о □амкории педагог□ ва робитаи байни ом□згор ва хонандагон, балки муошрати байни худи хонандагон ташкил карда шавад.

Дар нати?аи истифодаи метод?ои фаъол гардондани хонандагон дар дарсҳо ҳамкорӣ нисбат ба таъсиррасонӣ бартарият пайдо мекунад. Таълим тавассути метод?ои интерактивӣ намуди таълимие мебошад, ки асоси онро ҳамкорӣ ва омӯзише, ки дар натиҷаи аксуламалҳо сурат мегирад, ташкил медиҳанд. Аломати фарқкунанда ва асоси технологияи таълими худфаъол (интерактивӣ) ҳамкории ҳамаи иштирокчиёни таълим, ки ба фаъолияти сермаҳсули эҷодӣ равона гардидааст, ба шумор меравад.

Усулҳои худфаъоли таълим, аз ҷумла инҳо мебошанд: баррасӣ, кейс-технология, тамрин, бозиҳои нақшдор ва коромӯзӣ, фаъолияти коркардкунӣ ва усули инкишофи тафаккури интиқодӣ. Дар ҳар гуна технологияи худфаъол хонандагон ҳамчун иштирокчиёни қонунии инкишофи омӯзишӣ амал менамоянд ва таҷрибаи онҳо ба мисли таҷрибаи омӯзгор, ки на танҳо ба хонандагон донишҳои зарурӣ медиҳад, балки бештар хонандагонро ба ҷустуҷӯи мустақилонаи маълумоти зарурӣ равона месозад, аҳамияти калон дорад.

Фаъолияти гурӯ?ию дастаҷамъона, ки хоси ҳамаи методҳои худфаъоли таълим мебошад, ба канорагирии хонандагон роҳ намедиҳад. Дар рафти кори якҷоя хонандагон ақидаҳою эҳсосоти муштарак, ғамхорӣ дар ҳаққи ҳамдигарро соҳиб мешаванд. Бисёри?о дар гурӯҳ одамонеро бо равандҳои монанд ва аз онҳо ҳам мураккабтар вомехӯранд, ки ба натиҷаи хуби кор боварии комил доранд ва барои ҳалли мушкилот усулҳои гуногунро ба кор мебаранд. Худ аз худ ин ҳодиса барои бисёре аз хонандагон омиле мебошад, ки ба баланд бардоштани худбаҳодиҳӣ мусоидат мекунад ва рағбати онҳоро ба худтарбиякунӣ ва худтакмилдиҳӣ зиёд мнамояд. Дар баробари ин, ҳиссиёти бегонагии байни омӯзгору хонандагон аз байн меравад. Омӯзгор дар синф якҷоя бо дигарон барои ба даст овардани натиҷаи ниҳоӣ кор мекунад ва вай ҳам ба мисли хонандагон саҳмгузори нати?аи кор маҳсуб меёбад.

Дар рафти муошират ва фаъолияти умумӣ барои ноил гардидан ба натиҷаҳои мусбат, ҷамъбасти умумӣ, омӯзгор ва хонандагон бо ҳам аз наздик шинос мешаванд, суҳбат мекунанд ва дар байни он?о ҳамдигарфа?м? ба ву?уд меояд. Ба ғайр аз ин, омӯзгор барои хонандагон ҳамчун намунаи ибрат мебошад, намунае мегардад, ки хонандагон дар рафти худомӯзӣ кӯшиш менамоянд, ки ба он монанд бошанд.

Дар усулҳои худфаъоли таълим омӯзгор чанд нақши асосиро боз? мекунад. Дар ҳар кадоме аз нақшҳо омӯзгор шиносоии иштирокчиёнро бо ин ё он соҳаи маълумоти маърифатӣ ташкил менамояд. Дар нақши мутахассиси муаррифкунанда омӯзгор мазмуни матни таълимиро баён менамояд, наворҳои видиоиро нишон медиҳад, ба саволҳои иштирокчиён ҷавоб медиҳад, раванди натиҷаҳоро мушоҳида мекунад ва ғайра.

Ҳамчун ташкилотчӣ-фасилитатор омӯзгор ҳамкории хонандагонро бо ҷомеа ва табиати атроф ташкил менамояд (хонандагонро ба зергурӯҳҳо ҷудо мекунад, ба мустақилона ҷамъ овардани маълумот онҳоро равона месозад, бо онҳо иҷрои супоришҳо ва тайёр намудани намоишҳои худро мувофиқа менамояд ва ғайра).

Дар нақши мушовир омӯзгор ба таҷрибаи касбии иштирокчиён рӯ меорад, ба онҳо дар ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли супоришҳои бамиёнгузошта ва мустақилона пешниҳод намудани масъалаҳои нав ёрӣ мерасонад ва ғайра.

Бо мақсади ба роҳ мондани тарбияи ватанд□стии хонандагон дар раванди таълими фанҳои гуманитарӣ имрӯз ба кор бурдани ҳам методҳои анъанавӣ ва ҳам таълимӣ муҳим ба шумор меравад. Масалан, ҳангоми таълим додани фанни ҷамъиятшиносӣ барои касб кардани малакаҳои маърифатӣ ва фаъолияти амалии хонандагон лозим аст, ки методҳо ва усулҳои зерин истифода шаванд:

-фаро гирифтани донишҳои ҷамъиятшиносӣ аз манбаъҳои гуногун, аз ҷумла аз манбаъҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ;

-дарк намудани барҳӯрдҳо ва дидгоҳҳои мухталифи дар он манбаъ□о баёншуда;

-ҳалли масъалаҳои назариявӣ, маърифатӣ ва амалие, ки шароитҳо ва ҳолатҳои одии ҳаётиро инъикос менамоянд;

-ба таври мухтасар ва дақиқ дар асоси му□оиса намудани далел□о ва тавзе□и он□о баён намудани андешаи шахсии худ доир ба ягон масъала дар ҷомеаи муосир;

-мушоҳида ва арзёбии ҳодисаю воқеаҳое, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ ҷой доранд;

-арзёбии амалҳои шахсӣ ва амалҳои одамони дигар аз нуқтаи назари маънавият, ҳуқуқ ва фоидабахшии иқтисодӣ;

-иштирок дар бозиҳои таълимӣ (бозиҳои нақшдор, бози□о аз рӯи ҳолати додашуда, бозиҳои коромӯзӣ) ва реҷаҳое, ки ҳолатҳои ҳаёти рӯзмараро нишон медиҳанд;

-ташкили кори эҷодӣ доир ба мавзӯъҳои ҷамъиятшиносӣ ва амсоли инҳо.

Чунин усулҳои фаъолият, шаклҳо ва методҳои таълим ба амиқтар аз худ кардани донишҳои ватандӯстӣ аз □ониби хонандагон ва дар онҳо тарбия намудани ақидаҳою одатҳои ватандӯстӣ мусоидат мекунанд.

Адабиёт:

1. Лихачев Д. С. Национальное самосазнание Древней Руси.- М.- Л.: Из-во Акад. наук СССР, 1945.- 200 с.

2. Личность, семья, школа.(под редакцией Вешловского С. Г.),- С.-Питербург, 1996.

3. Лутфуллоев М. Фарзанд □адяи Худованд. Душанбе, 2007.

4. Лутфуллоев М. Шарафномаи миллат.Душанбе: “ Сарпараст”, 2003.

5. Лутфуллоев М. Э□ёи педагогикаи А□ам. Душанбе, 1997.

ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ОБУЧЕНИЯ РУССКОЙ ФРАЗЕОЛОГИИ В ТАДЖИКСКОЙ ШКОЛЕ

Очилова Умеда Джураевна *- ассистент кафедры русского языка и литературы Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, ул. Н. Ганджави, дом 272 кв. 8, тел.: (+992)951905606, 934978380.*

В данной статье раскрывается одно из средств достижения формирования коммуникативной компетенции, которое может служить обучению учащихся пониманию и употреблению единиц русской фразеологии с национально – культурным компонентом в таджикской школе. Владеть таким средством - значит уметь правильно выбрать стиль речи, подчинить форму речевого высказывания задачам общения, употребить самые эффективные (для данной цели и при данных условиях) языковые (да и неязыковые) средства.

Ключевые слова: *коммуникативный, контроль, фразеологические единицы, учебная деятельность, потребность знания, учебная мотивация, эффективность, эмоциональная окраска.*

ВАЗЪИЯТИ ПСИХОЛОГИЮ ПЕДАГОГИИ ТАЪЛИМИ ФРАЗЕОЛОГИЯИ ЗАБОНИ РУСӢ ДАР МАКТАБҲОИ ТОҶИКӢ

Очилова Умеда Ҷӯраевна *- ассистенти кафедраи забон ва адабиёти руси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, кӯчаи Низомии Ганҷавӣ, хонаи 272 кв. 8, тел.: (+992)951905606, 934978380.*

Дар мақола яке аз воситаҳои ноил гардидан ба ташаккулёбии салоҳияти коммуникативии хонандагон дар мактабҳои тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ки барои фаҳмиши воҳидҳои фразеологии дорои муҳтавиёти хусусияти миллию маданидоштаи забони русӣ кӯмак мекунанд. Ба ақидаи муаллиф мусаллаҳ будан бо чунин воситаҳо маънои онро дорад, ки хонанда қобилияти интихоби дурусти услуби нутқ, ташкил намудани ҳолати забонӣ вобаста ба масъалаҳои муошират ва истифодаи самараноки воситаҳои забонию ғайризабониро (барои ифодаи мақсади муайян ва вобаста ба шароити додашуда) доро мегардад.

Калидвожаҳо: *муоширатӣ, назорат, воҳидҳои фразеологӣ, фаъолияти таълимӣ, талаботи дониш, рағбат ба таҳсилот, самаранокӣ, тобиши эҳсосотӣ.*

PSYCHO-PEDAGOGICAL CONDITIONS OF TRAINING RUSSIAN PHRASEOLOGY AT THE TADJIK SCHOOLS

Ochilova Umeda Juraevna *– assistant of Russian Language and Literature of the Tajik State Institute of languages named after Sotim Ulughzoda, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev Str. Cell.: 951905606, 934978380*

In the given article considered one of means of achievement of formation of the communicative competence of the pupils in the Tajik schools, which can serve in understanding and usage of the Russian phraseological units with the national-cultural component. To own such materials - means to be able to choose correctly style of speech, to subordinate the form of the speech statement for the dialogue problems, to use the most effective (for the given purpose and under the given conditions) language and non-lingual means.

Keywords: *communicative, control, phraseological units, training activity, knowledge demand, educational motivation, effectiveness, emotional colour.*

Одним из средств достижения формирования коммуникативной компетенции может служить обучение учащихся пониманию и употреблению единиц русской фразеологии с национально – культурным компонентом.

В общей теории обучения учащихся сформировалась теория учебной деятельности. По определению И.А. Зимней: «Учебная деятельность – это деятельность субъекта по овладению обобщёнными способами учебных действий и саморазвитию в процессе решения учебных задач, специально поставленных преподавателем, на основе внешнего контроля и оценки, переходящих в контроль и самооценку." Автор также подчёркивает, что учебная деятельность направлена на развитие, совершенствование личности обучаемого "благодаря осознанному, целенаправленному присвоению им социокультурного опыта в различных видах и формах общественно полезной, познавательной, теоретической и практической деятельности" [1:37 -38].

Предметом учебной деятельности является усвоение знаний, овладение обобщёнными способами действий, отработка приёмов и способов действий, их программ, в процессе чего развивается сам учащийся.

Средствами учебной деятельности являются лежащие в основе познавательной и исследовательской функции учебной деятельности *интеллектуальные действия (мыслительные операции):* анализ, синтез, обобщение, классификация и др.; в*знаковые*, *языковые*, *вербальные средства* в форме которых усваивается знание, рефлексируется и воспроизводится индивидуальный опыт; *фоновые знания*, посредством включения новых знаний, в которые структурируется индивидуальный опыт, тезаурус обучающихся.

Способы учебной деятельности включают репродуктивные, проблемно-творческие, исследовательски-познавательные действия. По мнению И.А. Зимней, "наиболее полное и развёрнутое описание способа представлено теорией поэтапного формирования умственных действий, где принцип ориентировки, перехода от внешнего, предметного действия к внутреннему, умственному и этапность этого перехода в соотношении с тем, как это делает сам обучающийся, полностью раскрывают способ учебной деятельности." [1: 35].

Продуктами учебной деятельности являются структурированное и актуализируемое *знание*, лежащее в основе *умения* решать требующие его применения задачи в разных областях науки и практики; внутреннее новообразование психики и деятельности в мотивационном, ценностном и смысловом планах.

Учебная деятельность имеет следующую *структуру:*

1) учебная мотивация;

2) учебная ситуация, которая включает в себя учебную задачу в форме учебного задания и решение учебной задачи посредством учебных действий;

3) контроль учителя, переходящий в самоконтроль;

4) оценка преподавателя, переходящая в самооценку.

Обучение иностранному языку, по словам А.А. Леонтьева, "есть не что иное как обучение речевой деятельности при помощи иностранного языка" [5:59]. И.А. Зимняя отмечает, что "всякая деятельность человека, согласно теории А.Н. Леонтьева, и речевая деятельность, если она рассматривается в качестве таковой, определяются трёхфазностью. В эту структуру входит побудительно-мотивационная,ориентировочно-исследовательская (аналитико-синтетическая) и исполнительная фазы" [1: 35].

Учебная деятельность определяется коммуникативно-познавательной потребностью субъекта на фоне его общей потребности достижения.

Исследования учебной деятельности школьников показали, что наибольшее влияние на эффективность оказывает потребность в достижении, под которой понимается стремление человека к улучшению результатов своей деятельности.

Если считать, что предмет той "части" учебной деятельности, в частности, усвоение знаний и овладение навыками и умениями, способствующими пониманию и употреблению учащимися русских фразеологизмов в речи – это сформулированный мотив, который побуждает обучаемых к активному **освоению русских фразеологических единиц с национально – культурным значением. Чтобы добиться решающего результата нужно, во-первых, заинтересовать учащихся и, во-вторых, доказать им необходимость и целесообразность изучения фразеологических единиц.**

С.М. Бондаренко были названы основные факторы, способствующие формированию интереса:

1. Воспитание широких социальных мотивов деятельности, понимание её смысла, осознание важности изучаемых процессов для собственной деятельности.
2. Новизна материала.
3. Эмоциональная окраска.
4. Методы обучения, требующие от учащихся активной поисковой деятельности.

Формирование интереса к изучению фразеологизмов с национально – культурным значением, на наш взгляд, следует начинать с подчёркивания новизны материала. В новом тексте учащиеся сталкиваются с новой единицей и не могут понять смысла текста, так как не знают значения вводной единицы, а значение её очень важно, поскольку в большинстве случаев фразеологизмы выполняют роль предиката (это касается не только глагольных, но и большинства именных, адъективных, наречных и глагольно-пропозициональных фразеологизмов). Например, в предложении *“Что, Иванушка не весел? что ты голову повесил!”.* Изучаемое выражение имеет переносное значение, слово "голова" может обозначать не только "часть тела", а нечто другое, и это своё новое значение оно реализует только в сочетании со словом "повесить".

Эмоциональная окрашенность фразеологических единиц также вызывает дополнительный интерес у обучаемых. Так, например, фразеологизм *филькина грамота,* который является оценочным, интересен постольку, поскольку передает отношение говорящего к предмету речи, то есть выражает его эмоции.

На последующих этапах следует поддерживать интерес различными способами, в том числе и повышением трудности учебной задачи. Одной из таких трудностей может оказаться чтение художественного текста (как показывает опыт, это очень нелёгкая задача для таджикских школьников), самостоятельный поиск в нём фразеологических единиц и попытка расшифровать их значения.

Однако не следует забывать, что основной потребностью учащихся является потребность достижения, а потому для них основным является осознание важности изучаемых процессов для их деятельности. Учащимся необходимо показать, что фразеологизмы могут использоваться ими в речевой деятельности. Сначала предложения, иллюстрирующие такую возможность, включаются в упражнения (например, "*Мастер чужими руками жар загребать,* затем фразеологизмы предъявляются учащимся в текстах (например, *лежать на печи, золотые руки, мал да удал, хлеб - всему голова* и др.).

Д.А. Леонтьев определяет речевой навык как речевую операцию, осуществляемую по определённым параметрам: бессознательность, полная автоматичность, соответствие норме языка, нормальный темп выполнения, устойчивость, то есть тождество операции самой по себе при изменяющихся условиях. "Сформировать речевой навык - это значит обеспечить, чтобы учащийся правильно построил и реализовал высказывание". Речевое умение, согласно А.А. Леонтьеву, это умение произвольно, а, может быть, осознанно варьировать выбор и сочетание речевых навыков в зависимости от того, для какой цели, в какой ситуации, с каким собеседником происходит общение. Владеть таким умением - значит уметь правильно выбрать стиль речи, подчинить форму речевого высказывания задачам общения, употребить самые эффективные (для данной цели и при данных условиях) языковые (да и неязыковые) средства.

Литература:

1. Зимняя И.А. Личностно-деятельный подход к обучению русскому языку как иностранному // Русский язык за рубежом. – 1985. – 33-40.

2.Ильин М.С. Основы теории упражнений по иностранному языку. – М.,1970. – 203с.

3.Караулов Ю.Н. Русский язык и языковая личность. – М.: Издательство «Наука»,1987. – 216с.

4.Латышев Л.К. Перевод: проблемы теории, практики и методики преподавания. – М., Просвещение, 2988. – 160с.

5.Леонтьев А.А. Национальные особенности коммуникации как междисциплинарная проблема. – М., 1977. – 234с.

6.Лутфуллоев М. Урок. – Душанбе: Маориф,1979. – 131с.

МАВОДИ ТАЪЛИМӢ НАБОЯД БАҲСҲОРО ЭҲЁ КУНАД
(ё андешаҳо дар бораи дастури «Чанд мушкили гузоштан
ё нагузоштани вергул»

Шербоев Саидбой *- профессори кафедраи методикаи таълими Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6, тел.: 908225559*

Ма□олаи мазкур та□риз ба дастури профессор Б. Камолиддинов таҳти унвони «Чанд мушкили гузоштан ё нагузоштани вергул» мебошад. Дар он му□арриз бештар гуфта□ои муаллифро бобати пас аз пайвандаки **ки** гузоштани аломати вергулро то андозае инкор намудааст.

Калидвожаҳо: *ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, сарҷумла, ҷумлаҳои пайрав: замон, сабаб, натиҷа, хилоф, шарт, пайвандакҳои* ***ки, чунки, зеро, азбаски,*** *калима ва ибораҳои туфайлӣ, аломатҳои вергул, тире, баён, ду нуқта.*

УЧЕБНЫЕ МАТЕРИАЛЫ НЕ ДОЛЖНЫ ВЫЗЫВАТЬ СПОРЫ

Шербоев Саидбой *- профессор кафедры методики преподавания Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, тел.: 908225559.*

Данная статья написана в качестве отзыва на пособие профессора Б. Камолиддинова «Некоторые трудности в постановке запятой в тексте». В ней рецензент больше всего отрицает мнение автора о том, будто в некоторых сложноподченённых предложениях запятую следует ставить после союза **ки (что).**

Также автор статьи не согласен с взглядом Камолиддинова о месте главного и придаточного предложения в составе некоторых сложных предложений.

Ключевые слова: *сложноподчиненные предложения, главные предложения, придаточные предложения: время, причина, следствие, условие: союзы ки (что, чунки (потому что), знаки препинания: запятая, тире и двоеточие.*

ACADEMIC MATERIAL MUST NOT RISE CONTROVERSY

Sherboev Saidboy *- professor of the Department of Methods of Teaching of the Tajik State Institute of languages named after Sotim Ulugzoda, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev St. Cell.: 908225559.*

This article is, in fact, a review to the Professor B. Kamoliddinov's study guide "Some problems of to put or not to put comma".

The reviewer, according to the concrete facts from reliable sources, mostly denies the author's statement of using examples with given complex sentences where he

demands to use comma after the conjunction “ки” – “which”. Especially, the author of the guidance interprets the first simple sentences as the subordinate clauses and the second simple sentences as the main ones in his given sentences. But, the reviewer does not agree with the author in it, on the contrary, he interprets the first simple sentences as the main ones and the second simple sentences as the subordinate clauses.

Key words: *complex sentence, main sentence, subordinate clause, tense, cause, outcome, conjunctions which, who, because, punctuations comma, dash, exclamation mark.*

Маълум аст, ки барои забоншиносони тоҷик солҳои 50 ва 80-уми асри XX давраи басо нашъунамо маҳсуб меёбад. Хусусан, бештари паҳлуҳо ва масъалаҳои синтаксис, чи синтаксиси ҷумлаҳои сода ва чи синтаксиси ҷумлаҳои мураккаби забони адабии имрӯзаи тоҷик, дар тадқиқотҳои олимони ин соҳа ҳалли худро ёфтаанд, ки натиҷаи ниҳоии онҳо тавассути китобҳои дарсии барои мактабҳои оливу муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҳам тавассути дастурҳои методӣ дастраси омӯзгорон ва шогирдони онҳо гардонида шудаанд.

Сарфи назар аз ин, ҳоло басе аз бахшҳои грамматикаи забони тоҷикӣ – бештар қисматҳои морфология, вале камтар бошад ҳам, баъзе нуктаҳои синтаксиси забони тоҷикӣ, бахусус, мавридҳои гузоштани аломати вергул – ҳам дар таркиби ҷумлаҳои сода ва ҳам дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб аз муҳаққиқони забон нигаронии ҷиддиро тақозо менамояд. Ва маҳз ҳамин нукта – мавридҳои ҷоиз ва ноҷо гузоштани аломати вергул диққати забоншинос – услубшиноси маъруфи имрӯзаи тоҷик, профессор Б. Камолиддиновро водор сохтааст, ки дастуреро таҳти унвони «Чанд мушкили гузоштан ё нагузоштани вергул» (Душанбе, 2013. – 77 с.) рӯйи чоп оварад.

Албатта, ба дастури мазкур чунин унвонро лоиқ донистан то андозае ҷолиб буда, алоқамандони соҳаро бетаваҷҷуҳ нахоҳад гузошт. Вале бояд тазаккур дод, ки агар алоқаманди соҳа, масалан, забоншинос ва ё, умуман, омӯзгори забони тоҷикӣ дастури мазкурро рӯякӣ мутолиа намояд, ба назараш чунин менамояд, ки бархе аз донишҳои забоншиносии то ба ҳол азбаркардааш гӯё нодурустанд. Аммо зимни ҳар як пешниҳоди муаллифи дастур даҳқиқназарона мулоҳиза намудан кас ба хулоса меояд, ки на ҳамаи пешниҳодоти муаллиф қобили қабуланд. Дар ин бобат, пеш аз ҳама, метавон нуктаҳои зеринро таъкид намуд:

Нуктаи аввал ба унвони дастур - «Чанд мушкили гузоштан ё нагузоштани вергул» иртибот дорад. Яъне аз номи дастур маълум аст, ки дар он сухан дар бобати мавридҳои истифодаи аломати вергул меравад. Аз ин рӯ, ҷоиз буд, ки агар дар унвони он пеш аз калимаи **вергул** истилоҳи **аломат** ҳам (аломати вергул) оварда мешуд, илмияташ дақиқтар мегардид.

Дигар ин, ки дар пешгуфтори дастур, ба назари мо, ду нукта ноҷо омадааст. Аввалан, дар саҳифаи 3-и дастур муаллиф таъкид мекунад, ки «Мутаассифона, қоидаҳои гузоштани аломатҳои китобат дар забони навиштории мо паҳлуҳои зиёди баҳснок дорад». Ин нуктаро дар ҷумлаи пас аз он омада чунин шарҳ додааст: «Шояд як сабаби ин то кунун мукаммал ва аниқ тадқиқ нашудани сохтори грамматикии забонамон бошад». Ва барои исботи фикри худ чунин далел овардааст: «Масалан, **дида, хандида, напурсида, меҳнат**

карда барин шакли тасрифнашавандаи феълро иддае аз забоншиносон «феъли ҳол» мешуморанд, мо дар ин ҷо (яъне дар дастур .- С, Ш.) сифати феълӣ гуфтем».

Дар иртибот ба ин гуфтаҳои муаллиф суоле ба миён меояд, ки агар дар ҷумлаи аввал сухан дар бораи баҳснок будани қоидаҳои гузоштани аломатҳои китобат ва дар ҷумлаи дуюм сабаби рухдиҳии чунин ҳолатро ба мукаммалу аниқ тадқиқ нашудани сохтори грамматикии забон вобаста дониста шуда бошад, магар барои исботи ин ду нукта феълҳои тасрифшавандаи дар боло зикршударо «Яке феъли ҳол, дигаре сифати феълӣ меномад» гуфтан дуруст аст? Ба ақида мо, муаллиф бояд доир ба ягон мавриди ноҷо истифода шудани яке аз аломатҳои китобат, масалан, вобаста ба аломати вергул мисоле пешниҳод мекард.

Сеюм: Дар қисмати «Пешгуфтор»-и дастур ақида пешниҳоднамудаи муаллифи дастур андаке эзоҳ металабад. Чунончи: «… аз рӯйи фаҳмиш ва таҷрибаи солҳои таълим (додан.-С. Ш.)-и забони модарӣ дар мактаби олӣ дар бобати баъзе масъалаҳои баҳсноки аломатҳои китобат мулоҳизаҳои худро баён намудем ва умедворем, **агар пешниҳоди мо қобили қабули донишҷӯёну хонандагони мактабҳои ҷумҳурӣ гардад**, шояд ба такмили савияи забондонии эшон ва ба ягонагиву устувории қоидаҳои аломатҳои китобати забони тоҷикӣ мусоидат намояд» (саҳ. 3). Эроди мо дар бобати иқтибоси мазкур чунин аст: Маълум аст, ки тамоми масъалаҳои васеъ ва меъёрии забоншиносӣ ва ҳам қоидаҳои нави имлои забони тоҷикӣ ҳамеша аз тариқи омӯзгорон ба донишҷуёни мактабҳои олӣ ва хонандагони муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ баррасӣ карда мешавад. Вале аз мазмуни иқтибоси мазкур бармеояд, ки барои қабули пешниҳодҳояш марбут ба масъалаҳои баҳсноки ба аломатҳои китобат иртиботдошта муаллифи дастур на ба омӯзгорон, ки дар ин бобат тарғибгари асосӣ маҳз онҳо маҳсуб меёбанд, балки ба «донишҷӯёну хонандагони мактабҳои ҷумҳурӣ» такя намудааст, ки ин нукта мантиқан хатост.

Инак, пеш аз оғоз намудан ба таҳлили умумии ин дастур лозим донистем, ки мундариҷаи мухтасари онро ба назари алоқамандони соҳа муррифӣ намоем: Дастур иборат аз як пешгуфтори мухтасар буда, фаслҳои «Аломати вергул дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ», «Як мавқеи ба кор бурдани пайвандаки «**ки**», инчунин, дар панҷ фасли баъдина масъалаи бо пайвандаки **ки** алоқаманд шудани ҷумлаҳои пайрави **замон, сабаб, шарт, хилоф** ва **тарз,** баъдан, чанд ҳолати гузоштан ё нагузоштани аломати вергул дар мавридҳои дар нутқ (ҷумла) истифода гардидани аъзоҳои истисноӣ, дар як ҷо омадани ду пайвандак, ниҳоят, мавқеи аломати савол дар ҷумлаҳои мураккабро фаро гирифтааст. Вале мо бештар доир ба ду фасли аввал ва панҷ фасли пас аз он омада, ки дар ин фаслҳо масъалаи бо пайвандаки **ки** ба сарҷумла алоқаманд гардидани панҷ хели ҷумлаи пайрави ҳол (пайравҳои замон, сабаб, шарт, хилоф ва тарз) мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст, мехоҳем андешаҳои хешро зимни рӯ овардан ба маъхазҳои боэътимод иброз дорем.

Аз ҷумла, дар фасли аввал - «Аломати вергул дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ» - пас аз муқаддимаи кӯтоҳ муаллиф таъкид намудааст: «Чунин тасаввурот ғалат аст, ки пеш аз пайвандаки **ки** ҳамеша вергул гузоштан мумкин бошад» (с.4) ва барои исботи ҳамин нукта ӯ чунин ҷумлаи мураккаби пайвасти хилофии феълиҳолӣ – «Ҳанӯз вакили мухтор ба минбар набаромада, садои чапак ва қарсак ба осмон расид» - ро ҷумлаи мураккаби тобеъ пиндошта, асли онро дар қолаби зерин: «Ҳанӯз вакили мухтор ба минбар набарома буд ки, садои чапак ва

қарсак ба осмон расид» пешниҳод намуда, дар он ба таври сунъӣ пас аз пайвандаки **ки** аломати вергул гузошта, баъдан таъкид намудааст, ки чунин қолаби ҷумлаҳо, чи дар гузашта ва чи имрӯз, дар эҷодиёти адибон ба мушоҳида мерасидаанду барои исботи ҳамин нукта дар саҳ 5-и дастур чанд мисолро аз навиштаҷоти адибони гуногун ба таври зайл далел овардааст:

1. Ҳанӯз аз гули бӯстон бақияе монда буд ки, китоби «Гулистон» тамом шуд (Саъдӣ). 2. Мо ҳанӯз чойнӯширо тамом накарда будем ки, маддоҳи дирӯза омад (С. А.). 3. Аз байн ним соат нагузашта буд ки, мошини давлатӣ омад (С. Т.). 4. Як рӯз аз майдон мегузаштам ки, мардумро ҷамъшуда дидам («Чор дарвеш»).

Чунон ки мушоҳида мекунем, муаллиф дар ҳамон қолаби ҷумлаи ба таври худ сохтааш ва дар ин ҷумлаҳои аз эҷодиёти адибон интихоб намудааш на пеш аз пайвандаки **ки**, балки пас аз он гузоштани аломати вергулро ҷоиз донистааст. Дар бобати ба чунин мазмун сурат гирифтани пешниҳоди муаллиф хулосаи аввалини мо ин аст, ки ӯ дар амсоли чунин ҷумлаҳои мураккаби тобеъ мавриди пас аз пайвандаки **ки** гузоштани аломати вергулро асосан, ба баохиррасии оҳанги талаффуз, ки воқеан дар ҷумлаҳои содаи аввал пас аз пайвандаки **ки** сурат мегирад, ба асос гирифтааст, ҳарчанд ки худи муаллиф чунин нуктаро, яъне «дар ҳар ҷои ист» гузоштани аломати вергулро «таъкиди ғалат» (с. 51) меҳисобад. Вале ин нукта, яъне такя намудан ба оҳанги талаффуз, ба назари мо, на ҳамаи паҳлуҳо ва ё мавридҳои гузориши аломатҳои китобатро дар матн фаро гирифта метавонад.

Чунон ки маълум аст, алифбои имрӯзаи мо дар асоси алифбои кириллӣ (русӣ) бунёд шудаасту тавассути қабули ҳамин алифбо аксари аломатҳои китобати дар забони русӣ мавриди истифодабуда имрӯз дар навиштаҷоти мо рӯйи кор мебошанд. Вале сарфи назар аз ин, дар муқаррар намудани принсипҳои пунктуатсионӣ дар байни забоншиносон ва методистони забони русӣ низ дар аввалҳо ягонагии ақидаҳо ба назар намерасидааст. Дар ин бобат дар муайян намудани принсипҳои пунктуатсионӣ се равия: **интонатсионӣ**, **грамматикӣ** (синтаксисӣ) ва **мантиқӣ** ё **маъноию синтаксисӣ** ба вуҷуд омада буд[1].

Пайравони равияи якум дар чунин ақида буданд, ки гуё дар матн истифода намудани аломатҳои китобатро ба хонандагон танҳо дар заминаи интонатсия, яъне оҳанги талаффуз омӯзонидан имконпазир аст.

Пайравони гурӯҳи дуюм принсипи интонатсиониро пурра инкор намуда, мегуфтанд, ки дар бобати мавридҳои истифодаи аломатҳои китобат ба синтаксис ё худ ба сохти синтаксисии нутқ (ҷумла) такя намудан беҳтар аст[2].

Пайравони гурӯҳи сеюм бо сарварии С. И. Абакумов аввалин шуда исбот намудаанд, ки дар кор фармудани аломатҳои китобат такя намудан ба **принсипи мантиқӣ** (маъноӣ)-ю **синтаксисӣ** нисбат ба он ду принсипи аввал авлотар буда, дар навбати худ он принсипи интонатсиониро ҳам фаро мегирад. Дар асоси принсипи мазкур ҳангоми истифодаи дурусти ин ё он аломати китобат дар ҷумла ё матн ҳам мазмуну маънои нутқ (ҷумла) ва ҳам сохти синтаксисии ҷумла ба асос гирифта мешаваду дар мавридҳои ҷудогона принсипи интонатсионӣ ҳам[3].

Дарвоқеъ, истифодаи бамавриди ҳама гуна аломатҳои китобат дар ҷумла (матн) танҳо ва пеш аз ҳама, бояд дар иртибот ба маъно ва сохти синтаксисии он имконпазир мегардад. Аз ин рӯ, агар дар иртибот ба ҳамин нуктаи охир, яъне дар бобати бамавқеъ гузоштани аломатҳои китобат, бахусус, аломати вергул дар ҷумла аз лиҳози принсипи номбурда амал намоем, дар ҷумлаҳои мураккаби

тобеи пешниҳоднамудаи муаллиф, ки намунаашонро мо аз саҳ. 5-6 - и дастури ӯ дар фавқ айнан овардем, масъалаи пас аз пайвандаки **ки** гузоштани аломати вергул ва ҷумлаҳои пеш аз он омадаро ҷумлаҳои пайрав ба қалам додан баҳсталаб менамояд.

Чунончи, проф. Б. Камолиддинов ҷумлаи зерин – «**Ҳанӯз вакили мухтор ба минбар набаромада, садои чапак ва қарсак ба осмон печид**» - ро аз устод С. Айнӣ мисол оврда, ба таври худ «қолаби аслӣ» - и онро дар шакли «**Ҳанӯз вакили мухтор ба минбар набаромада буд ки, садои чапак ва қарсак ба осмон печид**» пешниҳод намуда, афзудааст, ки «дар ин маврид ҳам» ҷумлаи якум (Ҳанӯз вакили мухтор ба минбар набаромада буд) «ҷумлаи пайрави замон буда», дар қолаби аввал (аслиаш) танҳо ба воситаи оҳанг (интонатсия), вале дар қолаби дуюм «бо ёрии оҳангу пайвандаки **ки** ба сарҷумла - « садои чапак ва қарсак ба осмон печид» - тобеъ шудааст» (с. 4 - 5).

2. Ба назари мо, дар таркиби ҷумлаи мураттабсохтаи Б. Камолиддинов ҷумлаи аввал – «**Ҳанӯз вакили мухтор ба минбар набаромада буд**» сарҷумла аст, на ҷумлаи дуюм. Дар ин ҳолат гузоштани саволи **кай?** аз сарҷумла ба ҷумлаи пайрав мантиқан мувофиқат мекунад. Чунончи: **Ҳанӯз вакили мухтор ба минбар набаромада буд. –** Кай? Ҷавоб: - **Вақте ки садои чапак ва қарсак ба осмон печид».** Аз ин лиҳоз, дар ҷумлаи сохтаи Б. Камолиддинов пас аз пайвандаки **ки** гузоштани вергул нодуруст аст. Ба ҷуз ин, агар зарурати дар қолаби ҷумлаи мураккаби тобеъ мураттаб сохтани ҷумлаи мазкури устод С. Айнӣ пеш омада бошад, онро дар шакли зерин баррасӣ намудан дурусттар мебуд: **Вақте ки садои чапак ва қарсак ба осмон печид, ҳанӯз вакили мухтор ба минбар набаромада буд.**

Бояд гуфт, ки тавассути пайвандаки **ки** пеш аз сарҷумла воқеъ гардидани ҷумлаи пайрави замон дар грамматикаи академӣ эътироф шуда бошад ҳам, аммо на ба тавре ки дар пешниҳоди Б. Камолиддинов омадааст: Чунончи: «Агар пайвандаки **ки** дар мобайни (на дар охири. – С. Ш.) ҷумлаи пайрави замон омада бошад,… пеш аз сарҷумла ҷой мегирад»[4]. Вале тавре аз мушоҳидаи он мисолҳои дар фавқ овардашуда бармеояд, ягонтаи онҳо ба чунин назарияи дар китоби академӣ баррасишуда ҷавобгӯ намебошанд. Вале бояд гуфт, ки Б. Камолиддиновро нуктаи зерини проф. Д. Тоҷиев, ки дар монографияи докторияш саҳван хато рӯйи чоп омадааст, шояд ба иштибоҳ рӯ оворонда бошад. Чунончи: «Пайвандаки **ки** дар аввали ҷумлаи пайрави замоне, ки **пас аз он** сарҷумла ва ё ягон аъзои он меояд, воқеъ мегардад»[5]. Аммо ҳамин нукта дар қисмати ҷумлаҳои мураккаби тобеъи грамматикаи академӣ, ки он низ ба қалами Д. Тоҷиев мансуб аст, ба таври зерин пешниҳод гардидааст: «Пайвандаки **ки** дар аввали ҷумлаи пайрави замоне, ки **пас аз** (на пас аз он. – С. Ш.) сарҷумла ва ё ягон аъзои он меояд, кор фармуда мешавад»[6]. Яъне дар ин ду назарияи пешниҳодшуда фарқи асосӣ дар истифодаи ду таркиб – **пеш аз он** ва **пас аз** ба назар мерасад, ки дувумӣ (пас аз) мантиқан қобили қабул аст, ки ба ин нукта ин ду мисоли барои исботи фикр дар саҳ. 140 – и монографияаш овардаи проф. Д. Тоҷиев гувоҳӣ медиҳанд, ки айнан ҳамин мисолҳо дар саҳ. – 9 – и дастури проф. Б. Камолиддинов низ пешниҳод гардидаанд. Чунончи: Яке аз рӯзҳои моҳи марти соли 1930 буд, ки ҳавои софи беғубор тағйир ёфт. Як аввали пагоҳӣ, ки ҳанӯз офтоб набаромада буд, гурӯҳе аз мардум… намоён шуданд. Вале дар таҳлили сохти ин ду ҷумла фикри ин ду олим якгуна нест: Б. Камолиддинов ба назарияи дар монографияи Д. Тоҷиев буда, ки дар он ҷонишини **он** зиёдатист, такя

намуда, ҷумлаҳои соддаи аввали онҳоро ҷумлаи пайраву ҷумлаҳои соддаи баъд аз онҳо омадаро ба ҳайси сарҷумла муаррифӣ намудааст. Аммо проф. Д. Тоҷиев дар таркиби ҷумлаҳои мазкур – чи дар грамматикаи академӣ ва чи дар монографияаш – баръакс ҷумлаҳои соддаи аввалро сарҷумла ва ҳар ду ҷумлаи соддаи баъдинаро пайрави замон номидааст.

Ҳамин тавр, аз маҷмуи фикру мулоҳизаҳои дар боло баррасигардида хулоса баровардан мумкин аст, ки дар ҷумлаҳои мараккаби тобеи аз дастури Б. Камолиддинов иқтибосшуда на ҷумлаҳои соддаи якум, балки ҷумлаҳои дувум ҷумлаи пайрави замонанду ҷумлаҳои аввал – сарҷумла. Аз ин рӯ, дар он ҷумлаҳо аломати вергулро на пас аз пайвандаки **ки**, балки пеш аз он гузоштан лозим аст.

Бояд гуфт, ки дар дастур, ҳамчунин, таъкид гардидааст, ки пайвандаки ***ки*** «дар дохил ва охири навъҳои дигари ҷумлаҳои пайрави ҳол» - пайравҳои сабаб, хилоф, шарт «низ мушоҳида мешавад» (С. 6 - 7). Дарвоқеъ, мавриди дар байни баъзе ҷумлаҳои пайрави пеш аз сарҷумлабуда омадани пайвандаки **ки** (масалан: Баҳор ки шуд, сабзаҳо медаманд. Бегоҳ ки шуд, ҳаво торик мешавад.) ҳолати бебаҳсу исботшуда маҳсуб меёбад. Аз ҷумла, дар мисолҳои зерин ҳам, ки муаллифи дастур дар саҳ. 7 ва 11 далел овардааст: Гул ки бозорӣ шавад, булбул занад худро ба дор. Бо қаҳр ки хестӣ, бо зарар менишинӣ. Ҷоҳилон ки зиёд шуданд, оқилон ғариб мешаванд ва ғ. Ва чунон ки муаллиф таъкид мекунад, дар чунин ҳолат дар ҷумлаҳои мазкур пайвадаки **ки** - ро вобаста ба хели ҷумлаи пайрав бо пайвандакҳои дигар иваз намудан имконпазир мегардаду дар ин сурат дар аввали чунин навъи ҷумлаҳои пайрав овардани он пайвандакҳо зарурат дорад. Инчунин, бояд донист, ки чунин ҷумлаҳои пайрав, ки дар онҳо пайвандаки **ки** дар мобайнашон меояд, бештар хусусияти духурагӣ зоҳир намуда, дар як вақт ба ду навъи ҷумлаи пайрав - пайравҳои шарт ва замон, сабаб ва замон ва ғ. ҳамоҳангӣ пайдо мекунанд. Масалан: Агар (вақте ки) гул бозорӣ шавад, булбул занад худро бадор; Азбаски (вақте ки) ҷоҳилон зиёд шуданд, оқилон ғариб мешаванд ва ғ.

Аммо дар ин бобат на ҳамаи мисолҳои ба ҳайси далел овардаи муаллифи дастур, ки гӯё дар онҳо пайвандаки **ки** дар мобайни ҷумлаҳои пайрави шарт омада бошад, боварибахшанд. Масалан, дар саҳ. 7 - и дастур ҷумлаҳои зерин ба ҳамин масъала иртибот доранд:

Ҳар гул ки шукуфад, лаби хандидаи мост,

Ҳар чашма ки ҷӯшад, дили болидаи мост.

Ба ақидаи мо, ҳарду ҷумла ба ҷумлаҳои мураккаби тобеи дорои ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда бештар шабоҳат доранд. Яъне мақсади мо ин аст, ки дар ҷумлаҳои мазкур қисматҳои «Ҳар гул лаби хандидаи мост» ва «Ҳар чашма дили болидаи мост» сарҷумлаанду хабарҳо (шукуфад ва ҷӯшад) ҷумлаи пайрави муайянкунанда буда, мубтадоҳои сарҷумларо (Ҳар гул, ҳар чашма), ки бо таркибҳои исмӣ ифода ёфтаанд, шарҳ додаанд, ки ин нуқта, яъне бар эзоҳи исм ё ҷонишинҳои шахсии дар сарҷумлабуда омадан яке аз хусусиятҳои барҷастаи ҷумлаи пайрави муайянкунанда мебошад[8].

Ба ҷуз ин, яке аз хусусиятҳои дигар ва ҳам барҷастаи ҷумлаи пайрави муайянкунанда он аст, ки хабари онро ба осонӣ ба сифати феълӣ баргардонда, асли ҷумларо ба ҷумлаи содаи тафсилӣ табдил додан мумкин аст. Чунончи: 1. Ҳар гули шукуфта (- агӣ) лаби хандидаи мост. 2. Ҳар чашмаи ҷӯшида (-агӣ) дили болидаи мост.

Муаллиф дар саҳ.6-и дастур, ҳамчунин, кӯшиш намудааст, ки омадани пайвандаки **ки** - ро дар охири ҷумлаи пайрави сабаби пеш аз сарҷумлабуда исбот намояд. Мутаасифона, дар ҳамаи он мисолҳо, ки ҷумлаҳои содаи якумашон ба ҳайси ҷумлаи пайрави сабабу ҷумлаҳои дуюмашон ҳамчун сарҷумла маънидод шудаанд, баръакс, ҷумлаҳои якум сарҷумла буда, ҷумлаҳои дуюм ҷумлаи пайрави натиҷа мебошанд. Инак, чандтои онҳоро аз назари таҳлил мегузаронем: 1. Ман сахтҷон будаам, ки дар муддати бист сол дар миёни ин дуду бӯйи заҳролуд намурдаам (С. Л.) 2. Дар вақти поин омаданам Шоҳқосим аз миёнам дошт ки, поям ба замин барҳӯрда лат наёфт (Восифӣ). 3. Магар дилаш танг шуд, ки ба ғазалхонӣ даромад. (Ҷ. И.)

Чунон ки дар маъхазҳо омадааст[9], дар ин гуна ҷумлаҳо ҷумлаи пайрав мазмунан натиҷа ё хулосаи фикри дар сарҷумла баёншударо дар худ таҷассум намуда, дар чунин ҳолат байни сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, баръало, муносибатҳои сабабӣ (дар сарҷумла) ва натиҷагирӣ (дар ҷумлаи пайрав) эҳсос карда мешаваду ҳамеша дар таркиби ин гуна ҷумлаҳо пас аз сарҷумла омадани ҷумлаи пайрави натиҷа таъкид гардидааст. Ба ҷуз ин, дар саҳ. 132 - и грамматикаи академӣ маҳз омадааст, ки «Баъзан барои қувват додани роли пайвандак ва таъкиди маънои натиҷа дар чунин ҷумлаи пайрав пас аз пайвандаки **ки** таркибҳои дар натиҷа, барои **ин** (он) меояд...»

Аз ин лиҳоз, мо ба ҳамин маъхазҳои боэътимод ва назариявии аз грамматикаи академии забони тоҷикӣ иқтибосшуда такя намуда, бори дигар хонандаро ҳушдор медиҳем, ки дар ҳамаи ҷумлаҳои дар саҳ. 6-и дастуромада ҳамаи ҷумлаҳои содаи аввал сарҷумла буда, ҷумлаҳои баъдина пайрави натиҷаанд. Инчунин, таъкиди дигари мо он аст, ки ҷумлаи мураккаби дуюмро дар саҳ.132-и грамматикаи академӣ проф. Д.Тоҷиев низ дар қатори чумлаҳои мураккаби тобеи ҷумлаҳои пайраваш натиҷа ба ҳайси намуна овардааст. Воқеан пас аз пайвандаки **ки** дар ҷумлаҳои дар боло иқтибосшуда барои «таъкиди маънои натиҷа» овардани таркиби дар натиҷа (масалан, дар ҷумлаи аввал: «Ман сахтҷон будаам, ки **дар натиҷа** дар муддати бист сол дар миёни ин дуду бӯйи заҳролуд намурдаам) имконпазир аст, ки ин ҳама ҷумлаҳо пайрави натиҷа будани ҷумлаҳои дуюмро собит менамоянд ва аз ин рӯ, дар онҳо гузоштани аломати вергул пас аз пайвандаки **ки** нодуруст аст.

Муаллиф дар саҳ.14 дар фасли «Як мавқеи ба кор бурдани пайвандаки **ки**» таъкид намудааст, ки «Ҷумлаи пайрав бо пайвандаки **ки** ба сарҷумла тобеъ шуда бошад, ҷумлаи мураккаби тобеъ муносибатҳои замон, сабаб, шарт ва хилофро муҷаз ва табиӣ ифода мекунад».

Ба назари мо, ба ҳамин фикри охири муаллиф низ андаке рӯшанӣ андохтан зарурат дорад, яъне муносибатҳои замон, сабаб, шарт ва хилофро на ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, балки ҷумлаҳои пайрави дорои чунин мазмунҳобуда дар мувофиқа бо сарҷумлаашон ифода мекунанд.

Баъдан, муаллиф дар дастур дар иртибот ба гуфтаи худ, ки дар боло мо иқтибос овардем, дар чаҳор фасл (дар саҳ. 14 - 29) пайиҳам маълумотро доир ба ҳамин масъала, яъне дар бораи бо пайвандаки **ки** алоқаманд шудани он чаҳор навъи ҷумлаи пайрави ҳол пешниҳод намудааст.

Маълум аст, ки ин ҷумлаҳо аз нутқи персонажҳо, ё худ аз нутқи гутфтугӯӣ иқтибос шудааст ва ҳамин нукта ҳам маълум аст, ки тарафҳо (одамон) ҳангоми

гуфтугӯ то андозае шуурона ё худ беихтиёр ба ихтисоркунии фикр майл мекунанд. Аз ин лиҳоз, дар ҷумлаҳои мазкур ҳамин нукта, яъне бо нияти зудбаёнӣ баъзе калимаҳо, аз ҷумла, феълҳо (хабарҳо) - и **дидан, фаҳмидан** соқит шуда бошанд ҳам, ихтисоршавии феълҳои мазкур ба фаҳмидани асли мақсад монеъ шуда наметавонад.

Муаалиф дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеи зерин, ки дар саҳ. 17-18 мисол оварда шудааст, низ ҷумлаҳои соддаи аввалро пайрави замон пиндошта, пас аз пайвандаки **ки** аломати вергул гузаштааст: Офтоби ҷаҳонтоб ҳанӯз рост наомада буд ки, олам дар пеши ҳамин чашмони ман тира гардид (Ҳ. К.). Аз ин ҳодиса чандин рӯз нагузашта буд ки, аз шодии ҷамоли он нозанин ва аз кайфияти шаробу таом аз аввала ҳам фарбеҳтар шудам («Чор дарвеш»). Аз байн ним соат нагузашта буд ки, мошини ваъдагӣ омад.

Дар хусуси сохти ин ҷумлаҳо, пеш аз ҳама, ақидаи мо ин аст, ки мазмунан онҳо на ба ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, балки бештар ба ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофӣ шабоҳат доранд. Аз ин лиҳоз, дар ин ҷумлаҳо пайвандаки **ки**-ро ба осонӣ ба яке аз пайвандакҳои хилофӣ иваз намудан мумкин аст. Ин гуфтаро барои тасдиқи фикр дар яке аз ин ҷумлаҳо амалӣ намудан мумкин аст. Чунончи: Офтоби ҷаҳонтоб ҳанӯз рост наомада буд, ки олам пеши ҳамин чашмони ман тира гардид. – Офтоби ҷаҳонтоб ҳанӯз рост наомада буд, аммо олам пеши ҳамин чашмони ман тира гардид.

Исботи воқеияти нуктаи охир боз ин аст, ки дар ҳар се ҷумлаи аз дастур иқтибосшуда хабари ҷумлаҳои якумро ба шакли феъли ҳол баргардонем, дар пеши назарамон дарҳол ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофии феълиҳолӣ эҳё мешаванд. Масалан, ин нуктаро дар мисоли ҷумлаи сеюм метавон санҷид: Аз байн ним соат нагузашта буд, ки мошини ваъдагӣ омад. – Аз байн ним соат нагузашта, мошини ваъдагӣ омад.

Аз ин рӯ, мо ба хулосае омадем, ки дар ҷумлаҳои дар боло мавриди пажӯҳишгардида на пас аз, балки пеш аз пайвандаки **ки** гузоштани аломати вергул воқебинона хоҳад буд.

Муаллиф дар саҳ. 22-и дастури худ таъкид мекунад, ки истифодаи ҳиссачаи **магар** дар аввалу мобайни ҷумлаҳои пайрави сабаб, ҳамчунин, воҳидҳои туфайлии **эҳтимол, зоҳиран** ҳамчун муодили ҳиссачаи **магар**, дар таркиби ҷумлаҳои пайрави сабабе, ки пеш аз сарҷумла омадаанд, ба назар мерасидаанд. Аммо, ба назари мо, агар дар ин бобат мисолҳои барои тасдиқи фикр овардаи муаалифро аз диди ташхис муоина намоем, ба осонӣ дарк менамоем, ки ҳиссачаи **магар** ва воҳидҳои номбурда на дар таркиби ҷумлаҳои пайрави сабаб, балки дар таркиби сарҷумла омадааанду ҷумлаи пайрави сабаб будани ҷумлаҳои дуюмро дар таркиби аксари ҷумлаҳои дар саҳифаи 22-23 овардаи муаллиф дақиқу равшан нишон медиҳанд:

Ин кораш магар ба хирс хуш наомад ки, аз боло садои бадхашмонаву таҳдидомез бароварад. Дар ин асно, эҳтимол, дар чӣ вазъият будани Ҷалолро марди ношинос мефаҳмид ки, хомӯшии ӯро халалдор накард.

Таҳлили сохти ин ду ҷумлаи мураккаби тобеъ бояд чунин сурат бигирад: Ҷумлаи «Ин кораш магар ба хирс хуш наомад» сарҷумла аст –Чаро? Аз чӣ сабаб? Ҷавоб: - Чунки аз боло садои бадхашм ва таҳдидомез бароварад (ҷумлаи пайрави сабаб). Дар ҷумлаи дуюм – «Дар ин асно, эҳтимол, дар чӣ вазъият

будани Ҷалолро марди ношинос мефаҳмид» сарҷумла аст. – Чаро? Барои чӣ? Ҷавоб: - Чунки хомӯшии ӯро халалдор накард (ҷумлаи пайрави сабаб).

Ба ақидаи муаллиф, дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ (ниг. ба саҳ 23) ҷумлаҳои аввал ҷумлаҳои пайрави сабаб мебошанд: 1.Шояд корманди милисаро низ дарди духтарак ба риққат овард ки, ин дафъа насиҳатомез илова кард. 2. Бачаҳо магар сари калобаашонро гум карданд ки, хиҷолатманд ба пеши пояшон чашм дӯхтанд. 3. Охир, чизҳои ҳалоли худамон чашмата сер накард ки, ба сиёҳкорӣ даст задӣ.

Ба назари мо, дар ин се ҷумла байни ҷумлаҳои соддаи аввал ва баъдина муносибати сабабӣ ва натиҷавӣ баръало эҳсос мешавад. Аз ин рӯ, дар таркиби ҷумлаҳои мазкур ҷумлаҳои содаи дувум ба ҳайси ҷумлаҳои пайрави натиҷа эътироф шуда, дар онҳо аломати вергулро на пас аз, балки пеш аз пайвандаки **ки** гузоштан зарурат дорад.

Ҳамчунин, бамаврид аст, таъкид намоем, ки дар дастур муаллиф айнан як ҳодисаи забонро дар баъзе мавридҳо ба назарияҳои ба ҳам муқобил низ пешниҳод намудааст. Масалан, ҷумлаи «Ду-се рӯз пеш аз ин дивидиро нодуруст монданд, ки он ҳам сӯхт»-ро дар саҳифаи 19 ба ҳайси ҷумлаи мураккаби тобеи ҷумлаи пайравии **замон**, вале дар саҳифаи 22-и он ҷумлаи мураккаби тобеъ ҷумлаи пайраваш **сабаб** маънидод шудааст. Ғайр аз ин, байти зерини Ҷомӣ:

«Ҳар замон моро ба кӯяш шавқи дидор оварад,
Булбулонро орзуи гул ба гулзор оварад»

дар сархати якуми саҳифаи 55-и дастур ҷумлаи мураккаби пайваст, вале дар сархати дуюми ҳамон саҳифа ба ҳайси ҷумлаи мураккаби тобеъ маънидод гардидааст.

Муаллиф дар саҳифаи 52-и дастур, дар фасли «Чанд мавриди бе зарурат гузоштани вергул» дар ҷумлаҳои хеш пас аз таркибҳои **ба замми ин, илова бар ин** вергул гузошта, дар саҳифаи 58 ба хулосае меояд, ки пас аз чунин таркибҳо, аз қабили, **бо вуҷуди ин, сарфи назар аз ин ҳама** гузоштани вергул ҷоиз нест, ҳарчанд ки мазмунан бо таркибҳои номбаршуда хусусияти синонимӣ доранд.

Вале мо таркибҳои мазкурро дар заминаи такя намудан ба маъхаҳои забоншиносиву матбуотӣ ба ҳайси воҳидҳои туфайлии ҷумла ба қалам дода, дар аввал ва мобайни ҷумла ба аломати вергул ҷудо карда шуданашонро таъкид намудаем (Ниг. Шербоев С. Китоби дарсӣ навиштан ҳунар аст \\ Маърифати омӯзгор, 2016, №6.- С.26-31).

Дар охир мехохем ду нуктаи дигарро ҳам таъкид намоем:

1. Барои таҳлил дар дарсҳои забони модарӣ, асосан, мисолҳои барҷаставу мувофиқи меъёрҳои забони адабӣ баррасишуда ва албатта, дорои аҳамияти тарбиявӣ буда интихоб карда мешаванд, то ки бо андак шарҳи омӯзгор шогирдон, чи дар мактабҳои миёна ва чи дар мактабҳои олӣ, ба асли мафҳумҳои ифодакунандаи ҳолатҳои забонӣ сарфаҳм рафта тавонанд, балки на аз амсоли аксари он мисолҳое (масалан: а) Дар саҳ. 6: Ин мӯйсафедро кушӣ ҳам, як пули пучак намедиҳад; Ҷавон... дар ҳалқаи оила буданро нахоҳад, бо занҷир баста монӣ ки, мегурезад; б) Дар саҳ. 33: Қорун ҳалок шуд ки, чиҳил хона ганҷ дошт; Нӯшервон намурд ки, номи накӯ гузошт ва ғ.), ки дар дастур мавриди шарҳу тавзеҳ қарор дода шудаанд.

2. Мавриди зикр аст, ки айнан чанде аз мисолҳои дар дастур овардашуда ҳанӯз се сол пеш (с.2010) дар саҳ. 170,174,184,199,202,204 ва 212-и китоби дарсии барои мактабҳои олӣ бо унвони «Наҳви забони тоҷикӣ» рӯйи чоп омада, ки муаллифи он ҳам профессор Б. Камолиддинов мебошад ва айнан чун дар ҳамин дастур мавриди пажӯҳиш қарор гирифта буданд.

Адабиёт:

1. Поздняков Н. С. Методика преподавания русского языка. – М.: Госучпедиз минпрос, 1955. – с. 274; Текучев А. В. Методика русского языка в средней школе. – М.: Просвещение, 1980. – С. 288; Абакумов С. И. Методика пунктуации. Изд. 3 – е. – М., 1954).

2. Поздниякoв Н. С. Методика переподавания русского языка, с. 274).

3. Поздниякoв Н. С., Методика переподавания русского языка 274; Текучев А. В; с. 289).

4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик,Ҷ. 3. – Душанбе, 1989. – с. 139).

5. Тоҷиев Д. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1981. – с. 140).

6. Гвоздев А. Н. Современный русский литературный язык, ч. 2.Синтаксис. - М.; 1973. - С. 296 - 297;

7. Современный русский литературный язык. - М.; 1988. - С. 640 - 641; (Дудников А. В. Методика изучения грамматики в восмилетней школе. - М. - 1977. - С. 288 - 289;

8. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик ҷ.3-С.132-133),

9. Тоҷиев Д. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1981.-С.163)

ОМОДАГӢ БА САВОДОМӮЗӢ БО ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИР

Котибова Шарифа *- дотсенти кафедраи методикаи таълими Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6; тел.: 904 53 99 54; e-mail: sharifa.kotibova@mail.ru.*

Дар мақола сухан дар бораи усулҳои омода намудани кӯдакон ба саводомӯзӣ ва истифодаи технологияи муосири таълим дар ин давра, ки самараи хуб медиҳад, меравад. Ба ақидаи муаллиф омӯзгорон бо истифодаи технологияи муосир дар баробари саводомӯзӣ ба инкишофи тафаккур ва ташаккули шахсияти хонанда таъсири мусбӣ мерасонанд.

Калидвожаҳо: *омодагӣ, саводомӯзӣ, технологияи муосир, инкишофи тафаккур, омӯзгор, хонандагон, давраи тоалифбо, давраи алифбо, давраи баъди алифбо.*

ПОДГОТОВКА К ГРАМОТНОСТИ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ СОВРЕМЕННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ

Котибова Шарифа *- доцент кафедры методики преподавания Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6; тел.: 904 53 99 54; sharifa.kotibova@mail.ru*

В статье говорится о методах подготовки детей к грамотности. Отмечается, что использование современной технологии в период подготовки к грамотности более эффективный. Учителя, использую современные технологии, развивают мышление и положительно влияют на личность учащихся.

Ключевые слова: *подготовка, грамотность, современная технология, развитие мышления, учитель, учащиеся, добукварный период, букварный период, послебукварный период.*

PREPARATION FOR LITERACY WITH USE OF MODERN TECHNOLOGY

Котибова Шарифа *- candidate of pedagogics, associate professor of the Department of Methods of Teaching of the Tajik State Institute of languages named after Sotim Ulugzoda, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev Str. Cell.: 904 53 99 54; sharifa.kotibova@mail.ru*

In article it is told about methods of preparation of children to literacy. It is noticed that use of modern technology in preparation for literacy more effective. Teachers with use of modern technology develop thinking, and positively influences the person of pupils.

Keywords: *preparation, literacy, modern technology, developments thinking, the teacher, pupils, to the abc-book period, abc-book period, after the abc-book period.*

Тавре ки маълум аст, кӯдаконе, ки ба синфи як қабул мешаванд, аз ҳамдигар ҳам аз рӯи инкишофи ақлонӣ ва ҳам аз рӯи психологияи хеш фарқ мекунанд, инчунин ҳар яки онҳо гӯё дар ҷаҳони рӯъёи худ зиндагӣ мекунанду ба қадри инкишофи ақлонии хеш ҷаҳонро дарк мекунанд.

Кӯдак дорои хусусият ва рафтору кирдори худ аст. Давраи кӯдакӣ ҷаҳонест гуворо ва нотакрор. Худи ҳамин вазифаҳои муаллимро муайян мекунад. Муҳимтарин вазифаи ӯ дар муддати як моҳ муттаҳид намудани кӯдакон дар атрофи мақсади ягона аст. Маҳз бо дарназардошти ҳамин ҷиҳатҳо дар назди муаллим вазифаи муҳиме меистад, ки ӯ бояд дар як муддати кӯтоҳ роҳу восита ва усули муносибатро бо ҳар як хонанда муайян намояд. Зеро муайян намудани ҷои нишасти ҳар як мактаббача дар синф, усули дарсомӯзӣ, роҳҳои омӯзиш ва инкишофи нутқ, хондану навиштан дар гузоштани заминаи асосии сатҳи донишу саводнокии кӯдак нақши боризи худро дорад.

Барои он ки омӯзгор ҷои хонандаро дар синф муайян намояд, пеш аз ҳама ӯро мебояд дар бораи ҳар як хонанда дар алоҳидагӣ маълумоти пурра ҷамъоварӣ намуда, рушди ҷисмонӣ, қобилияти шунавоӣ ва биноии ӯро ба инобат бигирад. Омӯзгорро мебояд кӯдакони ҷинсшон хурд ва заиф, то андозае ношунаво, қобилияти сусти биноидоштаро дар қаторҳои аввал шинонад. Ҳамчунин зарур аст, ки баъди ҷо ба ҷо кардан ба ҳар яки онҳо фаҳмонад, ки дар паҳлу ва пешу қафои онҳо киҳо нишастаанд.

Дар рӯзҳои аввали ба мактаб омадан сайругашти дастаҷамъонаи кӯдаконро дар дохили муассиса (мактаб) ташкил намуда, онҳоро бо китобхона, майдончаҳои варзишӣ, ошхона ва дигар ҷойҳои зарурӣ шинос намудан лозим аст.

Вазифаи дигари давраи омодагӣ ба мактаб, ин тайёр кардани навомӯзон ба хондану навиштан мебошад. То оғози соли хониш ба омӯзгор лозим аст, ки дараҷаи тайёрии ҳар як кӯдакро дақиқан муайян намояд. Барои ин ба ҳар як кӯдак варақаи алоҳида тартиб додан лозим аст, ки дар он чунин маълумот бояд дарҷ гардад:

1. маълумоти умумӣ;
2. малакаҳои хониш;
3. малакаҳои хатнависӣ;
4. дараҷаи инкишофи нутқи навомӯз.

Дар қисми «Маълумоти умумӣ» ному насаби хонанда, соли таваллуд, касбу кори падару модари ӯ ё шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд, навишта мешаванд.

Дар қисми «Малакаҳои хониш» хонда тавонистан ё натавонистани навомӯз навишта мешавад. Дар ин бахш равшан нишон дода шавад, ки оё навомӯз хонда метавонад ё не. Ва агар хонда тавонад, чӣ тавр - равон, бо ҳиҷо ё ҳарфакӣ, ҳарфҳоро мешиносад ё не.

Дар қисми «Малакаҳои хатнависӣ» бояд навишта шавад, ки навомӯз ҳарфҳо ва калимаҳоро навишта метавонад ё не. Агар нависад, ба шакли чопӣ менависад ё дастнавис ва ё умуман навишта наметавонад.

Дар қисми «Инкишофи нутқ» қайд мегардад, ки навомӯз чӣ тавр гап мезанад, кадом афсона, чистон, шеърро медонад, кадом китобҳои бадеиро хондааст.

Ба ҳисоб гирифтани ин корҳо дар ҷараёни дарс равиши кори муаллимро осон мекунад. Муаллим пеш аз оғози соли хониш саволнома тартиб дода, дар бораи ҳар як шогирди ояндааш маълумот ҷамъоварӣ мекунад. Ҳамин корро дар ҳафтаи аввал ба охир мерасонад.

Барои омода намудани кӯдакон мактаб метавонад, пеш аз ҳама, бо ёрии падару модарон ва аҳли ҷомеа аз тарзу имкониятҳои зиёд истифода барад. Масалан, дар шароити хонавода тайёр намудани кӯдакон. Зарурияти ин масъала аз он бар меояд, ки айни замон фоизи бештари кӯдакони кишвари мо имконияти ба кӯдакистонҳо ҷалб шуданро надоранд. Вале новобаста ба ин кӯдаконро ба мактаб бояд омода намуд. Дар ин вазъият омӯзгори касбӣ ҳеҷ набошад се моҳ пеш аз оғози соли таҳсил ба хонаи падару модарони шогирдони ояндааш рафта, маслиҳат медиҳад, ки онҳо фарзандони худро бо кадом тарзу усул ба мактаб омода кунанд.

Бо мақсади омодагии кӯдакон ба мактаб ва беҳтар намудани сатҳи заминавии сифати таълиму тарбия тавсия медиҳем:

1. Аз тарафи масъулони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян кардани кӯдакони синну солашон ба ҳафт расида ва гузаронидани ташхиси омодагии кӯдакони синну соли зикршуда ба мактаб.

2. Ташкили гурӯҳҳои тайёрӣ пеш аз соли хониш дар мактабҳо.

3. Ба роҳ мондани ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо падару модарон бо мақсади гузаронидани ташхиси тиббии кӯдакон дар шифохонаҳои маҳаллӣ (шаҳр, ноҳия).

4. Тартиб додани реҷаи баргузории машғулиятҳои омодагии кӯдакон ба мактаб.

5. Мураттаб намудани ҷадвали мағулиятҳо:

- барои омодагии кӯдакони синни 7-сола ба мактаб дар як ҳафта 15 машғулият ва дар як рӯз 3 машғулияти 30-35 дақиқагӣ пешбинӣ мегардад;

- гузаронидани машғулиятҳо дар нимаи якуми рӯз, соати 9^{00};

- тақсимоти намунавии машғулиятҳои таълимӣ дар давоми як ҳафта ба таври зерин:

- инкишофи нутқ - 1 (тарбияи маданияти овозии нутқ, ташаккули сохти грамматикии нутқ, инкишофи луғат)

- шиносоӣ бо муҳит – 1 (тасаввурот оид ба замин, офтоб, ҳаво, ашё, нақлиёт, биноҳо, мафҳуми саломатӣ, шиносоӣ бо қоидаҳои ҳаракати роҳ, риояи қоидаҳои бехатарӣ, тарбияи муҳаббат ба Ватан, оила, пайвандон, додани маълумоти мушаххас дар бораи рамзҳои давлатӣ, Тоҷикистон ва пойтахти он).

- шиносоӣ бо табиат – 1 (маълумот дар бораи табиати зинда ва ғайризинда, набототу ҳайвонот, фарқи ҳайвоноти ваҳшӣ аз хонагӣ, маълумот дар бораи тағйироти чор фасли сол, тарбияи муҳаббат ба табиати кишвар ва ҳифзи он).

- тайёрӣ ба таълими савод – 2 (маълумот оид ба овоз (садоноку ҳамсадоҳо) ва тарзи талаффузи онҳо, ҳарф, калима, ибора, ҷумла).

- тарбияи ҷисмонӣ – 2 (ташаккули сифатҳои иродавӣ, таҳаммулпазирӣ, чусту чолокӣ, омӯзонидани машқҳо барои сафкашӣ, машқҳои умумиинкишофдиҳанда барои даст, китфу миён, пой, бадан, машқҳои асосӣ: давидан, ҷаҳидан, партофтан, дошта гирифтан, ҳаво додан, хазида ва часпида баромадан, машқҳо барои нигоҳ доштани мувозинат, бозиҳои серҳаракат ва ғайра).

- санъати тасвирӣ – 3 (инкишофи маҳорату қобилияти эҷодкории кӯдакон дар ҷараёни машғулиятҳои расмкашӣ, қолабсозӣ ва гулмонӣ).

- ташаккули тасаввуроти оддитарини математикӣ – 2 (шиносоӣ бо миқдор ва ҳисоб, шаклҳои геометрӣ, бузургиҳо, тасаввуроти фазоӣ, тасаввурот дар бораи вақт).

- шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ – 1 (шинос намудани кӯдакон бо китоб, ташаккули маҳорати хуб ва шавқу ҳаваси гӯш кардани асарҳои жанрашон гуногун: афсона, ҳикоя, шеър, чистон, зарбулмасалу мақол, тезгӯяку шумуракҳо ва фарқ кардани онҳо, омӯзонидани хониши буррои шеър, ташаккули маҳорати фаҳмида гирифтани воситаҳои бадеият).

- мусиқӣ – 2 (инкишофи ҳассосияти кӯдакон, маҳорати гӯш карда тавонистани мусиқӣ, маълумот додан оид ба асбобҳои мусиқии миллӣ ва жанрҳои гуногуни мусиқӣ, фарқ карда тавонистани овозҳои дарозу кӯтоҳ, инкишофи маҳорати ба сурудхонӣ гӯш дода тавонистан, омӯзонидани фаҳмидани мазмуни ҳаракатҳои мавзун, пасту баланд шудани овоз, суръат, ҳаракат, хусусияти рақсӣ доштани мусиқӣ).

6. Таъмини иштироки қӯдакони синни ҳафтсола дар ҷашнвораҳои муассисаҳои таълимӣ.

7. Ба роҳ мондани шиносоии кӯдакон бо муҳити атроф, ташаккули маҳорату малакаи меҳнатӣ, инкишофи қобилиятҳои ақлӣ ва бадеӣ, омӯзиши забони модарӣ дар ин синну сол, ташаккули омодагӣ ва шавқу ҳавас ба таҳсил дар мактаб.

8. Ба эътибор гирифтани муқаддасоти умумиинсонӣ, аз муносибати ягона (толерантност) доштан ба мардуми ғайрнажод, дин, забон, сохти иҷтимоӣ, мадад расонидан ба кӯдакони ба кӯмаки тиббию иҷтимоӣ эҳтиёҷдошта (инклюзивӣ) дар ҷараёни фаъолият ва машғулиятҳо.

9. Дар руҳияи худогоҳию меҳанпарастӣ тарбия намудани кӯдакон.

Таълими савод як давраи муайянро фаро мегирад, ки аз аввали соли таҳсил то аввалҳои моҳи феврал идома меёбад. Азбаски дар ин муддат мазмуни фаъолиятҳои таълимии талабагону омӯзгорон тағйир меёбад, ин давра дар навбати худ боз ба се давра ё марҳила тақсим мешавад (давраи тоалифбо, давраи алифбо, давраи баъди алифбо).

Тавре ки дар боло зикр намудем, диққати асосӣ ба омодагии кӯдакон ба саводомӯзӣ равона гардидааст ва нақши давраи тоалифбо дар ин самт ниҳоят муҳим аст.

Марҳилаи тоалифборо давраи тайёрӣ низ меноманд. Давраи мазкур аз аввали соли хониш сар шуда, ду ҳафта (20 соат) давом мекунад. Марҳилаи тоалифбо, ё омодагӣ ба синфи 1 фаро гирифтани бачагони синну соли мактабӣ ва бедор намудани майлу рағбати онҳо ба фаъолияти таълимӣ ва талаботу қоидаҳои мактаб, тайёр намудани талабагон ба хониш (инкишофи ҳисси овозию шунавоӣ, дарки моҳияти овоз ҳамчун унсури хониши калима ва моҳияти ҳарф ҳамчун аломати овоз барои ифода (навиштан), инкишофи даст ва панҷаҳо; омӯхтани унсурҳои асосии хат (пур кардани қолабҳои тайёр, расм, хат бурдан аз руйи рахҳо, риояи рахи дафтар); инкишофи нутқи мураттаб, зиёд намудани захираи луғат, аз бар кардани шеърҳо, дарки унсурҳои қолаби ҷумла, калима, ҳиҷо, овоз ва ҳарф).

Ба муаллим лозим аст, ки рафтори ҳар як навомӯзро мушоҳида намуда, онҳоро ба саводомӯзӣ омода намояд.

Дар ин давра вазифаҳои муаллим, мазмуни фаъолиятҳои таълимии ӯ асосан аз рӯи мавзӯъҳои саҳифаҳои китоби «Алифбо» ва дигар маводи дидактикӣ ба роҳ монда мешавад.

Мазмуни ин корҳо инкишофи нутқи гуфторӣ, муайян ва зиёд намудани захираи луғат аз ҳисоби калимаҳои нав, омода сохтани дасту панҷаҳо ба хат (навиштан), шиносоии амалӣ бо унсурҳои нутқ (ҷумла, калима, ҳиҷо, овоз ва ҳарф), рушди ҳиссиёти шунавоӣ, биноӣ ва бедор намудани майлу хоҳиш, шавқу рағбати маърифатҷӯии кӯдакон мебошад. Дар қалби кучаки навомӯзон бояд омӯзгор як бовариеро нишон диҳад, ки онҳо аз уҳдаи ёд гирифтани хондану навистан бароянд.

Мазмуни асосии дарсҳои давраи то алифборо 3 ҷавҳари он ташкил медиҳанд:

1. Инкишофи нутқ (афсона, ҳикоя, чистон, шеър ва азёд кардани он, суҳбат аз рӯи расм.

2. Ҷудо кардан ва ба воситаи нақшаю аломатҳо нишон додани унсурҳои нутқ: ҷумла (/____ ____ ____.), калима (____), ҳиҷо (+), ҳарф (о).

3. Машқи хатҳои гуногун, ки бо муҳимтарин воситаи таълим дар ин давра китоби дарсии «Алифбо» роҳандозӣ мешавад.

Дар ҳамаи саҳифаҳои давраи омодагӣ доир ба машқи хат маводи зарурӣ (нуқтаҳо, хатҳо, унсурҳо) тавсия гардидааст, ки муаллим ҳатман пас аз суҳбат аз рӯи мазмуни расмҳо он машқҳоро мегузаронад.

Дар назар чунин менамояд, ки ин машқҳо хеле осонанд. Бале, барои одамони калонсол ва кӯдаконе, ки дар кӯдакистонҳо машқ кардаанд, душвор нест. Вале аксарияти кӯдакон аз оилаҳое меоянд, ки то ҳол қалам ба даст нагирифтаанд. Беш аз ин, ин машқҳо аҳамияти дигар ҳам доранд. Аз ҷумла:

1. Дар натиҷаи дуруст нишастан: 1) сутунмуҳра каҷ намешавад, 2) инкишофи қафаси сина, ки дар ин синну сол басо муҳим аст, таъмин мегардад, 3) чашм халал намеёбад. Ин машқҳо ва тарзи нишаст, аз як тараф, рушди мутаносиби бачаҳоро таъмин намоянд, аз тарафи дигар, ҳам кори муаллим ва ҳам кори талабаҳо осон мешавад.

2. Машқи бо амру такт навиштан, ки маҳсули методистони амрикоист, талабаҳоро ба низом одат мекунонад ва ба он нафароне, ки оянда раққоса шудан мехоҳанд, муфид меанҷомад. Такт барои машқи даст ҳамон нақшеро, ки по ҳангоми машқи рақс мебозад, иҷро менамояд. Вале, ба ақидаи мо, ин натиҷаи захмати хаттотони ниёгони мост, ки ба машқ ва ҳусни хат хеле ҷиддӣ аҳамият медоданд.

3. Машқи хат, яъне нуқтаҳоро бо ҳам пайвастан ҳам барои даст ва ҳам барои чашм аз аҳамият холӣ нест.

4. Ниҳоят, нуқтагузорӣ, ҳисоб кардани онҳо ва хаткашӣ барои аз худ кардани фанни математика аҳамияти калон дорад.

Дар натиҷа, мо ин машқҳоро гузаронда, панҷ амалро анҷом медиҳем:

1) нуқта гузоштан 2) хат кашидан 3) дуруст нишастан 4) дуруст гузоштани дафтару доштани қалам 5) амри муаллимро шунидан, ки талабаҳо тадриҷан ба

фаъолияти муҳими навиштани унсурҳои качу рост, дарозу кӯтоҳ, доираю нимдоира, ҳарфҳо, калимаҳо дар чумла омода мешаванд.

Дар ин давра бозиҳои таълимӣ нақши муҳим доранд. Бозӣ яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи муносибат дар ҷараёни дарс ва фориғ аз он мебошад. Ба ин маънӣ, бозӣ тағйири ин ё он амалҳоро табиатан роиҷ медонад ва ҳамзамон дар синф фазои солимиро фароҳам меорад. Ҳамин тавр фаъолияти кӯдакон дар ҷараёни бозӣ метавонад ба инкишофи нутқи онҳо мусоидат намояд.

Бозӣ қувваи бузург ва ниҳоят хубу ивазнашавандаи инкишофи ақлонии кӯдак аст. Атфол ба бозӣ бештар майлу рағбат доранд, ки ин табиатан хоси онҳост ва ин нуктаро равоншиносон низ ёдрас шудаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар синфҳое, ки хонандагони синни хурди мактабӣ таҳсил мекунанд, шароити хуби ташкил ва истифодаи бозиҳо дар ҷараёни дарс мушоҳида мегардад.

Бозӣ фаъолияти равонии хонандагонро муътадил намуда, шавқу ҳаваси онҳоро ба дарс, хоса ба омӯзиши фанни забони модарӣ афзуда, имконоти фарогирии маводро бештар сохта, хасташавиро рафъ менамояд ва ҷараёни омӯзишро осон мегардонад.

Чи тавре ки зикр намудем, ки бозӣ чун омили пешбарандаи фаъолияти кӯдакон дар инкишофи нутқ нақши умдае дорад, чунки лаҳзаи бозӣ аз кӯдакон қобилияти муносибати муайяндоштанро талаб мекунад.

Муошират бо иштирокдорони бозӣ шарти асосии бозӣ мебошад, яъне дар кадом дарсе, ки бозӣ ташкил карда шуда бошад (ба монанди дарсҳои забони русӣ, забони англисӣ ва ғайра), бо ҳамон забон ташкил намудани бозӣ мувофиқи мақсад аст.

Ҳамин тавр, яке аз роҳҳои муассири раванди беҳдошти сифати омӯзишу парвариш дар синфҳои ибтидоӣ истифодаи бозиҳост. Истифодаи бозиҳо дар ҷараёни таълим вазифаҳои асосии методиро амалӣ менамояд. Масалан:

- омодагии равонии хонандагон ба нутқи мураттаб;
- таъмини табиии такрори пайвастаи маводи зарурии забон;
- тамрини дурусти талаффуз, ки тайёрӣ ба фаъолияти нутқ мебошад.

Махсусан дар фосилаи аввали омӯзиш гузаронидани бозиҳои таълимӣ аҳамияти вижа дорад. Дар ҷараёни ин гуна бозиҳо гуфтори мураттаби хонандагон ташаккул меёбад. Дар ҳар як бозӣ фаъолияти муайяне амалӣ мегардад. Иштирокдорони бозӣ аз вижаҳо истифода менамоянд ва бо ёрии калимаҳо талаботи бозиро ичро намуда, саъй меварзанд, ки муносибати худро нишон диҳанд.

Бозӣ ҳамин гуна намуди фаъолияти таълим аст, ки кӯдак дар ҷараёни он имконияти аз назар гузаронидану ламс намудани ашё, тарзҳои гуногуни ҳаракат додани онҳо ва истифодаи малакаҳо ҳосилкардаашро ёд мегирад. Дар бозиҳои таълимӣ калима ва ашё, калима ва ҳаракати ашё ба кӯдак якбора пешниҳод карда мешаванд, чунки бо воситаи бозӣ принсипҳои аёният дар таълим амалӣ мегарданд. Ҳангоми бозӣ кӯдакон бояд худро озод ҳис кунанд ва аз иштирокашон дар он қаноатманд бошанд.

Бозиҳои таълимӣ шавқовар буда, беихтиёр хонандаро ба дарс ҷалб менамоянд. Ба ӯ имконияти нишон додани ҷиҳатҳои хуби инфиродиро медиҳад, ҳавасмандии хонандаро ҳангоми дарс таъмин менамояд ва аз нигоҳи равонӣ ӯро барои ичрои фаъолияти минбаъда тайёр менамояд.

Бозиҳои давраи саводомӯзӣ бо мақсади дар хонандагон тарбия намудани маҳорат ва малакаҳои дурусти талаффузи овозҳо, ҷудо намудани овозҳои зарурӣ дар ҳиҷоҳо ва калимаҳо аз ҷиҳати оҳанг гузаронида мешаванд.

Масалан, **«Бозии ҳарфҳои пошхӯрда»**. Муаллим дар як варақи коғаз бо ҳарфҳои калон-калон калимаеро менависад, вале онро ба хонандагон нишон намедиҳад. Баъд аз он калимаро бо қайчӣ бурида ба ҳарфҳои алоҳида ҷудо менамояд ва мегӯяд: «Ман калимае доштам, аммо вай пош хӯрд». Муаллим ҳарфҳоро нишон дода, онҳоро дар рӯи миз пош медиҳад.

Супориш чунин аст: кӣ тезтар аз ин ҳарфҳо калима месозад, менависад ва онро дуруст мехонад. Баъзан аз ҳарфҳои пошхӯрда 2 ё 3 калима сохта мешавад.

Бозии дигар **«Охири калима гум шудаст»** ном дорад. Муаллим дар коғаз калимаеро менависад, онро ба ду ҳиҷо ҷудо намуда, аз байн бо қайчӣ мебурад ва ҳиҷои аввалро ба хонандагон нишон дода, эълон мекунад: «Ман калимае навиштам, ки номи як ашё аст. Ин ҳиҷои якум аст, ҳиҷои дуюм гум шудааст. Калимаро пурра кунед ва нависед. Пас аз он дуруст хонед. Ғолиб ҳамон касест, ки аввалин шуда супоришро иҷро мекунад».

Бозии навбатӣ **«Бо тартиби алифбо навиштани ҳарфҳо»** мебошад. Хонандагонро ба 3 гурӯҳ баробар тақсим менамоем. Тахтаи синфро ба се қисм тақсим карда, дар ҳар қисмат даҳтогӣ ҳарфҳоро пасу пеш менависем.

1) и, ж, а, г, з, ё, е, б, в, п.

2) ӣ, м, л, к, н, т, о, п, р, с.

3) у, х, ф, ш, ч, ъ, э, ю, я, ғ

Супориш:

а) кадом қатор ҳарфҳоро тезтар ботартиб менависанд?

б) ҳарфҳои боқимондаро киҳо номбар менамоянд?

Эзоҳ:

Агар аз ҳар қатор як нафарӣ паиҳам ба тахтаи синф баромада, як ё ду ҳарфӣ (вобаста ба шумораи хонандагон) ботартиб нависанд, бозӣ боз ҳам шавқовар мегузарад.

Адабиёт:

1. Ладыженская Т.А. Методика развития речи на уроках русского языка, Москва «Просвещение» 1980.

2. М. Лутфуллоев. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ, Душанбе – 2007.

3. М. Лутфуллоев. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ, Душанбе – 1985.

4. М. Шукуров, А. Эшонҷонов, М. Раҳмонов. Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаби ибтидоӣ, Сталинобод – 1956.

5.Т.Г.Рамзаева, М.Р.Львов. Методика обучения русскому языку в начальных классах, Москва «Просвещение» 1979.

6. Шербоев С. Методикаи забони модарӣ, Душанбе – 2009.

ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ЭЛЕКТРОНӢ – ВОСИТАИ БЕҲТАРИНИ ДОНИШАНДӮЗӢ

Шарифов Муҳсин *- номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири шуъбаи мониторинги сифати таҳсилоти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992) 915 55 79 00, e-mail: charifov63@inbox.ru*

Технологияи компютерӣ имконияти васеи баланд бардоштани сатҳу сифати таълимро дорад. Воситаҳои мавҷудаи технологияи муосир ҳатман бояд ба раванди таълим пайваст гардад. Аз ин рӯ, дар мақола моҳияти истифодаи васоити техникӣ дар раванди таълим ва нақши он дар баланд бардоштани дониши донишҷӯён хеле дақиқ нишон дода шудааст. Илова бар ин, дар мақола аз худ намудани мушкилоти истифодаи васоити техникӣ дар раванди таълим қайд гардидааст.

Калидвожаҳо: *компютер, мустақилият, кооператсия, интерактив, медиазахираҳо, назорат, худбаҳогузорӣ.*

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЭЛЕКТРОННОЙ ТЕХНОЛОГИИ -ЛУЧШАЯ СРЕДСТВА ПРИОБРЕТЕНИЯ ЗНАНИИ

Шарифов Мухсин *- кандидат педагогических наук, доцент, заведующий отдел мониторинга качества учёб Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода,734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.: (+992) 915 55 79 00, e-mail charifov63@inbox.ru*

Компьютерные технологии представляют большой спектр возможностей для повышения продуктивности обучения. Существующие современные технические средства обучения должны быть включены обязательно в учебный процесс. В статье чётко определено значение использования технических средств в процессе обучения и его роль в повышении знаний учащихся. В статье также отмечается преодоление трудностей при исследовании технических средств в обучении.

Ключевые слова: *компьютер, самостоятельность, кооперация, интерактивность, медиа - ресурсы, контроль, самооценка.*

USING OF TECHNICAL PRESENTATION IN THE LEARNING PROCESS

Sharifov Muhsin *- candidate of pedagogy, associate professor, head of the department for monitoring the quality of studies Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (+992) 915 55 79 00, e-mail: charifov63@inbox.ru*

The article clearly identified the importance of using visualization technology in the learning process and its role in improving student learning. The article also points to overcome the difficulties in the study of technical means of learning.

Key words: *computer, independence, cooperation, interactivity, creativity, media resource control, self-esteem.*

Воситаи техникии навин зиндагии ҳамарӯзаи моро муайян мекунад ва тадричан пеш аз ҳама ба муассисаҳои таҳсилот реша медавонад. Аксаран тез шомил шудани иттилоот ва навгонии техникӣ ба таҳсилот омӯзгоронро баъзан нороҳат месозад. Сабаби нороҳат гардидани эшон дар он аст, ки имрӯз теъдоди зиёди муҳассилин дар истифодаи асбобҳои техникӣ аз омӯзгорон пешсафанд. Дар ин ҳолат мавқеи омӯзгор нисбат ба хонанда бояд иваз шавад. Омӯзгоре, ки мехоҳад ба чунин мавқеъ сазовор бошад, бояд ҳамеша дар ҷустуҷӯ бошад ва таҷрибаи навро қабул намояд.

Асбобҳои техникии навин фазои таҳсилотро ғаниву гуворо месозанд ва малакаю маҳорати муҳассилинро дар зинаи муайян пешгом мегардонад. Онҳо боиси пайдоиши шавқу ҳаваси донишандӯзии хонанда мебошанд, ба озмоишу кашф намудан даъват менамояд ва ниҳоят, ба пуробуранг ва ғанӣ гардонидани дониши азбарнамудаи муҳассилин сабаб мешаванд.

Ҳоло бе компютер раванди таълимро тасаввур намудан ғайриимкон аст. Сохтори таҳсилот ба танзим даровардани ҳамкории талабагонро бо васоити техникии навин ёрдам расонида, роҳҳои асосии босамар истифода бурдани онро нишон медиҳад.

Воситаҳои нави техникӣ ба ташкили усулҳои нави идоракунӣ ва ташаккули дониш оварда расонидааст. Шаклҳои оддии таълим имрӯз зери танқид қарор мегирад. Дониши расмӣ чун пештара дархост намегардад, аммо барои раванди донишомӯзии муҳассилин муҳити мусоид фароҳам овардан дар мадди аввал меистад.

Хусусияти хоси компютер ҳамчун асбоби фаъолияти инсон дар дастрасӣ ба иттилооти васеи зиёд ва коркарди он, пурзӯр гардонидани имкониятҳои даркнамоию таҳқиқотии инсон, ташкили иваз намудани иттилоот дар масоили иҷрои фаъолият ва созмон додани низоми нави коммуникативии инсон – техника намудор мегардад.

Қисматҳои фаъолияти таълим бо ёрии омӯзиши таълими компютерӣ чунин аст:

-вазифаи таълим;

- тартиби амали таълим;

- моҳияти навъи объекти азхудкунӣ;

- азнавсозии намунаҳо;

- амали худбаҳогузорӣ ва назорат [9,302].

Таҳсили анъанавӣ аз омӯзонидани таркиби мундариҷаи дониш, ки устод ба шогирд медиҳад, асос мегирад. Таълим дар ҷамъияти иттилоотӣ аз худи хонандагон, ки тарз ва методҳои худомӯзиро аз бар кардаанд, худфаъолиятии сатҳи баландро талаб мекунад. Дар раванди азнавсозии таълим дигаргун намудани фаъолият зарур аст, зеро дур шудан аз дастурҳои сахтгирӣ омӯзгорро

ба ҳамкорӣ мебарад, ки дар маркази он донишҷӯ бо маҳорат ва хусусиятҳои фардиаш меистад.

Таҳсилот аз рӯи принсипҳои нав чунин аст:

- соҳибихтиёрӣ;
- кооператсия (ҳамкорӣ);
- интерактивӣ (якҷоя амал намудан);
- эҷодкорона амал намудан[1;16].

Ба таҳсилоти нав мусоидат намудан:

- ҷорӣ намудани усулҳои нави таълим;
- бунёди мавқеи ҷадиди омӯзгор;
- ба раванди таълим самаранок ҷорӣ намудани васоити нави техникӣ;
- таъмини озодона ворид гардидан ба захираҳои иттилоотӣ (интернет).

Амаликунонии чунин қоидаҳо аз тайёрӣ ва ташабускории омӯзгор, ки бо асбобҳои иттилоотӣ кор мекунад, вобаста аст.

Китоби дарсӣ низ чун пештара имрӯз якҷоя бо аёниятҳои таълимӣ воситаи муҳими таълим ба ҳисоб меравад. Асбобҳои замонавӣ, чун фитаҳо, телевизион, видео, аудио, тахтаи электронӣ, компютер ва ғайра ба раванди таълим шомил шудаанд, аммо дар айни ҳол воситаҳои дигари таълим мавқеашонро гум накардаанд. Мавқеъ доштани омӯзгор дар раванди дарс нисбати ин ё он воситаҳои таълимӣ волотар аст, зеро маҳз омӯзгор чӣ хел, кай ва дар кадом қисмати дарс истифода бурдани ин ё он намуди иттилоотро ба тарзи дуруст муқаррар карда метавонад. Маҳз омӯзгор асбобҳоро интихоб ва идора мекунад, онҳоро мавриди истифода қарор медиҳад.

Шомил гардидани воситаҳои техникии муосир ба раванди таълим, бо техника таҳҷизонида шудани муассисаҳои таълимӣ ҳолати функсионалии раванди таълимро хушобуранг месозад. Аммо то ҳанӯз фисади ками муассисаҳоро дучор меоем, ки бо дастгоҳҳои аудиоӣ муҷҳаҳаз мебошанд. Чунин ҳолати норасоӣ ба таври фардӣ ба ҳар донишҷӯ барои фаҳмонидани матну мазмуни мавзӯъ то андозае душворӣ эҷод мекунад.

Барои самаранок истифода намудани васоити иттилоотии навин дар муҳити таълимӣ шартҳои зеринро зарур мешуморем:

а) муассисаи таълимӣ ба таври кофӣ дорои асбобҳои зарурии техникӣ бошад;

б) ҳайати омӯзгорон барои мукаммал ва таъсирбахш истифода бурдани технологияи навин тайёрии зарурӣ дошта бошанд;

в) муассисаи таълимӣ ба таври бояду шояд бо маводҳои дидактикӣ ва аутентӣ (саҳеҳ) таъмин бошад;

г) донишҷӯёну омӯзгорон имкони озодона истифода бурдани технологияи навро дошта бошанд.

Асбобҳои техникии навин ба мавҷуд будани усулҳои гуногуни таълим ва ғоибона дастрас намудани дониш роҳ мекушояд. Онҳо асосан чун восита барои худомӯзии ҳар шахс роҳ мекушоянд. Чунин асбобҳо имконият медиҳанд, ки:

- ба мундариҷаи таълим нуқтаи назари гуногун пешниҳод гардад ва ҷанбаҳои он муҳокима шавад;
- супоришҳои фардӣ ва усулҳои иҷрои он омода гарданд;
- донишҷӯён ба ҳалли масъалаҳои дақиқ сафарбар карда шаванд;
- дар гурӯҳҳо таълими кооперативӣ татбиқ гарданд;

- ба донишҷӯён роҳбарӣ ва назорат аз болои раванди таълим супорида шавад [11;43].

Технологияҳои навин аз ду мавқеъ моҳияти муҳим доранд. Аввалан, онҳо аз як ҷониб «воситаи дониш» ва баъдан, муҳити таълимро ғанӣ мегардонанд.

Воситаҳои техникии ҳозиразамон муҳити таълимии гуногуну ғаниро ба омӯзгору донишҷӯён таъмин менамояд. Талаботи саҳеҳу фарох, мавҷудияти контекстҳои гуногуну мураккаб метавонад ба таври аъло дар шароити компютерҳои ҳозиразамон назар ба технологияҳои куҳнаи таълимӣ ичро гардад.

Бо вуҷуди ин, аз худ кардани иттилоот ва коммуникатсия муҳим ва зарур аст, зеро маълумот метавонад бо усулҳои гуногуни васоити иттилоотӣ дода шавад. Дар он забони навиштаҷот, сухани гӯё, мусиқӣ, овозҳои гуногун, сурат ва видеоро дар комбинатсияҳои гуногун дарёфт кардан мумкин аст. Донишҷӯён метавонанд ҷустуҷӯ кунанд ва аз рӯи хоҳишу қудраташон иттилоотро омода намоянд.

Дар баробари имкониятҳои кушоди истифодаи таҷҳизоти компютерӣ дар раванди таълим баъзе мушкилотҳое ба назар мерасанд, ки истифодаи технология ва таъсири онро маҳдуд мегардонад. Он мушкилотҳо инҳоянд:

- хавфи зарар овардан ба саломатии истифодабаранда;
- баланд будани нархи барномаҳои компютерӣ;
- тез куҳна шудани барномаҳои компютерӣ;
- омӯзиши таъҷилии сатҳи дониши техникии омӯзгорон;
- истифодаи нодурусти технологияи навин.

Он қоидаҳои санитарие, ки то ҳол дар муассисаҳои таълимӣ вуҷуд дорад, дар солҳои пеш бароварда шуда буданд, ки дар натиҷа нишондодҳои визуалӣ, рангӣ, контрастӣ ва электромагнитии компютер ва монитории он ба муҳассилин таъсири ҷиддии манфӣ мерасонад.

Рушди бемайлони тараққиёти инқилобии технологияҳои муосир дар солҳои охир таҳҷизот ва барномаҳои компютериро қариб дар муҳлати як ё ду сол куҳна гардонид. Чунин суръати тараққиёти технологияҳои иттилоотӣ мутахассисеро, ки ихтисос ва дониши худро такмил намедиҳад, ба 3- 4 сол қафо мебарад. Ин ҳолат зарурати ташкили раванди пайвастаи такмили ихтисоси омӯзгорони соҳаи технологияи иттилоотӣ ва инчунин муаллимони дигар фанҳоро, ки дар фаъолияташон технологияҳои компютерӣ истифода мегардад, тақозо менамояд.

Ҳама бурдборӣ ва камбудию мушкилотҳои дар боло зикргардидаро ба инобат гирифта, барои фаъолияти хубу босифати минбаъдаи истифодаи васоити технологияи ҷадиди электронӣ дар самти таълиму тарбия пешниҳод менамоем:

1. То давраи гузариши курсҳои махсус омӯзгорони ҳамаи фанҳо бо муаллимони соҳаи технологияи иттилоотӣ ҳамкории зич дошта бошанд, зеро мутахассисони ин соҳа малакаи кофии истифодаи васоити электрониро доранд.

2. Омӯзгорони фанҳои мухталиф дар Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф на фақат аз фанҳои касбиашон, балки аз истифодаи васоити электронӣ низ бозомӯзӣ ва такмили малака гузаранд.

3. Хуб мешуд, ки дар тамоми муассисаҳои таълимии қаламрави кишвар дар баробари кабинети технологияи иттилоотӣ, синф-кабинетҳои фаннӣ бо таҷҳизоти электронӣ муҷҳаҳаз гардонида мешуд ва омӯзгорон дарсҳои худро бо истифода аз васоити техникӣ самаранок ба роҳ мемонданд.

4. Хеле муҳим аст, ки коркарди истифодаи технологияи компютерӣ дар фаъолияти таълим дурусттар ба роҳ монда шавад ва риояи ҷиддии назорати технологӣ дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон зери назорати ҳамарӯзаи раёсат қарор дошта бошад.

Адабиёт:

1. Авганов С.С. Профессиональная подготовка будущего учителя иностранных языков на основе применения компьютерных технологий для общеобразовательных школ- Душанбе, 2010. – 28 с.
2. Бельчаков Я.М., Бирштейн М.М. Деловые игры. - Рига, 1989.-С.47.
3. Блинов В.М. Эффективность обучения. - М., 1976. – 191с.
4. Гельмонт А.И. Кино на уроке. -М.: изд-во АПН РСФСР 1961. С.101.
5. Глушков В.М. Синтез цифровых автоматов. -М., 1962. С. 476.
6. Жерлыгина С.П. Использование компьютерных технологий в преподавание истории / С.П. Жерлыгина // Преподавание истории в школе. - 2005. - № 8. - С. 68
7. Конева С.Н. Развитие системы обучения информатике на основе использования интернет технологий. - Алматы, 2004. - 162 с.
8. Подласый И.П. Как подготовить эффективный урок.-Киев,1989.- 246 с.
9. Подласый И. Педагогика. -М., 1999. С. 576
10. Савельев А.Я. Прикладная теория цифровых автоматов. -М.: Знание, 1987. С. 272.
11. СедыхС.П. Компьютерной технология подготовки и проведения учебная занятия. - Краснодар, 1999. - 86 с.
12. Сулаймонӣ С. Китобхонаҳои электронӣ.-Душанбе, 2009
13. Интерактивные формы обучения на роках истории. [Сарчашмаи интернетӣ] www.pestershcola. narod.ru/.../ interaktivnyie formyi

ФОРМИРОВАНИЕ КОММУНИКАТИВНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ СТУДЕНТОВ - БУДУЩИХ ПЕДАГОГОВ

Саидов Сафарали Абдураимович *– кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры методики преподавания, Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, 734019, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6, тел.: 888888707, e-mail: saidov_s@inbox.ru*

В статье рассматривается вопрос о формировании коммуникативной компетентности студентов - будущих педагогов. Указаны роль педагога в системе образования и науки Республики Таджикистан и усилия руководства страны в воспитании и обучения молодого поколения.

Даются определения и рассматриваются взгляды ведущих учёных к понятиям «компетенция», «коммуникативная компетенция». Большинство исследователей считают реализацию компетентного подхода в обучении русскому языку важным направлением в профессиональной ориентации студентов.

По мнении автора проблема профессиональной коммуникативной компетентности будущих педагогов является проблемой вузовской системы образования республики и её формирование со студенческой скамьи считается своевременной.

Ключевые слова: *коммуникативная компетенция, компетентность, студент, педагогическая деятельность, коммуникативное упражнение, формирование.*

ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КОММУНИКАТИВИИ ДОНИШҶӮЁН - ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА

Саидов Сафаралӣ Абдураимович *– номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи методикаи таълими Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: 888888707, e-mail: saidov_s@inbox.ru*

Дар мақола сухан дар бораи ташаккули салоҳиятҳои коммуникативии донишҷӯён – омӯзгорони оянда меравад. Инчунин, нақши омӯзгор дар низоми таҳсилот ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кӯшишҳои роҳбарияти давлат дар тарбия ва таълими насли наврас нишон дода шудааст.

Муаллиф мафҳумҳои «салоҳият», «салоҳияти коммуникативӣ»-ро таҳлил намуда, андешаҳои донишмандони варзидаро дар ин бора ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Таъкид мегардад, ки муҳаққикони зиёд оид ба ин мафҳумҳо андешаҳои ягона доранд ва татбиқи муносибати салоҳиятнокиро дар таълими забони русӣ самти муҳим дар ташаккули касбияти донишҷӯён меҳисобанд.

Ба аҳидаи муаллиф проблемаи салоҳиятҳои коммуникативӣ (ахбори)-и касбии омӯзгорони оянда масъалаи низоми донишгоҳҳои олии ҷумҳурӣ буда, ташаккули он аз зинаҳои донишҷӯӣ муҳим ва саривақтист.

Вожаҳои калидӣ: *салоҳияти коммуникативӣ, компетентность, салоҳиятнокӣ, донишҷӯён, фаъолияти омӯзгорӣ, машқҳои коммуникативӣ, ташаккул.*

THE FORMING OF COMMUNICATIVE COMPETENCE OF STUDENTS – FUTURE PEDAGOGUES

Saidov Safarali Abduraimovich *- candidate of pedagogics, senior teacher of method of teaching department, Tajik State Institute after Sotim Ulughzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev Str., Cell.: 888888707, e-mail: saidov_s@inbox.ru*

In this article we note the question about the forming of communicative competence of students– future pedagogues. The role of teacher in education system and science of Tajikistan Republic and efforts of government in bringing-up of young generation concerned in this article.

The definition and opinion of scientists are giving according «competence», «communicative competence».

Considered, that problem of professional communicative competence of future pedagogues are the problems of High Schools system of republic and their relationships with students.

Key words: *communicative competence, competently, student, pedagogical activity, communicative exercise, forming.*

Основатель мира и согласия – Лидер нации, Президент страны уважаемый Эмомали Рахмон на встрече со студентами отметил: «Наша молодёжь после окончания вузов, как в Таджикистане, так и за его пределами должна глубоко осознать интересы нации и независимого Таджикистана, быть патриотичной, с высоким чувством национальной гордости защищать и укреплять достижения независимости. Поэтому, воспитав и обучив только такое поколение кадров, мы сможем с оптимизмом смотреть в светлое будущее Таджикистана» [10].

Современная система образования должна формировать такие качества студента Таджикистана как инициативность, инновационность и коммуникабельность. И будущий педагог обязан стремиться к самообразованию, овладеть новыми современными технологиями и использовать их, быть компетентным, самостоятельно решать задачи, адаптироваться в социально-профессиональной обстановке, наладить живые контакты и уметь работать в единой команде. Такое воспитание требует от студентов - будущих педагогов образовательного учреждения применения современных методов, приёмов и технологий, способствующие развитию коммуникативной активности студентов.

И поэтому формирование коммуникативной компетентности студентов - один из факторов становления высокопрофессионального специалиста. И задача высших учебных заведений – предоставить студентам верное представление о коммуникативных способностях личности, необходимые будущему педагогу, во время обучения которого им следует усовершенствовать эти особенности.

Компетенция (от лат. competentia - согласованность частей, соразмерность) - совокупность ЗУН, формируемых в процессе изучения той или иной дисциплины, а также способность к выполнению какой-либо деятельности. Также слово **«компетенция»** характеризуется как «осведомлённость в каком-нибудь круге вопросов» [5, с.342].

В. И. Жуков определяет коммуникативную компетентность как «способность устанавливать и поддерживать необходимые контакты с людьми» [3, с.3]. По мнению учёного Л.И. Луценко, «профессиональная компетентность – это синтез интеллектуальных способностей и навыков педагога»[6, с.61]. Также ведущие учёные считают, что понятие **«коммуникативная компетенция»** - это ***система требований*** к личности, связанных с процессом общения: грамотная речь, способность проявления индивидуальных подходов к собеседнику, знание ораторских приёмов и т.д. Если кто-либо проявил способности, то говорят, что он проявил ***коммуникативную компетентность.***

Компетентностный подход в процессе обучения русскому языку является важным направлением в совершенствовании профессиональной ориентации студентов. При этом основными компетенциями, по мнению ведущих учёных, считаются следующие:

Схема 1. Основные компетенции в преподавании русского языка
Scheme 1. The main competences in teaching Russian language



Когда мы говорим о коммуникативности обучения русскому языку, мы имеем в виду об организации занятий по языку, основной целью которого является обеспечение максимального приближения процесса обучения к реалиям. И следует обратить внимание, что развитие коммуникативной компетентности будущих педагогов - поэтапный процесс, содержащий организацию, развитие и формирование коммуникативных способностей.

На коммуникативно-диагностическом этапе, проведённом среди студентов 3-4 курсов факультета русской филологии (всего 60 человек), предполагалось диагностировать реальное состояние развития нужных умений, достижение внутренней мотивации при решении коммуникативных функций, планирование будущего уровня развития навыков в общении, правильность выбранной профессии.

Обучаемым было предложено ответить на ряд вопросов по социально-психологической среде в школе, вузе:

1. Устраивали ли Вас взаимоотношения с одноклассниками в школе?
2. Выполняли ли Вы общественные поручения в школе, вузе?
3. Имеется ли у Вас опыт выступлений на конференциях, семинарах, «круглых столах» в школе, вузе?
4. Профессиональные качества, развитые у вас хорошо.

5. Какие качества следует развивать студенту, чтобы овладеть профессией?

6. Хотите ли Вы в будущем заняться педагогической деятельностью?

7. Есть ли у Вас желание в будущем развивать навыки общения с окружающими людьми?

Результат проведённого опроса был следующим:

1. 49 чел. (81.7%) студентов положительно отозвались о взаимоотношениях с одноклассниками в школе, что позволяет охарактеризовать коммуникативную среду как в целом комфортную.

2. 55 чел. (91.7%) студентов приняли участие и своевременно выполняли общественные поручения в школе, вузе, большинство из которых относятся к участию в массовых мероприятиях знаменательных и праздничных событий в масштабах республики, города, учебного заведения.

3. Всего 18 чел. (30.0%) студентов высказались об опыте публичных выступлений на собраниях, научно-практических конференциях, что, к сожалению, говорит о слабой подготовленности будущих педагогов к коммуникации.

4. Студенты отметили, что следующие качества будущего педагога у них развиты хорошо: любовь к детям - 21 чел.(35.0%), коммуникабельность - 19 чел., пунктуальность, ответственность - 10 чел., ораторское искусство - 6 чел., музыкальные способности - 2 чел., затруднились ответить - 2 чел.

5. Чтобы овладеть будущей специальностью - педагога, студенты отметили о необходимости развития следующих профессиональных качеств: развитие устной и письменной речи (коммуникативные и лингвистические компетенции) – 41 чел.(68.3%), овладение компью-терными навыками - 4 чел., развитие ораторского искусства - 3 чел., любовь к детям – 2 чел., ответственность - 2 чел., развитие психологических качеств - 2 чел., целеустремлённость - 2 чел., толерантность - 1 чел., затруднились ответить -3 чел.

6. Заниматься профессиональной деятельностью по выбранной специальности студенты определились следующим образом: да - 41 чел. (68.3%), не думал (а) об этом - 12 чел., нет - 7 чел.

7. Заниматься самообразованием и развивать навыки общения с окружающими людьми предпочли 52 студента (86.7%).

На **коммуникативно-деятельностном этапе** обучения контролируются изменения коммуникативных способностей студентов, где в процессе общения преподаватель создаёт ситуации, способные помочь обучаемым закреплять ЗУН в различных видах речевой деятельности. Одновременно, это способствует развитию учебно-познавательной активности студентов, навыков совместной работы преподавателя и обучаемых. Эффективным способом формирования коммуникативной компетентности студентов служат упражнения для развития коммуникации.

Коммуникативные упражнения - самый простой способ обучить студента устанавливать живой контакт и уверенно вести разговор. Такие упражнения на русском языке активно применяются в ораторском мастерстве, так как они развивают важный навык - умение общаться.

На занятиях со студентами 3-4 курсов было проведено коммуникативное упражнение «Одноминутная речь», основной целью которого являлось развитие коммуникативных навыков студентов, ораторского искусства, умение выступить экспромтом.

Спикерам (студентам) было предложено произнести одноминутную речь на одну из предложенных ниже тем:

- Нужен ли русский язык молодому поколению?
- Свежие новости, услышанные мною на русском языке.
- Интересные истории из студенческой жизни.

Из числа студентов выбрали волонтёра, который контролировал время выступления.

Суть упражнения заключалась в том, что вопросы зачитывались преподавателем с экрана проектора, и спикеры поочерёдно в течение минуты выступали перед однокурсниками, демонстрируя своё ораторское умение.

При проведении данного упражнения студенты сначала чувствовали неуверенность, боялись ошибиться и спонтанно выступить перед своими однокурсниками. Однако, после первого выступления, где студент в непринуждённой обстановке рассказал о значении русского языка для молодого поколения республики, скованность исчезла.

Интересной и содержательной была тема «Свежие новости, услышанные мною на русском языке». Студенты Джумаев Д. поделился своим впечатлением о жеребьёвке чемпионата мира по футболу в Москве, Салимов З. рассказал о трагических событиях в Донецке, где уже который год продолжается война.

После выступления всех участников прошло обсуждение, в процессе которого у студентов постепенно формировалась активная, самостоятельная и творческая позиция по той или иной теме выступления. Обратная связь с участниками нестандартного занятия была проведена по заранее подготовленным вопросам, где оценивалась и комментировалась речь спикеров со стороны однокурсников.

1. Что интересного запомнилось Вам в речи спикеров?
2. Какие успешные ораторские приёмы были применены спикерами?
3. Говорить экспромтом: легко или тяжело?

Таким образом, важной проблемой системы образования Таджикистана считается проблема профессиональной коммуникативной компетентности, способная передать информацию разными речевыми средствами. И её формирование ещё со студенческой скамьи является главнейшей задачей обучения и воспитания, помогающее становлению базовых компетентностей личности.

Литературы:

1. Бодалёв А. А. Психология общения. М.: Институт практической психологии; Воронеж: НПО «Модек»,1996. – 256 с.

2. Головко Е. А. Технология формирования коммуникативной компетентности молодых специалистов вуза на этапе адаптации к педагогической деятельности: автореф. дис. ... канд. пед. наук: 13.00.08 / Е. А.Головко. – Ставрополь, 2004. – 20 с.

3. Жуков Ю.М., Петровская Л.А., Растянников П.В. Диагностика и развитие компетентности в общении. – М.: Изд-во Моск. ун-та, 1990. – 104 с.

4. Крысин Л. П. Толковый словарь иноязычных слов. М.: Рус.яз., 2003. – 856 с.

5. Куницына В. Н. Межличностное общение. Учебник дл вузов /В.Н. Куницына. – СПб.: Питер, 2001. – 544с.

6. Луценко Л. И. Компетентностная модель повышения квалификации директора школы / Л. И. Луценко // Педагогика. – 2005. – № 3. – С. 61.

7. Маркова А. К. Психологические критерии и ступени профессионализма учителя / А. К. Маркова // Педагогика. – 1995. – № 36. – С. 55 - 63.

8. Петровская Л.А. Компетентность в общении. М.: Изд-во МГУ, 2015. – 216 с.

9. Эмомали Рахмон. Послание Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 20.01.2016. http://www.president.tj

10. Эмомали Рахмон. Выступление на встрече с таджикскими студентами в Республике Корея от 13.04.2015. http://www.president.tj

11. Якиманская И.С. Психология учения студентов ОГПУ/ Якиманская И.С. – Научные труды молодых учёных ОГПУ. – Оренбург: Изд-во ОГПУ, 1997. – С.203-214.

ТЕХНОЛОГИЯИ ТАЪЛИМ ВА ИСТИФОДАИ МЕТОДҲОИ МУОСИР ДАР ДАРС

Ашурова Барно *- н.и.п., мудири кафедраи методикаи таълими Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6, тел.: (992 37) 2325000; 907765765; e-mail: barnoi-vorukh@mail.ru*

Дар мақолаи мазкур дар бораи роҳу усулҳои истифодаи технологияи муосир ва методҳои нави таълим дар дарс сухан меравад. Муаллиф тавассути шарҳу эзоҳи иборaҳои марбут ба ин соҳа ч гуна истифода бурдани методҳои гуногунро нишон додаст. Инчунин дар мақола барои тақвияти фикру мулоҳиза аз ақидаҳои педагог ва методистони рус мисолҳои мушаххас оварда, дар муқоиса бо таълими анъанав роҳу равиши истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар дарс шарҳ дода шудаанд.

Калидвожаҳо: *технология, технологияи муосир, технологияи касбӣ, технологияи таълим, технологияи таълими фаъол, технологияи педагогӣ, тахтаи электронӣ, компютер, интернет, тахтаи магнитӣ, видео, аудио, сабти овоз, санъат, маҳорат, қобилият.*

ТЕХНОЛОГИЯ ПРЕПОДАВАНИЯ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СОВРЕМЕННЫХ МЕТОДОВ НА УРОКЕ

Ашурова Барно *–к.п.н., завкафедрой методики преподавания Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, тел.: (992 37) 2325000; 907765765; e-mail: barnoi-vorukh@mail.ru*

В данной статье рассматриваются вопросы применения современных технологий и методов обучения. Автор раскрывает понятия профессиональная технология, педагогическая технология, технология обучения и показывает пути применения различных методов в процессе использования вышеупомянутых технологий. В статье приводятся различные точки зрения известных русских ученых и методистов. Раскрывая сущность технологии активного обучения, автор сопоставляет ее с традиционным обучением и показывает способы применения активного обучения на уроке.

Ключевые слова*: технология, современные технологии, профессиональная технология, педагогическая технология, технология обучения, электронная доска, компьютер, интернет, магнитная доска, видео и аудиозаписи, искусство, мастерство, способность.*

THE USE OF MODERN TECHNOLOGY AND NEW TEACHING METHODS IN THE LESSON

Ашурова Барно *– candidate of pedagogics, associate professor, head of the Department of Pedagogy and Psychology of the Tajik State Institute of languages named after Sotim Ulugzoda, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev St. tel.: (992 37) 2325000; 907765765; e-mail: barnoi-vorukh@mail.ru*

The article discusses the use of modern technologies and teaching methods. The author reveals the concept of professional technology, pedagogical technology, technology of education and shows the ways of using different methods in the process of using the aforementioned technologies. The article presents different points of view of famous Russian scientists and methodologists. Revealing the essence of technology active learning, the author compares it with traditional learning and shows ways to use active learning in the classroom.

Key words: *technology, modern technology, professional technology, educational technology, learning technology, electronic whiteboard, computer, Internet, magnetic Board, video and sound recordings, art, skill, ability.*

Солҳои охир дар дарс истифода бурдани технологияи муосир дар мадди назари омӯзгорон қарор дорад. Дар дарс истифода бурдани технологияи муосир на танҳо истифодаи воситаҳои техникӣ, аз ҷумла, тахтаи электронӣ, компютер, интернет, тахтаи магнитӣ, видео, аудио, сабти овоз ва амсоли инҳо мебошад, балки технологияи касбӣ низ дар назар аст. Технологияи касбӣ (педагогӣ) муносибати эҷодӣ доштан ба ҷараёни таълим, истифодаи методҳои нав дар дарс ва муносибати салоҳиятнокро дар бар мегирад.

Мақсади асосии истифодаи муносибатҳои нав ба таълим ва тадрис инкишоф додани тафаккури интиқодии шогирдон ва баланд бардоштани маърифатнокии онҳо мебошад. Пеш аз он ки дар бораи технологияи муосири педагогӣ сухан ронем, мо бояд мафҳуми «технология», «технологияи педагогӣ», «технологияи таълим»-ро шарҳ диҳем. Маънои мафҳуми «технология», «санъат», «маҳорат», яъне «илм дар бораи санъат, маҳорат» мебошад, ки он шакл□ои нави таълиму ом□зиш ва истифодаи технология□ои нави педагогиро талаб мекунад.

Технология□ои нави педагогӣ тақозо менамояд, ки дар ҷараёни таълим на танҳо муаллим, балки хонанда низ фаъол бошад, дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда бо роҳбарии омӯзгор ҳисса гузорад. Ҷараёни ҳалли масъалаи гузошташударо назорат карда тавонад ва натиҷаи онро арзёбӣ намояд. Бо ин васила донишу малакаи худро такмил диҳад ва маҳорат пайдо кунад. Яъне, фаъолияти хонанда дар ҷараёни таълим ҷои асосиро ишғол мекунад.

Технологияи таълим аз методи таълим фарқ мекунад. Дар китобҳои дарсии педагогика муаллифон методҳои таълимро чунин таъриф додаанд: Аз ҷумла, С. П. Баранов мегӯяд, ки : «методи таълим роҳи идроки назариявӣ, фаъолияти амалии муаллим ва талабагон аст, ки ба иҷрои вазифаҳои таҳсил нигардонида шудааст». А. К. Громсева бошад, чунин ақидад орад: «Методҳои таълим – ин тарзҳои фаъолияти якҷояи муаллиму талабагон мебошанд, ки барои ҳалли вазифаҳои таълим равона карда шудаанд».

Дар зери мафҳуми метод□ои таълим ро□, тарз ва восита□ои самарабахши фаъолияти ом□згору хонандагон нисбати инкишофи □обилияти фардии

хонандагон ва дар он□о □осил кунонидани дониш, малака ва ма□орат фа□мида мешавад. Дар методи таълим омӯзгор ма□сад□ои таълимро тавассути фаъолияти худ пешни□од менамояд, яъне мақсади вай «ом□зонидани хонандагон» ва ё «ом□хтани мавод» мебошад.

Мафҳуми метод□ои таълим аз усулҳои таълим фарқ дорад. Усул□ои таълим дар дохили методи таълим фаъолият мекунад. Усул□ои таълим амалиёти ало□идаи тафаккур, ла□за□ои таркибии раванди азхудкунии дониш□о, ташаккул додани ма□орату малака□оро дар худ инъикос менамояд. Ҳарчанд усул вазифаи муста□или таълим□ надорад, вале барои амалӣ намудани ма□сади таълим кӯмак мерасонад. Масалан, методи кор бо матни бадеӣ, ки асосан вазифаи ташаккул додани ма□орату малака□оро дорад, чунин усул□оро дар бар мегирад: усули кори муаллим бо матн, ки дар асоси ин усул муаллим муста□илона кор кардани шогирдон бо матн, ба хонандагони фаъол додани супоришҳои иловагӣ (масалан, кор бо луғат), муносибати фардии муаллим бо хонандагони сустхон, натиҷагирӣ аз мазмуну мундариҷаи матн ва □айраро иҷро менамояд. Ҳамин тариқ, як метод метавонад якчанд усулро дар бар гирад.

Технологияи педагогӣ бошад, бо як тартиби муайян мақсади гузошташударо ташхис мекунад ва натиҷаи мушаххас ба даст меорад. Яъне, маводи таълимӣ аз тарафи омӯзгор коркард мешавад, технологияи истифодабарии онро пешбинӣ менамояд, ки инро кори эҷодии омӯзгор гуфта метавонем. Яъне, технологияи педагог□ ин усули системаноки та□ия, истифода ва муайян намудани тамоми раванди таълим ва азхудкунии дониш□о, ки ба ма□сади самаранок гардонидани шакл□ои та□сил равона карда шудааст.

Технологияи муосири педагогӣ ин ҳамкории муаллиму шогирд дар дарс, истифодаи методҳои гуногуни муосир дар таълим, истифодаи самараноки технологияи муосир дар дарс, истифодаи самараноки маводи интернет ва ғайра мебошад.

Дар сарчашмаҳо дар бораи мафҳуми технологияи педагогӣ маълумотҳои гуногун дода шудааст. Масалан, В. П. Беспалко технологияи педагогиро техникаи мундари□авии татби□и раванди таълим номидааст. И. П. Волков технологияи педагогиро тасвири раванди ноил гаштан ба нати□а□ои чашмдошти таълим ва В. М. Шепел бошад, технологияро санъат, ма□орат, □обилият, ма□м□и метод□ои коркард ва та□йири □олат меномад. Технологияи педагог□ ин усули системаноки та□ия, истифода ва муайян намудани тамоми раванди таълим ва азхудкунии дониш□о бо назардошти захира□ои техникиву инсон□, ки ба ма□сади самаранок гардонидани шакл□ои та□силот ало□аманд карда мешаванд, мебошад.

Дар таълими анъанавӣ ба шогирдон донишҳои асоси илмидошта омӯзонида мешуд. Яъне хотираи онҳо бо маълумотҳои асосноккардашуда, ахбор, далелҳо ва мафҳумҳои гуногун пур карда мешуд. Сатҳи дониши воқеии онҳо хеле баланд буд ва дар олимпиадаҳои ҷаҳонӣ ширкат варзида, дониши хубӣ воқеъ нишон медоданд. Онҳо дар ҳалли саволу супоришҳои донишу малакаҳои фаннӣ хеле муваффақ мегардиданд. Аммо дар ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ, шарҳу таҳлили маълумот, хулосабарорӣ ва муҳокимаи натиҷаҳои ин ё он тағйирот душворӣ мекашиданд.

Дар замони муосир сифати таҳсилот ҳамчун сатҳи малакаҳои мушаххаси умумитаълимӣ, ки ба худмуайянкунӣ ва худфаъолиятии шахс вобаста аст, фаҳмида мешавад. Дар ин ҳолат дониш на “барои захира”, балки барои фаъолияти минбаъда дар вазъиятҳои гуногуни ҳаётӣ бояд аз худ карда шавад.

Ҳамин тариқ, бояд муносибатро нисбат ба таълим тағйир диҳем ва аз азхудкунии маълумот, яъне натиҷа – дониш ба ташаккули натиҷа – қобилият гузарем. Яъне муносибати худро нисбат ба раванди таълим ва тарзи фаъолияти хонандагон дигаргун созем. Барои ба ин амал ноил гардидан зарурати татбиқи технолонияи таълими **фаъол** (бисёр коркунанда, серкор, пуркор) ва **фаъолият (**кӯшиш, сер□аракатӣ ва ҷиддият дар иҷрои коре, □айрат ва ҷидду ҷа□д дар кор) ба миён меояд.

Технологияи таълими фаъол тарзи ташкили раванди таълимест, ки маҳаки асосии онро фаъолияти ҳаматарафа, фаъолгардонӣ ва иҷрои мустақилонаи амалҳои маърифатии хонанда ташкил медиҳад.

Хусусияти асосии технологияи таълими фаъол дар он аст, ки хонандагон ба таври муста□илона дониш□ои навро тавассути фаъолияти та□□и□от□ «кашф» мекунанд. Ин имкон меди□ад, ки дониш ва малака□ои таълим□ барои хонандагон а□амияти шахс□ пайдо кунад.

Технологияи таълими фаъол воситаи универсал□ буда, ба ом□згор имконият меди□ад, ки дарс□оро мувофи□и талаботи стандарти муосири таълим ба ро□ монад. Яке аз талаботи технологияи таълими фаъол кор дар гур□□□о мебошад. Ташкил намудани кор дар гурӯҳҳо имкон медиҳад, ки ҷараёни таълим ба таври самаранок ташкил карда шавад.

Яке аз навъи кори гур□□□ ин кори дунафар□ мебошад. Дар лаҳзаи муста□камкунии мавз□и нав, масалан, аз хонанда хо□иш карда мешавад, ки барои □амнишасташ барои муста□камкунии мавз□и нав супорише омода намояд. Хонандагони дигар ба □авоб ва тарзи и□рои супориш ди□□ат меди□анд. Дар □олати ҷавоб ё нодуруст будани иҷрои супориш ба дигар хонандагон имконият дода мешавад, ки супоришро иҷро кунанд. Барои и□рои чунин вазифа ва□ти мушаххас дода мешавад, масалан, пан□ да□и□а.

Ом□згор □авоби хонандагонро интихобан г□ш мекунад ва нати□аи корашонро арзёб□ мекунад. Дар ин мар□ала асосан арзёбии ташаккулди□анда истифода мешавад. Вазифаи ом□згор ва хонандагон муайян кардани □алат ва ро□□ои исло□и он□о мебошад. Яке аз хусусият□ои хуби кори дунафар□ дар як ва□т маш□ул шудани тамоми синф аст: хонандагон масаъларо му□окима мекунанд, □алат□оро муайян ва исло□ мекунанд, дониш□ои худро таҳким мебахшанд.

Дар усули анъанавӣ бошад, аксари хонандагон ва□ти зиёди дарсро ба мушо□идаи фаъолияти дигарон сарф мекунанд. Аз □умла, на□ли ом□згор, □авоби □амсинфашонро г□ш мекунанд, кори хонандаи ало□идаро дар тахтаи синф мушо□ида мекунанд ва ғайра.

Ҳамин тариқ, кори дунафар□ ё гур□□□ ба шогирдон имкон меди□ад, ки бо шарикони худ су□бат кунанд, мавод ва маф□ум□ои азхудкардаашонро г□янд, малакаи дарккунии худро такмил ди□анд.

Хулоса, дар амал татбиқ намудани технологияи таълими фаъол дар раванди таълим барои ноил шудан ба натиҷаҳои мусбат мусоидат мекунад.

Хонандагон малакаҳои асосии умумитаълимиро аз худ мекунанд. Истифодаи технологияи мазкур имконият медиҳад, ки раванди таълим мақсаднок ва босамар ба роҳ монда шавад. Чунки вазифаи омӯзгор “додани” дониш набуда, балки бедор кардани шавқи хонанда ба таълим, дастгирии имкониятҳои ҳар як хонанда, ташкил кардани фаъолияти маърифативу эҷодии онҳо мебошад.

Адабиёт:

1. Ашӯрова Б., Ҷабборова М. Усули ташкил ва гузаронидани бозиҳои грамматикӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ. Маорифи Тоҷикистон №5, 2016
2. Восиев Қ. Дарси мунозиравии адабиёт. Душанбе «Маориф», 1992
3. Гадоев К.Х., Дилафрӯзи Н. Методҳои ташкил ва гузаронидани корҳои мустақилонаи донишҷӯён аз фанни забони англисӣ дар ихтисосҳои ғайризабонӣ. Паёми донишкадаи забонҳо №1(21), 2016
4. Дастури таълимии «Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол», Душанбе, 2007
5. Лутфуллоев М. Дарс. – Душанбе, 1995
6. Сангинов Н. Татбики низоми кредитии таҳсилот бо дар назардошти хусусиятҳои миллӣ. «Масъалаҳои маориф», №5, 2008
7. Султонҳайдаров Н.Х. Методика использования интерактивной доске в учебном процессе вуза.Паёми донишкадаи забонҳо №1(21), 2016
8. Сафиаллоева Л.С., Бердов Д.Б. Игры на уроке немецкого языка в процессе начальной этапа обучения. Паёми донишкадаи забонҳо №1(21), 2016
9. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. Душанбе, 2012.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди I. Душанбе. 2008
11. ХуторскойА. В. Современная дидактика: учебное пособие/ А. В. Хуторской. – М. Высшая школа, 2007.
12. Шобеков М. Рушди фаъолияти илмӣ-методӣ дар шароити таълими кредитӣ. «Масъалаҳои маориф», №5-6, 2009

ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОН БО ИСТИФОДА АЗ УСУЛҲОИ ХУДОМ□З□

Камилова Фазилат Қаҳрамоновна *- муаллими калони кафедраи иттилоот ва илмҳои табиии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6, тел.: (+992) 777000566, e-mail: fazil@mail.ru*

Дар макола муалиф к□шиш намудааст, ки хусусиятҳои хоси тарбияи ватанд□стии хонандагон ва аҳамияти истифодаи усулҳои худом□зии хонандагонро дар раванди тарбияи ватанд□ст□ мавриди баррас□ қарор диҳад.

Калидвожаҳо: *тарбияи ватандӯстӣ, худомӯзӣ, хонандагон, усулҳои худомӯзӣ, тарбиягиранда.*

ОСОБЕННОСТИ ПАТРИОТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ ШКОЛЬНИКОВ ПРИЁМАМИ САМООБРАЗОВАНИЯ

Камилова Фазилат Кахрамоновна *- старший преподователь кафедры информатики и естественных наук Таджикского государсвенного института языков имени Сотима Улугзода, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, тел.: (+992) 777000566, e-mail: fazil@mail.ru*

В данной статье автор рассматривает вопросы, связанные со специфическими особеностями воспитания патриотизма у учащихся и важность использования методов самопознания учащихся в процессе воспитания патриотизма.

Ключевые слова: *воспитание патриотизма, самопознание, учащиеся, способи самопознания, воспитуемый.*

FEATURES OF PATRIOTIC EDUCATION OF SCHOOLCHILDREN SELF-LEARNING TECHNIQUES

Kamilova Fazilat Kahramonovna *- senior lecturer of the Department of Informatics and Natural Sciences of the Tajik State Institute of languages named after Sotim Ulugzoda, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev Str. Cell.: (+992) 777000566, e-mail: fazil@mail.ru*

In this article, the author examines the issues associated with the specific patriotism in students and the importance of using methods of self-knowledge in the upbringing of students patriotism.

Keywords: *patriotism, self-awareness, self-knowledge, methods, students education.*

Яке аз проблемаҳои тарбияи асосҳои ватандӯстӣ дар хонандагон ин муайян намудани мундариҷаи таълим, воситаҳо ва методҳои тарбияи мазкур ба шумор

меравад. Муҳимтарин воситаи тарбияи ватандӯстӣ ин худомӯзии хонандагон мебошад.

Худомӯзӣ ҳамчун як падида ҳама вақт таваҷҷуҳи файласуфон, равоншиносон, физиологҳо ва махсусан педагогҳоро ба худ ҷалб карда буд ва имрӯз ҳам дар маркази таваҷҷуҳи қишрҳои гуногуни ҷомеа қарор дорад.

Файласуфон асосан масъалаи ҷойгоҳи худомӯзиро дар рушди ҷомеа ва шахс мавриди баррасӣ қарор додаанд. Таваҷҷуҳи равоншиносонро бошад, масъалаи табиат, манбаъҳо ва раванди худомӯзӣ ба худ ҷалб мекунад. Мутахассисони соҳаи педагогика ба муайян намудани робитаи байни тарбия ва худомӯзӣ, нақши худомӯзӣ дар системаи умумии омилҳое, ки дар тарбияи насли наврас таъсиргузоранд, машғул мебошанд. Дар ин илм диққати асосӣ ба коркарди принсипҳо ва методҳои роҳбарӣ ба худомӯзии хонандагон дода мешавад.

Тарбияи ватандӯстии хонандагон бо истифода аз усулҳои худомӯзӣ талаботи зеринро ба миён мегузорад:

-хусусияти таърихӣ ва фарҳангӣ доштани тарбияи мазкур, ки ба роҳ мондани тарбияяро дар асоси расму оинҳо, арзишҳои таърихию фарҳангии ватанӣ ва маъёрҳои фарҳангии миллӣ, анъанаҳои этникии маҳаллӣ, ки бо арзишҳои умумибашарӣ мувофиқат мекунанд, талаб менамояд. Ин хусусияти тарбияи ватандӯстӣ омода намудани насли наврасро ба воридшавӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ дар асоси фарҳанги муошират байналмилалӣ, ҳамкорӣ, муколамаи фарҳангҳо ва ҳамзистии осоишта ба роҳ монда мешавад;

-тамоил доштан ба фоидаи дигар равандҳои тарбия, ки дар нигаронида шудани он ба ғояҳои инсондӯстӣ ва амалӣ намудани тасаввурот дар бораи тарбиягиранда ҳамчун шахсияти мавриди инкишофдиҳии тарбия, дар хонандагон тарбия намудани муносибати инсонгароӣ ба таърихи кишвари худ, объектҳои фарҳанг, табиат, инсонҳо ва ба худ зоҳир мегардад. Ин хусусияти тарбияи ватандӯстӣ кӯшиши кӯдакро ба худинкишофдиҳӣ, ангезиш, ҳавасмандӣ ба нишон додани ташаббуси кӯдакона, худфаъолиятӣ равона месозад, инчунин ба кӯдакон имкон медиҳад, ки онҳо мавқеи фаъоли шаҳрвандии худро амалӣ созанд ва мувофиқи қобилияташон дар меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ширкат варзанд;

-мувофиқати шаклу методҳо дар тарбияи ватандӯстӣ, ки истифодаи шаклу методҳои махсуси корҳои ватандӯстиро бо дарназардошти синну соли хонандагон ва муҳити иҷтимоию фарҳангии онҳо дар назар дорад;

-фаъолнокӣ ва фаъолияти баҳри амалӣ намудани таълими дорои хусусияти худтарбиякунию ватандӯстӣ;

-муттаҳид намудани тарбияи ватандӯстӣ ва навъҳои дигари тарбия барои таъсири ҳаматарафа расондан ба андешаҳо доир ба олами атроф ва одатҳои хонандагон (1,с.12).

Тарбияи ватандӯстӣ бо истифода аз усулҳо ва роҳҳои худомӯзӣ дар сатҳи ҳаматарафа ҳамчун яке аз бахшҳои таркибии тарбия ба сифати ниҳоди иҷтимоӣ ягонагии ҷомеаро тавассути роҳандозӣ намудани амалҳои зерин таъмин менамояд:

-фароҳам овардани шароит барои инкишоф бо мақсади аз лиҳози ватандустӣ қонеъ гардонидани талаботи мақсадноки аъзоёни ҷамъият;

-омода намудани «сармояи инсонӣ»-и мувофиқ барои инкишофи ҷамъият, ки ба андозаи кофӣ ба фарҳанги ҷомеа мувофиқ бошад ва тарбия намудани хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстдӣ;

-таъмин намудани суботи ҳаёти ҷамъият тавассути ба насли наврас интиқол додани арзишҳои фарҳангӣ, арзишҳои ватандӯстӣ ва ғайра.

Дар робита ба масъалаҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути усулҳои худомӯзӣ метавон қайд кард, ки онҳо дар худ мутобиқшавии хонандагонро ба фазои иттилоотию омӯзишӣ, созандагию инкишофдиҳӣ, ислоҳкунӣ ва ҳавасмандии зодгоҳ ва ватани худ, фароҳам овардани шароит барои худтакмилдиҳии ахлоқию ватандӯстии хонандагонро фаро гирифтанд.

Тарбияи ватандӯстии хонандагон бо ёрии методҳои худомӯзӣ аз ҷиҳати усулҳои истифода (аз ҷиҳати шаклҳо ва методҳо) вобаста аз синну соли хонандагон, сатҳи таҳсили онҳо махсусиятҳои худро дорад.

Дар синфҳои таҳсили ибтидоӣ дар мактаб кӯдакон дар бораи табиат, донишҳои ибтидоӣ, дар бораи гузашта ва ҳозираи Ватани худ тасаввуроти равшан касб мекунанд. Ҳангоми ба хонандагони хурдсол дар бораи табиат ва ҷомеа додани донишҳои одӣ мактаб ба таври мунтазам ба хонандагон баррасӣ намудани ҳодисаҳои мавриди омӯзиш, робитаи умумӣ ва инкишофи онҳо, ёфтани сабабҳои воқеии наздики онҳоро ёдрас менамояд. Дар рафти таълими тарбияткунанда кӯдакон мафҳумҳои одиро дар бораи қоидаҳои рафтор, сифатҳои маънавиро аз худ мекунанд ва дар натиҷа дар онҳо ҳисси ватандӯстӣ, дӯстӣ ва рафоқат, коллективизм, поквиҷдонӣ ва росткорӣ, кафолати муташаккалӣ ва интизомнокӣ ба вуҷуд меояд.

Дар синфҳои миёна ва синфҳои болоӣ бо ёрии омӯзиши амиқ ва доимии фанҳои табиию риёзӣ ва гуманитарӣ сатҳи ҳамаи корҳо доир ба дар наврасон ташаккул додани ҷаҳонбинии илмӣ ва хислати ватандӯстӣ, эътиқодҳои ватандӯстӣ, одатҳо, нуқтаи назар, ақидаҳо ва майл ба арзишҳо, аз худ кардани рафтори оқилона, инкишофи малака ва қобилиятҳои ватандӯстӣ баланд бардошта мешавад.

Истифодаи имконияти тарбияи ватандӯстӣ бо истифода аз усулҳои худомӯзӣ ба назар гирифтани хусусиятҳои синнусолии хонандагон, сатҳи инкишофи равонию ҷаҳонбинӣ, мафҳуми олам ва равандҳои иродавиро талаб менамояд ва дар худ ҳамоҳанги мундариҷаи маводи мавриди омӯзиш, шаклҳо, методҳо ва роҳҳои таълимро фаро мегиранд, ки муттасилӣ ва пайдарҳамии оқилонаи равандҳо кӯшишҳои тарбиявиро доир ба ташаккул додану беҳтар намудани сифатҳои ватандӯстӣ дар хонандагон воқеан имконнопазир мегардонад.

Дар амри беҳтар намудани фаъолияти таълимии омӯзгорон доир ба тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути усулҳои худомӯзӣ ба таъминоти методии онҳо, яъне донистани усулҳои гуногуни педагогӣ аз ҳониби онҳо бояд диққати махсус дод.

Аз рӯи ҳаҷм, ифоданокӣ, мақсаднокии педагогӣ ва самарабахшии истифодаи методҳои педагогӣ метавон дар бораи маҳорати тарбиякунии омӯзгор қазоват кард.

Усулҳои тарбияро дар рафти тарбияи ватандӯстии хонандагон бо истифода аз усулҳои худомӯзи мутобиқ ба самт ва хусусияти воситаҳо ва методҳои истифодашаванда метавон ба зергурӯҳҳо ҷудо кард:

-воситаҳо ва методҳое, ки ба мундариҷаи маводи таълимӣ ворид карда шудаанд;

-воситаҳо ва методҳои гуногун;

-талаботи бевоситаи педагогӣ;

-талаботи педагогии ғайриасосӣ;

-талаботи педагогии бавосита.

Усулҳои муҳими тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути усулҳои худомӯзӣ чунин аст:

-овардани мисол (қаҳрамонии аскарон, аз ҷумла қаҳрамониҳои ҳамдиёрони хонандагон, бартарияти техникаи ватанӣ, амалҳои огоҳонаи мутахассисон дар шароитҳои фавқулоддаи душвор, иҷрои софдилона ва ҷоннисоронаи қарзи конститутсионӣ);

-истифодаи усулҳои муқоиса, муқобилгузорӣ (сиёсати давлатҳои мухталиф, имконияти илму маориф дар кишварҳои гуногун, сатҳи рушди фарҳанг ва ғайра);

-наҳли таъсирбахшу образнок (дар бораи аъанаҳои мардумӣ ва расму оини зодгоҳ ва тараннуми марзу буми Ватан, ҳодисаҳои фардии номаълуми амалиёти низомӣ, нақшаи дурнамои тараққиёти минтақа, васфи зебоиҳои хизмат ба Ватан, симои ахлоқии шаҳрванди муосир ва ғайра);

-тавзеҳ додан ва ошкор намудани дурӯғ (таҳриф кардани таърихи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ғайра);

-баррасии ҳамаҷонибаи далелҳо, ҳодисаҳо (ҷиҳатҳои мусбату манфии рушди иқтисодии кишвар, мухолифатҳо дар инкишофи бахши маънавиёти ҷамъият).

Таъсири тарбиявӣ ба хонандагон дар раванди тарбияи ватандӯстӣ, инчунин бо истифода аз методҳои худомӯзӣ тавассути шакли муносибатҳо, ки дар рафти дарсҳо ташаккул меёбанд, сурат мегирад. Риояи принсипҳо ва бархӯрди муносибу хайрхоҳона ба фаъолияти ғайратмандонаи ҳар як иштирокчии раванди таълим мусоидат менамояд ва дар хонанда сифатҳои шахсиро тарбия менамояд.

Ба хусусиятҳои хоси ин муносибатҳо шахсияти омӯзгор ва маҳорати педагогии ӯ таъсири ҳалкунанда мерасонанд. Ба қатори сифатҳои асосии омӯзгор муътақидии ғоявӣ, тафаккури дар сатҳи зарурӣ инкишофёфта дар аз худ намудани илмҳои гуногун, инсонӣ, ватандӯстӣ, шаҳрванди хуб будан, ахлоқи хуб, дониши хуб, сатҳи баланди маданият ва маҳорати хуби касбӣ доштани омӯзгор дохил мешаванд, ки дар тарбияи ватандӯстии хонандагон нақши муҳим доранд.

Дар тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути усулҳои худомӯзӣ яке аз омилҳои муҳим ин мавқеи иҷтимоию шахсии омӯзгор ба шумор меравад, ки аз хусусиятҳои зерин иборат аст:

-муносибати шахсии мусбат ба муҳити иҷтимоӣ;

-мулоҳизаи оқилона дар бораи дурнамо ва афзалиятҳои тараққиёти кишвар дар шароити муосир, бехатарии экологии минтақа, зарурати иҷрои босифати қарзи шаҳрвандӣ ва сарбозӣ ва ғайра;

-муносибати мусбат ба анъанаҳои мардумӣ, эътиқодоти динӣ, таърих, ба хатмкунандагони ояндаи мактаб ва ғайра;

-суханҳои хуб дар бораи вазъият дар мактаб ва ҳайати синф;

-муносибати эҳтиромона ва боэътимод ба хонандагон, роҳ надодан ба паст задани шаъну эътибори онҳо, заминаи мусбати эҳсосот барои баён намудани андешаи худ доир ба масъалаҳои ҷамъиятӣ ва ғайра.

Дар рафти тарбияи ватандӯстии хонандагон бо истифода аз усул□ои худомӯзӣ муҳити атрофи хонанда, ки бо фазои маънавӣ ва мундариҷаи худ ба тарбияи ватандӯстии хонандагон мусоидат мекунад, а□амияти калон дорад.

Адабиёт:

1. Гасанов З.Т. Патриотическое воспитание граждан// - 2005-№ 6, с. 59.
2. Давлатшоев И. Духовное воспитание школы на современном этапе. Монография. Душанбе: Мавлави, -252 с.
3. Добролюбов Н. А. По поводу педагогической деятельности Пирогова. О значении авторитета в воспитании (Текст)/ Н.А.Добролюбов.- СПб.: (б. и.), 1918,-133 с.
4. Ефремова Г. Патриотическое воспитание школников// Воспитание школников- 2005, № 8- С. 17.
5. Ешимханов С. Е. Воспитание юных патриотов.- Алма- Ата: Мектеп, 1976.- 172 с.

МУНДАРИҶАИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОН БО ИСТИФОДА АЗ УСУЛҲОИ ХУДОМӮЗӢ

Нарзуллоев Х.С *- муаллими калони кафедраи иттилоот ва илмҳои табии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6, тел.: (+992) 985349374, e-mail: Khabib79@mail.ru*

Нарзуллоев.Ф.С. *- ассистенти кафедраи иттилоот ва илмҳои табии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода , ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6, тел.: (+992) 918446720, Fazliddih87@mail.ru*

Дар мақола муалиф нақши худом□зиро дар тарбияи ватанд□стии хонандагон мавриди баррас□ қарор дода, инчунин аҳамияти муттаҳид намудани донишҳои байни фанниро дар тарбияи ватанд□стии хонандагон нишон додаст.

Калидвожаҳо*: тарбия, тарбияи ватандӯстӣ, худомӯзӣ, робитаи байнифаннӣ, худтарбиякунӣ.*

ГРАЖДАНСКОЕ ВОСПИТАНИЕ ШКОЛЬНИКОВ СРЕДСТВАМИ САМООБРАЗОВАНИЯ

Нарзуллоев Х.С *- старший преподователь кафедры информатики и естественных наук Таджикского государсвенного института языков имени Сотима Улугзода, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, тел: (+992) 985349374, e-mail: Khabib79@mail.ru*

Нарзуллоев.Ф.С. *- ассистент кафедры информатики и естественных наук Таджикского государсвенного института языков имени Сотима Улугзода, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, тел: (+992) 918446720, Fazliddih87@mail.ru*

В данной статье расматриваются вопросы, связанные с воспитанием потриотизма у учащихся. Также автор показывает важность укрепления межпредметных связей в процессе воспитания патриотизма.

Ключевые слова: *воспитание, воспитание патриотизма, межпредметные связи, самопознание, самовоспитание.*

CIVILIAN EDUCATION OF SCHOOLCHILDREN BY MEANS OF SELF-EDUCATION

Nazrulloev H.S. *- senior lecturer of the Department of Informatics and Natural Sciences of the Tajik State Institute of languages named after Sotim Ulugzoda, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev Str. Cell.: (+992) 985349374, e-mail: Khabib79@mail.ru*

Nazrulloev F.S. *- assistant of the Department of Informatics and Natural Sciences of the Tajik State Institute of languages named after Sotim Ulugzoda, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev Str. Cell.: (+992) 918446720, Fazliddih87@mail.ru*

In this article there issues related to raising students ' patriotism. The author also shows the importance of strengthening the interdisciplinary ties in the upbringing of patriotism.

Keywords: *education, upbringing, interdisciplinary communication, self-knowledge, self-education.*

Худомӯзӣ фаъолияти огоҳона ва мунтазами инсон мебошад, ки ба мақсади тарбияи сифатҳои зарурии шахсӣ ва касбӣ, тарбияи сифатҳои баланди маънавӣ, ноил гардидан ба камолоти ҷисмонӣ, таҳким бахшидани малакаю қобилиятҳо, аз худ кардани методикаи идора намудани раванди худтакмилдиҳӣ дар асоси таҷрибаи худ сурат мегирад. Ба ақидаи педагог ва мураббии машҳури шӯравӣ В.А.Сухомлинский, «худомӯзӣ ин на як чизи ёрирасоне дар тарбия, балки заминаи он аст. Ҳеҷ кас наметавонад инсонеро тарбия намояд, агар ӯ худро тарбия накунад»

Педагоги машҳури шӯравӣ А.С. Макаренко низ ба худтарбияткунӣ даққати ҷиддӣ медод. Номбурда худтарбиякуниро ҳамчун сабаби худи раванди инкишофи шахсият дар коллектив маънидод мекард. Дар ибтидо инкишофи шахсият дар зери таъсири талаботи беруна, баъдан бошад, дар натиҷаи талаботи ҷиддӣ нисбат ба худ, яъне бо роҳи худомӯзӣ сурат мегирад. А.С. Макаренко исбот менамояд, ки худомӯзӣ ин раванди ҷудогона набуда, балки фаъолияти якҷояи тамоми коллектив мебошад. «Рафти тамоман ноаёни тарбия, ки аз ҷониби Антон Семенович ва ҳайати муттаҳидаи педагогҳои интихобкардаи ӯ равона гардидааст, ба раванди худомӯзии дастаҷамъӣ мубаддал гардидааст. Маҳз он чизи наве, ки А.С. Макаренко ба назария ва амалияи худомӯзӣ дохил кардааст, аз ҳамин иборат аст».

Яке аз масъалаҳои методологии тарбияи ватандӯстии хонандагон бо усулҳои худомӯзӣ ин проблемаи муттаҳид намудани донишҳои байнифаннӣ ва махсусиятҳои истифодаи методҳои умумӣ ба шумор меравад.

Равандҳои муттаҳидкунӣ дар рафти тарбияи ватандӯстии хонандагон бо усулҳои худомӯзӣ имрӯз дар натиҷаи баъзе сабабҳои беруна бартарият пайдо кардаанд. Дар шароити тараққиёти баъдисаноатӣ, вақте ки шакли нави сохтори ҷамъиятӣ ташаккул меёбад, барои аз худ кардану самарнок истифода бурдани иттилооти нав ҷамъияти огоҳ ва донишҳои муттаҳидшуда (ҳам таълимӣ ва ҳам илмӣ) шарти зарурӣ ба шумор меравад.

Талаботи бозори муосири меҳнат ба мутахассисони соҳибмаълумоти дорои донишҳои васеъ, ки ба тағйироти хусусияти меҳнат, аз худ кардани технологияҳои нав зуд мутобиқ мешаванд, зарурати бунёди низоми нави тайёр намудани насли ҷавонро ба миён мегузорад, ки асоси онро ақидаҳои муттаҳид намудани донишҳо аз фанҳои гуногун ташкил медиҳанд.

Усули асосии амалӣ намудани мундариҷаи тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути худомӯзӣ ин дарс мебошад.

Дар рафти тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути усулҳои худомӯзӣ таркиби дарс бояд аз унсурҳои зерин иборат бошад:

-мавҷудияти унсурҳои муттаҳидшаванда (проблема, назария, метод ва ё объекти омӯзиш);

-бархӯрди ҳамгиросозӣ ба гулчин кардани мундариҷаи маълумот: донишҳо, қобилиятҳо, малакаҳо, самтҳои аҳамиятнок дар асоси шаклҳои мухталифи дарки воқеият (донишҳои илмӣ, фалсафа, санъат, диншиносӣ, мифология);

-интихоби шакли ба мундариҷаи мувофиқ гузаронидани дарс, ки инкишофи тарафҳои гуногуни шахсияти хонандаро таъмин менамояд.

Мисоли барҷаста барои муттаҳид кардани донишҳо, ки қоидаҳои баҳснопазири дар боло овардашударо таҷассум мекунад, ҳамгиро намудани дарсҳо маҳсуб меёбад.

Масъалаҳои дигари илмии тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути усулҳои худомӯзӣ масъалаҳои илмӣ-педагогӣ мебошанд, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

-бунёд намудан ва инкишоф додани системаи тарбияи ватандӯстӣ дар муассисоти таълимӣ ва муассисаҳои дигар;

-беҳтар намудани мундариҷа ва методикаи инкишофи дорои самти тарбия ва таълими ватандӯстӣ;

-ташаккул додани шаклҳои таълими муттасили шаҳрвандони ба тарбияи ватандӯстӣ мувофиқ;

-беҳтар намудани сохтор ва идораи муҳити иҷтимоию педагогии тарбияи ватандӯстӣ;

-инкишоф додани унсурҳои иҷтимоии тарбияи ватандӯстӣ;

-ташаккул додани майл ба арзишҳои ватандӯстӣ ва ҷавҳари онҳо, яъне ташаккул додани ғояҳо дар хонандагон ва ҷавонон;

-мундариҷа ва методҳои ба роҳ мондани тарбияи ватандӯстӣ, муайян намудани ченаки арзёбӣ ва нишондодҳои он;

-ба назар гирифтани ҷинс ва синну соли хонандагон дар мавриди ташкили раванди тарбия;

-ҷойгоҳ ва нақши оила дар ин намуди тарбия ва ғайра.

Бояд дар хотир дошт, ки аз лиҳози мақсаднокӣ тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути усулҳои худомӯзӣ, ба ғайр аз тамоюл ба тарбияи сифатҳои муҳими иҷтимоӣ боз ба амалӣ намудани дигар мақсаду вазифаҳои тарбия, ба мисли бомуваффақият ба ҳаёти иҷтимоӣ омода намудани насли наврас дар шароити муосир ва худинкишофдиҳии инсон, ҳамчун мавҷуди фаъол, ҳамчун шахси эҷодкор ва ҳамчун фард равона мегардад.

Худи ҳаёт, хусусиятҳои хоси ҳозираи он нишон медиҳанд, ки натиҷабахшии тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути усулҳои худомӯзӣ дар навбати аввал аз тарбияи оилавӣ вобаста аст. Танҳо дар оила кӯдак маълумоти ибтидоӣ дар бораи муҳаббат ба ҷомеаи хурде, ки кӯдак дар он зиндагӣ мекунад ва зодгоҳи худ ба даст меорад ва танҳо ба воситаи оила робитаи ирсии наслҳо, афкори ватандӯстии халқҳо дар ҳамоҳангии хусусиятҳои хоси таърихан ташаккулёфта ва махсусиятҳои динии онҳо пойдор ва устувор боқӣ мемонад. Маҳз оила дар маркази таъсири хатаровари механизмҳои иқтисоди бозорӣ, ки дар марҳилаи пасошӯравии рушди кишвар ба амал омад ва таъсири сиёсати вайронкунандаи пояҳои ахлоқию маънавии воситаҳои ахбори омма қарор гирифт. Маҳз оила ҳамчун хурдтарин гурӯҳи иҷтимоӣ ва такягоҳи маънавии давлат дар давраи ҳозира ба мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ аст. Ба оила додани мақоми яке аз субъектҳои пешбари тарбияи ватандӯстии хонандагон, ба мундариҷаи тарбияи

ватандӯстӣ ворид намудани масъалаи ҳифзи муҳити ахлоқию маънавии оила аз лиҳози илмӣ асосонок ва ҳаётан муҳим ба шумор меравад.

Дар раванди тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути усулҳои худомӯзӣ шаъну эътибори оила бо давомнокии махсуси худ аз лиҳози вақт фарқ мекунад. Дар хона кӯдак аз се ду ҳиссаи вақти худро мегузаронад. Дар хона ӯ бозӣ мекунад, мехонад, дарсҳоро тайёр мекунад, вориди меҳнати рӯзмарра дар оила мешавад, истироҳат мекунад, радио гӯш мекунад, телевизор тамошо мекунад. Ҳамзамон бо наздиконаш дар бораи таассурот, хурсандию ғами худ суҳбат мекунад. Одатҳое, ки кӯдак дар оила касб мекунад, дар тамоми ҳаёти ӯ боқӣ мемонанд.

Неруи тарбияи ватандӯстии хонандагон дар оила бо усулҳои худомӯзӣ дар эҳсосоти амиқи он зоҳир мегардад. Муносибатҳо бо волидони азиз ва дӯстдоранда ҳама вақт дар дараҷаи баланди эътимод ба ҳамдигар қарор мегиранд. Агар падару модар дар тарбия ба иштибоҳе роҳ надиҳанд, дили кӯдак барои онҳо ҳамеша боз аст. Ин имкон медиҳад, ки саривақт рафтори ӯро метавон ислоҳ кард, дар кӯдак хислатҳои мусбатро тарбия кард ва аз рафторҳои ношоиста ӯро боздошт. Таъсири волидон ба тарбияи ватандӯстии хонандагон бо истифода аз имконоти худомӯзӣ бо дарназардошти он ки нахустин шуда бо ӯ муошират менамоянд, хеле калон аст.

Дар инкишофи тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути усулҳои худомӯзӣ нақши фанҳои таълимӣ низ хеле назаррасанд.

Аз худ кардани муҳтавои фанҳои таълимӣ аз ҷониби хонандагон боиси касб кардани чунин донишҳои марбут ба ватандӯстии онҳо мегардад:

-донистани таърихии зодгоҳ ва ватани худ;

-донистани қоидаҳо ва расму оини мардумӣ;

-донистани сохтори давлатии кишвари худ ва рамзҳои он;

-донистани меъёрҳои иҷтимоии рафтор дар ҷамъият;

-донистани табиати ватани худ ва имкониятҳои ҳифз намудани он;

-донистани роҳҳои истифода намудани имкониятҳои шахсии худ ба фоидаи ҷамъият ва ғайра.

Мақсад ва натиҷаи тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути усулҳои худомӯзӣ дар раванди таълим, бешубҳа, ақидаҳо ва этиқоди ватандӯстӣ, ки дар хонандагон ташаккул дода мешаванд, ба шумор меравад.

Инчунин ба ватандӯстӣ моил намудани хонанда ҳам мақсад ва натиҷаи ниҳоии тарбияи ватандӯстӣ тавассути худомӯзӣ маҳсуб меёбад. Таҳти чунин тамоюлот дар асоси арзишҳо ва ғояҳои ватандӯстӣ якҷо шудани майлҳо ва эътиқодоти шахс фаҳмида мешавад, ки мақсади ӯро ба рафтору меҳнати барои ҷомеа муҳим муайян мекунанд ва боиси мавҷеъгирии хонанда дар масъалаҳои асосии ахлоқӣ ва шаҳрвандӣ мегарданд.

Муҳтавои тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути усулҳои худомӯзӣ бар пояи амалӣ намудани мақсаду вазифаҳо ва бар пояи тасаввурот ва риояи муқаррароти асосии муайян, яъне эътиқод қарор мегирад.

Адабиёт:

1. Сухомлинский В.А. Разговор с молодым директором школы. М.: Просвещение, 1973. 208 с.

2. 2. Макаренко А. С. Педагогическая поэма// Сочинения: В 7 т. –М: Из- во АПН, 1957. – Т. 1.- 784 с.

3. Лутфуллоев М. Фарзанд ҳадяи Худованд. Душанбе, 2007.

4. Лутфуллоев М. Шарафномаи миллат. Душанбе: “ Сарпараст”, 2003.

5. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи Аҳам. Душанбе, 1997.

ПРОБЛЕМА ТОЛЕРАНТНОСТИ В СИСТЕМЕ ОБЩЕГО ОБРАЗОВАНИЯ

Базарова Л. А. *- старший преподаватель кафедры русского языка и литературы факультета русской филологии Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.: (+992)919 16 60 74, e-mail: bazarova_lola@mail.ru*

В статье обозначена особая роль школы в формировании толерантного сознания у подрастающего поколения, а также авторитетный статус педагога и родителей в становлении миролюбивой личности, описаны особенности воспитания толерантности в Таджикистане. Утверждается, что для решения этой проблемы должны не только разрабатываться, но и внедряться в систему школьного образования специальные программы по развитию толерантности.

Ключевые слова: *толерантность, формирование, влияние, язык, культура, школа, воспитание.*

МАСЪАЛАИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ДАР НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

Базарова Л. А. *– муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти руси факултети филологияи руси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992)919 16 60 74, bazarova_lola@mail.ru*

Дар маколаи мазкур муаллиф оид ба нақши махсуси мактаб дар ташаккулёбии ҳисси тҳаммулпазирии насли наврас, инчунин мақоми эътиборнокии омӯзгор ва волидайнро дар ташаккули шахсияти сулҳҷӯёна нишон дода, андешаҳои худро баён намудааст.

Муаллиф хусусияти тарбияи таҳаммулпазиронаро дар Тоҷикистон шарҳ дода, пешниҳод мекунад, ки барои ҳалли ин масъалаҳо барномаҳои махсус оид ба ташаккули таҳаммулпазирӣ дар низоми таълими мактабӣ бояд таҳия ва ворид карда шаванд

Калидвожаҳо: *таҳаммулпазирӣ, ташаккулёбӣ, таъсир, забон, маданият ва фарҳанг, мактаб, тарбия.*

THE PROBLEM OF TOLERANCE IN THE SYSTEM OF GENERAL EDUCATION

Bazarova L. A. *- senior lecturer of the Russian Language and Literature Department of the Faculty of Russian Philology of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (+992)919 16 60 74, e-mail: bazarova_lola@mail.ru*

This article designates the special role of school in formation of tolerant consciousness of younger generation. There is indicated the authoritative status of educator and parents in formation of peaceable personality, and described the special upbringing of tolerance in Tajikistan. The article claims that for solving this problem

there should be developed and penetrated special programs for development of tolerance.

Key words: *tolerance, formation, impact, language, culture, school, upbringing.*

В современном обществе одной из актуальных проблем становится вопрос о толерантности. Это вызвано целым рядом причин: резкое расслоение людей по экономическим, социальным и другим признакам и связанный с этим рост нетерпимости, развитие религиозного экстремизма, обострение межнациональных отношений. В настоящее время все чаще люди проявляют цинизм, равнодушие и агрессию по отношению к другим людям, что в конечном итоге нередко приводит к возникновению противоречий и конфликтов, которые могут иметь тяжелые последствия.

Толерантность, заключающаяся в понимании и уважении многообразия культур мира, различных вероисповеданий, традиций, ценностей, форм самовыражения и способов проявления человеческой индивидуальности, должна стать реальным фактором жизнедеятельности личности, общества и государства. Говоря о толерантном сознании, необходимо сказать, что под толерантностью понимается терпимость к кому или чему-либо, готовность и способность предоставить другим возможности свободы мысли и действия. Важнейшими критериями определения толерантности выступают: сотрудничество, готовность мириться с чужим мнением, уважение человеческого достоинства, уважение прав других, принятие другого таким, какой он есть, способность поставить себя на место другого, уважение права быть иным, признание многообразия, признание равенства других, терпимость к чужим мнениям, верованиям и поведению, отказ от доминирования причинения вреда и насилия.

Особая роль в формировании толерантности личности принадлежит образовательной сфере и, в значительной степени, ее базовому звену – системе общего образования.

Известно, что проблема толерантности - одна из самых острых в школе. Школа способна стать для детей школой уважения и ненасилия, свободы и толерантности. Школа, осваивая социальную, природную, культурную среду, используя её воспитательные возможности и «приспосабливая» её к нуждам детства, призвана и может стать центром широкого воспитательного пространства.

Для начальной школы проблема воспитания толерантности актуальна сама по себе. На этом жизненном этапе начинает складываться взаимодействие между детьми, пришедшими из разных микросоциумов, с различным жизненным опытом и с несформированной коммуникативной деятельностью. Для плодотворного обучения необходимо свести эти противоречия в процессе взаимодействия к общей основе. Ненасильственное, уважительное отношение, гармонизация отношений в классе, воспитание толерантности способствует развитию сотрудничества.

Уже в первом классе, попадая в новую среду, в которой еще нет коллектива, нет детского сообщества, дети пытаются создать иерархически построенную, организованную структуру. Идет поиск лидера. У мальчиков этот поиск идет дольше, чем у девочек. Иногда мальчики дерутся, выясняя, кто сильнее телом и духом, а чаще просто толкаются. Лидером становится тот, кого уважают за силу, за умение организовать игру, придумать что-то интересное. Девочки сложной иерархии не образуют. У девочек выбор лидера происходит по формальным признакам: она лучше других одета, приносит в класс игрушки, которых нет больше ни у кого, ее хвалит учительница [1, с. 138].

На этом фоне легко может сформироваться установка нетерпимости к «чужим». У мальчиков агрессия часто проявляется физически (дерутся, толкаются), а у девочек вербально (дразнят, обзываются, говорят обидные вещи).

Правильная ли это позиция? Конечно, нет. Но детям самостоятельно трудно осмыслить, в чем он не прав. Поэтому задача учителя – донести до детей, что другой человек имеет право быть не таким, как ты, что обществу нужны не только такие, как ты, но и совсем другие, непохожие на тебя.

